**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТКБ 63.3 ( 2 ТОҶИК )**

**Ҳ -67**

**ҲИМАТЗОДА ҲАСАН ҲИМАТ**

# ИНЪИКОСИ ВАЗЪИ СИЁСӢ, ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АСРИ XV ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»-И МИРХОНД

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Роҳбари илмӣ:** номзади илмҳои таърих,
дотсент Муродзода Аҳмадхон Амрохон

**Бохтар - 2025**

**Нақша:**

МУҚАДДИМА……………………………………………………………….3-15

Боби 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУҲАММАД ИБНИ ХОВАНДШОҲ ИБНИ МАҲМУД МАЪРУФ БА МИРХОНД ВА РИСОЛАИ Ӯ «РАВЗАТ-УС-САФО ФӢ СИРАТИ-Л-АНБИЁ ВА-Л-МУЛУК ВА-Л-ХУЛАФО»

1.1.Зиндагиномаи Мирхонд…………………………………………………16-25

1.2.Сохтор ва тавзеҳи мухтасари бобҳои «Равзат-ус-сафо»…………26-32

БОБИ 2. БОЗТОБИ ВАЗЪИ СИЁСИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АСРИ XV ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»

2.1.Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳри солҳои 40-70-уми асри XIV..........................................................................................................33-65

2.2. Давлати Темуриён дар Хуросон...................................................65-91

2.3. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV........................................................................................................91-127

БОБИ 3. АВЗОИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХУРОСОНИ БУЗУРГ ДАР АСРИ XV БАР МАБНОИ АХБОРИ «РАВЗАТ-УС-САФО»

3.1.Вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ..........................................................128-136

3.2.Ҳаёти фарҳангӣ.........................................................................136-143

Хулоса……………………………………………………………...........144-151

Тавсияҳо.......................................................................................151-152

Рӯйхати маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда…………...…………....153-177

# МУҚАДДИМА

**Мақсади таҳқиқот.** Сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ дар омӯзиши ин ё он давраи таърихи яке аз манбаъҳои муҳими таърихӣ, маҳсуб меёбад. Бешубҳа, имрӯз бо дастрас гардидани осори хаттӣ, имконият фароҳам омадааст, ки бисёр паҳлуҳои норавшани таърихи халқи тоҷик дар гузашта аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шавад. Дар мадди аввал дар ин сарчашмаҳо оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV маълумотҳои арзишманде мавҷуданд, ки мутахассисони соҳа ба он дастрасӣ доранд. Ҳамзамон, иттилоъот бояд дод, ки на ҳамаи ин манбаъ ва сарчашмаҳои асримиёнагӣ то кунун мавриди омӯзиш ва таҳлили хосаи муҳаққиқон қарор гирифтаанд.

Бояд иқрор шуд, ки ин манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ, аз тарафи муаррихони дарборӣ, ё худ бо тавсияи ҳокимон навишта шуда бошад ҳам, дар онҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ пардохта шудааст. Одатан чунин асарҳо, бо дастур ва ё супориши ҳокиме, дар таърифу тавсифи онҳо навишта мешаванд. Дар дохили ин асарҳо роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, муноқишаҳои байни давлатҳо, намуди андозҳо, ситонидани андозҳои ғайриқонунӣ, исёну ошӯбҳо, зулму истибдоди ҳокимон нисбат ба мардуми оддӣ, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот ва ғайраҳо маълумоти нодир ироа шудааст.

Яке аз чунин асари таърихӣ «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мебошад, ки аз маъхазҳои арзишманди давраи ҳукумати хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб меравад. Азбаски муаллиф дар аксари

рӯйдоду кашмакашиҳои ин хонадон бевосита иштирок дошта, мушоҳидаҳояшро дар рисолаи худ «Равзат-ус-сафо» тасвир намудааст. Аз ин лиҳоз асари мазкур роҷеъ ба зимомдории хонадони Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ахбори ҷолиберо, хусусан оид ба авзои сиёсии минтақа дар аҳди охирин намояндагони хонадони муғулҳо, зиддият ва ихтилофоти онҳо барои соҳиб шудани мулкҳои аз дастрафта, талаву тороҷи хонҳои муғул нисбат ба аҳолии маҳаллӣ барои пажуҳандагон фароҳам меорад. Ба ҳамин хотир «Равзат-ус-сафои» барои омӯзишу пажӯҳиши давраи мазкур яке аз сарчашмаҳои муҳим маҳсуб мешавад.

Масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва XV таърихӣ инъикоси худро ёфтаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ**. Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон пайваста диққати муаррихони хориҷӣ ва дохилиро ба худ ҷалб менамуд. Роҷеъ ба ин давраи таърихӣ пажуҳандагони зиёде чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ таҳқиқоти мушикофона доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ анҷом додаанд. Инчунин дар ҳамин раванд сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва рисолаҳо тасҳеҳ, бозгардон ва дифо шуданд. Аммо омӯзиши интиқодии бисёре аз сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ хусусан, рисолаи таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бояд ёдовар шуд, ки дар аҳди шуравӣ ва имрӯз дар робита ба ин давраи таърихӣ таҳқиқоти чанде аз ҷониби

муҳаққиқон ба сомон расидааст. Роҷеъ ба омӯзиши рисолаи Мирхонд, хусусан аҳди Темуриён дар дохил ва хориҷи кишвар мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Доираи омӯзиши ин мавзуъ ба таърихи ҷуғрофиёи ин давраи таърихии Мовароуннаҳру Хуросон тааллуқ дорад.

Зимнан бояд тазаккур дод, ки як идда муҳаққиқон ба монанди В.В. Бартолд [104, с.25-178], Б. Ғафуров [12], Б. Ахмедов [213, с.45-53], А.Ю.Якубовский [206, с.68], О.Д. Чехович [254], Т.С. Саидкулов [180, с.192], А. Шарифов[199, с.4-45], Ш. Мирзоев [235, с.79-86] ва дигарон дар таҳқиқоти худ зимни омӯзиш ва таҳқиқи ҳодисаҳои даҳшатангези Хоразм аз осори Мирхонд «Равзат-ус-сафо» васеъ истифода намудаанд.

«Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд аз нодиртарин сарчашмаи таърихӣ маҳсуб мешавад, ки кайҳо боз таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Инчунин баъзе аз пажӯҳишгарон амсоли: Б. Ғафуров [122, с.473-478], Ғ. Ғолибов [124, с.268-285], Н. Амиршоҳӣ [171, с.434-450], Ҳ. Камол [148, с.422-440], А.Ю. Якубовский [258, с.42-74], Л. Бойматов [113, с.28] ва дигарон дар таълифоти хеш ҳодисаҳои даҳшатангези нимаи дуюми асри XIV-и Мовароуннаҳр аз осори Мирхонд «Равзат-ус-сафо» ба таври васеъ истифода намудаанд.

Муҳаққиқи тоҷик [171, с.461] Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ дар таҳқиқоти худ оид ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бештар такя кардааст. Ӯ дар инъикоси ҳуҷуми Темур ба Ҳирот дар соли 1380 бо такя ба ахбори Мирхонд қайд менамояд, ки Темур дар ин шаҳр «…ду ҳазор касро аз қалъа берун оварда, бар болои як дигар

ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад» [171, с.461].

Инчунин, ӯ бо истифода аз ахбори ин манбаъ қайд мекунад, ки Темур «Мироншоҳро фармон дод, то ба Самарқанд омада, малик Пирмуҳаммад ибни Ғиёсиддини (Куртро) бо ду писараш-Маҳмуд ва Зайналъобиддин нест гардонид ва аз насли мулуки Курт эътиборе намонд.» [212, с.11-23].

Академик Б.Ғафуров дар таҳқиқи масоили таърихи Осиёи Миёна дар нимаи XIV ва асри XV аз «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд баҳраманд гаштааст. Ӯ дар китоби «Тоҷикон» қайд мекунад, ки «Муҳимтарин асари таърихии давраи Темуриён китоби «Равзат-ус-сафо» мебошад» [122, с.509].

Донишманди эронӣ Аббоси Парвиз дар пажуҳиши худ оид ба аҳамияти таърихии рисолаи мазкур қайд мекунад, ки "Равзат-ус-сафо» ҷиҳати нависандагону муҳаққиқини баъд аз ӯ ҳамон мақому манзалатро дорад, ки «Таърихи Табарӣ»дар назари муаррихини қалб аз Мирхонд дошт. [47, с.196].

Н. Амиршоҳӣ дар мақолаи «Темур –дувумин чеҳраи хунрези таърих» [212, с.11-23] бо такя ба ахбори рисолаи «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ифшо кардааст. Аз ҷумла, ӯ зимни инъикоси ҳуҷуми Темур ба шаҳрҳои Систон, қалъаҳои Сурх ва Ҳазорасп ва ғайраҳо ба рисолаи Мирхонд хунхориву ғоратгариҳо муроҷиат карда, аз қавли ӯ менависад: «Шикаст ба ғӯриён афтода, ҷамъе касир аз он тойифа ба қатл омаданд...Ва аз барои эътибор аз руус (сарҳо)-и куштагон чанд манора бароварданд»[212, с.11-23].

Муҳаққиқи аврупоӣ Лусин Буват [118, с.26] дар таҳқиқоти худ оид ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи асри XIV ва асри XV ба «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бештар таваҷҷуҳ фармудааст. Ӯ дар баёни арзиши «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд чунин қайд мекунад: «Маъруфтарин таърихнигор баъд аз марги фотеҳ (Темур Г.Ҳ.) Мирхонд ё ба иборати дурустар Муҳаммад ибни Ховандшоҳ дар гузашта ба соли 903 ҳ.қ аст.» [118, с.26].

Н.Амиршоҳӣ [171, с.304] бо такя ба ахбори рисолаи «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ҳуҷуми Темур ба шаҳрҳои Ҳирот, Систон, Буст, қалъаҳои Сурх, Ҳазорасп ва вайрону валангор кардани онҳо, хунхориву ғоратгариҳо, бунёди калламанораҳо иқтибос мекунад.

Як қатор муҳаққиқони дигар, ба амсоли Лусин Бувот [118, с.304], Ғ. Ғолибов [124, с.906; 125, с.250], «Таърихи Эрон давраи Темуриён» [188, с.467], Б. Ахмедов, [213, с.45-53], Г.Н. Турсунова [192, с.191] ва таҳқиқи ҳаводиси таърихии дигарон зимни омӯзиш ва нимаи дуюми асри XIV-XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз рисолаи «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд истифода кардаанд.

Мубрам будани мавзуъ дар он дида мешавад, ки то ба ҳол ҳеҷ асари илмие дар алоҳидагӣ дар таърихнигории Тоҷикистон ба таҳқиқи рисолаи Мирхонд «Равзат-ус-сафо» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад.

Ҳамин тавр, баррасӣ ва таҳлили интиқодии рисолаи Мирхонд дар таърихнигории Тоҷикистон аз мавзуҳои мубрам буда, барои гардиши илмӣ ворид шудани далелҳо ва ахбороти нав аз ин рисола,

ки шароити бештари инъикоси ҳодисаҳои таърихиро дар бар мегирад, мусоидат менамояд.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши маҷмӯии инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мебошад. Дар иртибот ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV-XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар асари мазкур инчунин оид ба касбу кори муаллиф ва таърихи навиштани «Равзат-ус-сафо» мақсади омӯзиш ва таҳқиқ пажуҳиш баррасии вазифаҳои зайлро зарур медонад:

-дар асоси таҳлилу баррасии манбаъҳои таърихӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Мирхонд;

-омӯзишу баррасии муҳтаво ва мазмуни бобҳои таърихии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд;

-бо такя бар маълумоти Мирхонд баррасии дараҷаи вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV-XV;

-таҳқиқи таърихи лашкаркашии намояндагони Темуриён ба Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XIV-XV;

-таҳлили вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Темур бо такя ба маълумоти Мирхонд;

-таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр ва Хуросон дар замони ҳукмронии Темур ва Шоҳрух бо такя ба маълумоти Мирхонд;

-муқаррар намудани арзиши илмии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ҳамчун сарчашмаи дасти аввали таърихӣ.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** рисолаи арзишманди Мирхонд «Равзат-ус-сафо» мебошад, ки маводҳои он ба унвони ахбори таърихии боэътимод дар баррасии масоили сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон ба доираи илмӣ кашида шудаанд.

**Мавзуи (предмет)** таҳқиқот ин иттилоъоти таърихӣ ва далелҳои нишондодашуда дар асари «Равзат-ус-сафо» ва муқоисаи онҳо бо ахбори дигар сарчашмаҳои таърихии ин давр мебошад. Дар ин замина рисолаҳои Низомиддини Шомӣ «Зафарнома», Муиниддини Натанзӣ «Мунтахабу-т-таворих», Шарафиддин Алии Яздӣ «Зафарнома», Ҳофизи Абрӯ «Зубдат-ут-таворих», Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн», Муъинуддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ «Равзот-ул-ҷаннот-ил-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот», Давлатшоҳи, Самарқандӣ «Тазкират-уш-шуаро», Хондамир «Ҳабиб-ус-сияр» ва ғайра дар назар гирифта шудаанд.

**Асосҳои методологии диссертасия.** Ҳангоми омодасозии диссертасия усулҳои гуногуни таҳқиқи маъхазҳо, осори хаттӣ ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама омӯзиши асосу далелҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи манбаъшиносии таҳқиқот** васеъ ва гуногунҷанба буда, онро шартан метавонем ба ду гурӯҳ ҷудо намоем:

Ба гурӯҳи аввал сарчашмаҳои хаттие дохил мешаванд, ки дар бораи ҳаводиси нимаи дуюми асри XIV ва аввали асри XV Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамчун сарчашмаи арзишманд маҳсуб

меёбанд [58; 45; 46; 23; 1; 2; 3; 4; 5; 84; 85; 37; 77; 78; 79; 80; 81; 67; 69; 70; 71; 56; 57; 7; 28; 29; 30; 41; 44; 75; 76; 52; 53; 54; 55; 49; 86].

Гурӯҳи дуюмро манбаъҳои таърихие ташкил медиҳанд, ки ба шарҳи ҳаводиси нимаи дуюми асри XV тааллуқ доранд [29; 14; 24; 25; 26; 72; 73; 74; 10; 11].

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба баррасии вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи мавриди таҳқиқ дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд бахшида шудааст. Навовариҳои диссертатсионӣ ҳамчунин дар нуқоти зерин баён мегардад.

Муаллиф дар таълифи рисола қисми аз ҳодисаҳоро дар натиҷаи мушоҳидоти худ ва қисми дигарро аз ҳуҷҷатҳои расмии дарбори Шоҳрух ва Ҳусайн Бойқаро ва дигар таърихнависони дарборӣ ӯ, ки пеш аз ӯ ба навиштани таърихи хонадони Темуриён машғул буданд, дастрас намуда, истифода бурдааст.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот) нимаи дуюми асри XIV ва асри XV Мовароуннаҳру Хуросонро дарбар мегирад. Аммо бо сабаби вобастагии мавзӯъ ба ҳодисаҳои **то соли 1361 муаллиф аз давраи таваллуди Темур (1336) маълумот** додааст. Таҳқиқоти мазкур фарогири 100 соли нимаи дуюми асри XIV ва асри XV мебошад, ки онро метавон ба чунин давраҳо ҷудо кард:

-асари Мирхонд бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

-ҳаводиси таърихии асари мазкур бори аввал мавриди таҳлили илмӣ-интиқодӣ қарор ёфтааст;

-нусхаҳои дастхати «Равзат-ус-сафо», макони нигоҳдошт, санаи нашри онҳо, сифати он ва муқоисаи онҳо бо нусхаҳои мавҷуда буда муайян карда шуд;

-дар асоси «Равзат-ус-афо» вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи таҳқиқ ба таҳлили илмӣ кашида шуда, дараҷаи арзишмандии он ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муайян карда шудааст;

-«Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ҳамчун манбаъ дар инъикоси лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба минтақа мавриди таҳлил қарор дода шуда, дараҷаи эътимоднокии он муайян карда шудааст;

-арзиши илмии «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд ҳамчун сарчашмаи таърихӣ дар инъикоси раванди лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон, ваҳшониятҳои онҳо, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот бо усули татбиқӣ муайян шудааст;

-бо такя ба маълумоти Мирхонд вазъи оммаи халқ, андозситонии ғайриқонунӣ, исёну ошубҳо дар минтақа дар қиёс бо дигар сарчашмаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

-маълумоти Мирхонд роҷеъ ба вазъи илму адаб дар ин давраи таърихӣ дар қиёси манобеи дигари таърихӣ бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шуд;

-иштибоҳоти баъзе ҳаводиси таърихии ин давра дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод мешавад:**

-дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV дар Мовароуннаҳру Хуросон хусусан дар давраи зимомдории намояндаи хони муғул Қазаған....возеҳу равшан нишон дода шудааст.

-дар натиҷаи парокандагии сиёсии Мовароуннахр ва муташанниҷ гардидани авзои сиёсии минтақа, ба мулкҳои алоҳида тақсим шудани мулкҳои алоҳида, сар даровардани хонҳои муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон, задухӯрдҳои шадид байни онҳо, шикасти муғулҳо аз ҷониби сарбадорон, шуриши сарбадорони Самарқанд ва оқибатҳои он дар сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ;

-рӯ овардани Темур ба Хоразм ва вайрону валангор гардидани ин шаҳр ва кишт кардани ҷав дар ин мавзеъ, кучонидани мардум ба Самарқанд аз ҷониби ӯ, аз байн бурдани ҳокими Хатлон Кайхусрав, ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расондани мардуми таҳҷоии шуриш бардоштаи Самарқанд возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

-новобаста ба он, ки Мирхонд нисбат ба намояндагони хонадони Темуриён аҳду сано гуфта бошад, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ӯ дар осори худ ба тариқи пардапӯшона куштору қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот ва қалъаҳо, инчунин дуздию ғоратгарии онҳоро ифшо кардааст.

-муаллиф қайд мекунад, ки Темур пас аз ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр барои ҳарчи зудтар ба зери тобеияти худ даровардани Хуросон аз ҳар роҳу восита истифода мебурд. Аз ҷумла, намояндагони худро ба назди ҳокими Ҳирот Муизиддини Курт

фиристода то ки бо хоҳиши худ ба зери тобеияти ӯ дарояд. Дар ҳолати ҷавоби рад гирифтан ӯ роҳи зӯриро пеша карда ва мулки Хуросонро ба хоку хун оғӯшта карда ва намояндагони хонадони Оли Курт ва қатли онҳо.

-лашкаркашии Темур ба Хитой, вафоти ӯ дар Утрор, муборизаҳои тулонии хонадони Темуриён барои ба даст овардани ҳокимият, рақобати Халил султон бо ҳокими Хуросон Шоҳрух, асир гардидани Халил султон, таъйин намудани Улуғбек ба ҳайси ҳокими Мовароуннаҳр аз ҷониби Шоҳрух, лашкаркашиҳои Шоҳрух ба Ғӯру Сиистон ва вайрону валангор кардани онҳо, исёнҳои мардуми таҳҷой бар зидди Шоҳрух.

-вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Шоҳрух, лашкаркашии Улуғбек ба Хуросон, вайрону валангор кардани Ҳирот аз ҷониби Улуғбек ва лашкариёни ӯ, зиддияти Улуғбек бо Абдуллатиф ва кушта шудани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф, кушта шудани Абдулатиф аз тарафи Аббос.

-кушта шудани ҳокими Мовароуннаҳр аз ҷониби Абдуллохон ва ҳокимияти Мовароуннаҳро соҳиб шудани Абусаид, вазъи сиёсии Хуросон дар аҳди Мирзо Бобур, соли 1454 лашкаркашии мирзо Бобур ба Самарқанд ва шикасти шармандавори ӯ, аз ҷониби аҳолии Самарқанд зери роҳбарии Хоҷа Аҳрорӣ Валӣ.

-пас аз фавти мирзо Бобур ҳокимияти Хуросон ба зери тобеияти Абусаид даромада, исёну шуришҳои пайдарпай бар зидди ӯ дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон ба амал омаданд,

ҳамчунин вазъи илму фарҳанг низ дар аҳди ҳукумронии Абусаид дар дар сатҳи хеле паст қарор гирифт.

-роҷеъ ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон Мирхонд қайд мекунад, ки пас аз фавти Абусаид дар Хуросон Ҳусайн Бойқаро ва дар Мовароуннаҳр бошад Мирзо Аҳмад ба сари қудрат омаданд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия** пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд мавриди таҳқиқи сарчашмашиносӣ ва муайян кардани он ҳамчун манбаи дасти аввал қарор мегирад. Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши раванди ҳодисоти асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳр ва Хуросони давраи мазкур, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои олии таълимӣ, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ истифода кард. Тавсия ва пешниҳоди муаллифро метавон ҷиҳати рушди илми таърихнигорӣ ва сарчашмашиносии миллӣ васеъ истифода намуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дурустии маълумот, пуррагии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот гардидаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар семинарҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДБ ба номи Н.Хисрав (суратҷаласаи № 12 аз 28 июни соли 2025) ва Шурои олимони Донишгоҳ (суратҷаласаи № 9 аз 26 аплели соли 2022) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 3 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 177 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, 3 боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (267-номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУҲАММАД ИБНИ ХОВАНДШОҲ ИБНИ МАҲМУД МАЪРУФ БА МИРХОНД ВА АСАРИ Ӯ «РАВЗАТ-УС-САФО ФИ СИРАТИ-Л-АНБИЁ В-АЛ-МУЛУК В-АЛ-ХУЛАФО»

## 1.1. Зиндагиномаи Мирхонд

Мирхонд яке аз муаррихони барҷастаи асри XV-и Хуросон ба ҳисоб меравад. Номи аслии ӯ Муҳаммад ибни Сайид Бурҳонуддин Ховандшоҳ ибни Камолуддин Маҳмуд маъруф ба Мирхонд мебошад. Асари таърихии ӯ Равзат-ус-сафо» ном дошта, яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихӣ ба ҳисоб рафта, дар он роҷеъ ба ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабии нимаи дувуми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар худ маълумоти ҷолибе дорад, ки то андозае дар дигар манбаъ ва сарчашмаҳои таърихии ин давра вуҷуд надорад. Зимнан бояд қайд кард, ки асари мазкур аз ҳафт китоб иборат буда, китобҳои шашум ва ҳафтуми он ҳодисаҳои таърихии замони Темур ва Темуриёнро инъикос мекунад.

Мирхонд яке аз намояндагони барҷастаи илму фарҳанг дар таърихи Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон маҳсуб мешавад. Ӯ муаррихи бузургтарин давраи таърихии аҳди Темуриён ва яке аз чеҳраҳои машҳури аҳди худ ба шумор мерафт.

Муҳаммад ибни Сайид Бурҳонуддин Ховандшоҳ ибни Камолуддин Маҳмуд, ки ба Мирхонд машҳур аст, соли 837ҳ (1433) дар Балх ба дунё омадааст. Алишери Навоӣ падараи Мирхонд, яъне Сайид Бурҳониддини Ховандшоҳро аз шумори бузургони «Қуббатулисломи Балх» ва «аълами уламои муҳаммадӣ» муаррифӣ кардааст [130, с.223]. Аббоси Зарёб оид ба шахсияти Мирхонд чунин тавсия мекунад: «…ба чаҳор восита фарзанди Сайиди Аҷалли Бухорист, ки аз содоти бузурги Мовароуннаҳр буд» [47, с.7]. Аз ахбори «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддин бар меояд, ки гузаштагони онҳо дар аҳди муғулҳо дар мансабҳои баланд кор ва фаъолият менамуданд. Онҳо дар назди хони бузург шинохта шуданд, то ҷое, ки даҳҳо тан аз олу авлоди ӯро дар вазифаи гуногуни давлатӣ мадхал дода буданд [47, с.7].

Сайид Бурҳонуддин Ховандшоҳ дар синни хурдсолӣ аз падари худ Камолуддин Маҳмуд ятим монд ва рӯ ба Балх овард. Сипас, ба Ҳирот омад ва илмҳои замони худро аз бар кард ва яке аз шахсиятҳои барҷастаи замони худ гардид. Шуҳрати ӯ дар байни уламои бузурги Ҳирот то ба дараҷае расид, ки Шайх Баҳоуддин Умар аз Мирхонд хоҳиш кард, то ки пас аз маргаш ба ӯ намоз гузорад. Бояд гуфт, ки ихлоси ин шайхи бузург нисбат ба Мирхонд ба дараҷае будааст, ки боре ба ӯ гуфтааст: «Сайидо, мо мехостем бо ҳам бошем, аммо Аҳмади Хизравия (Абуҳомид Аҳмад ибни Хизравияи Балхӣ мутаввафо дар 854-55 аз орифони маъруф, ки мадфун дар Балх буд) гиребони туро гирифт ва ба сӯи худ кашид» [47, с.196]. Дар охири ҳаёти худ Мирхонд аз нав ба Балх омад ва дар он ҷо дунёро падруд кард ва дар паҳлӯи Хизравияи Балхӣ ба хок супурда шуда ва аз Мирхонд се писар боқӣ монд.

Бино ба ахбори манбаъҳои таърихӣ аз давраи дар Балх қарор доштани Мирхонд иттилоъоте дар даст нест. Аз ҷумла, чанд маълумоте, ки ба даст омадааст, маҳз тавассути асари худи муаллиф, дастрас шудааст. Инчунин наберааш Хондамир, муаллифи асари «Ҳабиб-ус-сияр» то он ҷое тавонистааст, ба баъзе паҳлуҳои ҳаёти ин муаррихи барҷаста маълумот додааст, боқӣ мондааст, мавриди омӯзиш қарор гирифт.

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Мирхонд дар ҷавониаш майлу рағбати бештар доштааст ба омӯзиши илмҳои таърих. Тавре ки муаррих қайд мекунад: «Муҳаммад ибни Ховандшоҳ…дар баҳори олами ҷавонӣ ва авосити айёми зиндагонӣ, ки беҳтарин авқот ва хуштарин овони ҳаёт аст, хотири фотир ва замири касир ба мутолааи кутуби таворих, ки сабаби вуқуф аст, бар авзои аҳли олам ва мӯҷиби иттилоъ бар кайфияти сулуки тавоифи умам, моилу машғуф мебуд» [47, с.7-8]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки аз овони кӯдакии Мирхонд иттилоъоте дар даст нест, ба ҷуз он ки худи муаллиф иттилоъ медиҳад, ки соли 1448 дар яке аз ҷангҳои байни Алоуддавла ва Улуғбек иштирокчии бевосита буд. Мирхонд ба хурдсолии худ нигоҳ накарда, ба падараш таъкид кард, ки амволи бисёр нагирад, зеро ки

моҳ дар ҳолати камшавист. Бояд гуфт, ки ин суханони Мирхонд боиси қаҳру ғазаби падараш гардид. Воқеан гуфтаҳои Мирхонди ҷавон рост баромад ва онҳо дар ин ҷанг дучори шикаст шуда, тамоми молу амволи онҳо ба дасти душман афтид. Онҳо ҳарчанд талош карданд, ки ин молу амвол аз як шайхи бузург аст, аммо онҳо дар ҷавоб чунин баён карданд: «Мо ҳам ин ашёро барои табаррук мебарем!» [47, с.191-197].

Бояд гуфт, ки Мирхонд, ки дар фаҳми илми таърих қобилияти хуб дошта, наздиконаш бо ҳар роҳу восита талош бар он кардаанд, ки ӯро ба доираи дарбор кашанд, то бо кӯмак ва дастгирии бевоситаи мансабдорони давлатӣ асаре дар фанни таърих бинависад. Ҳамин тариқ, ӯро ба назди Алишер Навоӣ, ки дар дарбори Ҳусайн Бойқаро ва доираи олимони он давр обрӯ ва эътибори хосса дошт, оварданд. Амир Алишер дар асари худ «Маҷолис-ун-нафоис» Мирхондро чунин тавсиф мекунад: «Ҷавонест, ки дар синни ҳадосат ҷамеи аснофи улуми маъқула ва манқуларо бар ваҷҳи камолӣ таҳсил фармуда ва бо ҳасаби олӣ насаб дорад…Ва бисёр ҷавоне фонимашрабу муаддаб аст ва дар илми таъриху иншо беҳамтост!» [47, с.191-197].

Соли 1469, яке аз шоирони он давр Алишер Навоӣ, ки ба ҳайси мансаби девон дар аҳди Ҳусайн Бойқаро расид, такягоҳи аҳли шоиру нависандагон буд. Аз ҷумла, Алишер Навоӣ дар чунин як давраи душвор Мирхондро низ дар зери ҳимояи худ гирифт. Тавре ки Аббоси Зарёб қайд мекунад: «Амир Алишер ӯро ба ин кор тарғиб кард ва дар иҷрои тарҳаш ҳама гуна ёрӣ кард: китобҳову васоили таълиф дар ихтиёри ӯ гузошт ва хонаеро, ки аз они худаш дар хонақоҳи Ихлосия бар канори наҳри Анҷил ё Анҷир аз музофоти Ҳирот ва муҳозии мадрасаи Ихлосия буд, маҳалли кори ӯ қарор дод» [47, с.191-197]. Бояд гуфт, ки аз тақдири минбаъдаи Мирхонд дар ягон сарчашмаи таърихӣ иттилоъоти дигаре мавҷуд нест.

Мирхонд рисолаи худро дар ҳоле менавишт, ки вазъи саломатиаш чандон худ набуд. Тавре ки ӯ қайд мекунад, вақте ки ба навиштани таърихи

султон Абусаид шуруъ кард, ӯ ба заъфи ҷигар ва дарди куллия мубтало шуд, чунон ки маҷоли нишастан надошт ва атиббо (табибон) ӯро ба риояи парҳези сахт дастур доданд, аммо ӯ ба таъкиди табибон нигоҳ накарда, пайваста машғули навиштани асари худ «Равзат-ус-сафо» буд. Дар ҷойи дигар муаллиф мегӯяд, ки рафту шабе аз навиштан мемонд, хобҳои ошӯфта медид [47, с.191-196]. Бояд гуфт, ки Мирхонд асари худ «Равзат-ус-сафо»-ро дар муддати сӣ сол навишт ва 22 июни соли 1498 вафот кард ва ҳанӯз навиштани асари худро ба анҷом нарасонида буд. Асари мазкур бо номи «Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо» дар миёни муаррихон маълуму машҳур гардидааст.

Бояд гуфт, ки асари Мирхонд «Равзат-ус-сафо» аз муқаддима, ҳафт қисм ва хотима иборат аст:

Қисмати нахустини асар роҷеъ ба паҳлуҳои мухталифи фанни таърих, аз ҷумла, таърихнигори ислом; оид ба пайдоиши дунё, пайғамбарон ва таърихи қаблазисломии эрониён; қисмати дуюм роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва паҳн шудани дини ислом, ҳаёт ва фаъолияти пайғамбари он (с) ва таърихи хулафои рошидин (чаҳорёрон);

Қисмати сеюми асар оид ба таърихи имомони дувоздаҳгона, Умавиён ва Аббосиён; қисмати чаҳоруми асар оид ба таърихи давлатҳои маҳаллии тоҷикӣ ба монанди Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён, Зиёриён, ҳукмронии Ғуриён дар Хуросону Ҳиндустон дар арафаи ҳуҷуми муғул ва ҳукуматҳои тоҷикии Бомиён (ғуриёни Бомиён), ки ҳудуди имрӯзии Тоҷикистон ба ҳайати давлати онон дохил мешуд, давлати тоҷикии Куртҳои Ҳирот, ҳокимони маҳаллии тоҷикии Сиистон, Исмоилиёни Аламут, Музаффариёни тоҷик дар Форсу он ҷавониб ва Фотимиён, Ғазнавиён, Қарахониён, давлатҳои мутааддиди Салчуқиён ва чи гуна забт шудани сарзаминҳои тоҷикон ба дасти эшон, Қарахитоиён ва ба Мовароуннаҳр-сарзамини шарқии тоҷикон соҳиб шудани дастаҳои туркӣ, Қарахитоиёни Кирмон, дар ҳудуди тоҷикон аз соҳилҳои дарёи Сайҳун то соҳилҳои Даҷла,

таърихи муборизаҳои пайвастаи тоҷикон бар зидди аҷнабиёни муғул солҳои тулонӣ, қатли омми мардуми таҳҷоӣ дар минтақа, вайрону валангор кардани шаҳру деҳоти тоҷикнишин, корнамоии фарзандони фарзонаи тоҷик бар зидди аҷнабиёни муғул; Қисмати чорум дар таърихи давлатҳои маҳаллии тоҷикӣ (эронӣ) аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён, Зиёриён, ҳукмронии Ғуриён (тоҷикон) дар Хуросону Ҳиндустон дар арафаи ҳуҷуми муғул ва ҳукуматҳои тоҷикии Бомиён (ғуриёни Бомиён), ки ҳудуди имрӯзии Тоҷикистон ба ҳайати давлати онон дохил мешуд, давлати тоҷикии Куртҳои Ҳирот, ҳокимони маҳаллии тоҷикии Сиистон, Исмоилиёни Аламут, Музаффариёни тоҷикнасаб дар Форсу он ҷавониб ва Фотимиён, Ғазнавиён, Қарахониён, давлатҳои мутаъаддиди Салҷуқиён ва чигуна ғасб намудани сарзамини тоҷикон ба дасти эшон, Қарахониён ва ба Мовароуннаҳр - сарзамини шарқии тоҷикон соҳиб шудани дастаҳои туркӣ, Қарахониёни Кирмон, падид омадани Туркия ва давлатдории туркманон дар он сарзамин, Хоразмшоҳиён, Атобакони Форсу Луристону Озарбойҷон ва ғайра ба саразмини Хуросон сар даровардани афғонон ва ҳаводиси дигари марбут ба ин давраи таърихӣ гирд оварда шудааст.

Дар қисми панҷуми ин асар таърихи Чингиз, муғулони чингизӣ ва офати овардаи онон бар оламиён аз Чин то Аврупо, умуман ва хусусан таърихи муфассали бедодгариҳои ваҳшиёнаи онон дар сарзамини тоҷикон аз савоҳили рӯди Сайҳун то савоҳили Даҷла. Таърихи муборизаҳои мутаъаддади тоҷикон дар имтидоди бештар аз 150-соли истибдоди муғул ва талаф ёфтани ин мардум ва шарҳу баёни он, ки чигуна бештар аз 10 миллиони онон ба қатл расиданд ва чигуна кишвари онон бештар аз ҳар мамлакати дигари ҷаҳон рӯй ба харобӣ овард ва ғайра. Инчунин дар баёни он, ки чигуна фарзандони бокареҳаи тоҷик, бо ҳар роҳ ба дарборҳои хунхорони муғулӣ ба сифати вазирону сарварони илм ва амсоли ин ба кор мерафтанд (аз қабили Насриддини Тӯсӣ, Шамсуддини Соҳибдевон, Рашидуддин ва ғайра) ва ватану халқи худро бо ҳар восита ҳимоя мекарданд

ва ҳамчунони дигар ахбори таърихӣ роҷеъ ба донишмандону сиёсатмадорони тоҷик, ки дар Муғулистон Чин фаъолият доштанд, гирд омадааст.

Қисмати шашуми асар, ки шуруъ мешавад аҳди Темуриён дар он ҷангҳо, забту бераҳмиҳои ваҳшиёнаи Темур ва тавсеаи ҳукуматаш аз Аврупои шарқӣ то сарҳадоти Чин, шарҳи ҷангҳои мутааддид бо қабоили ӯзбак ва аз Дашти Қипчоқ, рӯ овардани аҷнабиёни муғул ба сарзамини тоҷикнишин, хароб кардани шаҳру деҳоти Мовароуннаҳру Хуросон, ба чарогоҳ табдил додани майдони кишт, ҳуҷуми пайдарпай хонҳои муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон, шикасти муғулҳо аз ҷониби тоҷикони Самарқанд, даъвии қудратхоҳии Темур дар минтақа ва зимомдории Шоҳрух дар Хуросон;

Қисми ҳафтуми асар ба давраи ҳукумронии Ҳусайн Бойқаро рост меояд. Набардҳои пайвастаи Ҳусайн Бойқаро бо фарзандони худ, инчунин аз байн рафтани давлати Темуриён, ворид шудани ақвоми ӯзбак аз даштҳои Қипчоқ (Қазоқистони шимоли шарқӣ ва навоҳии он) ба Мовароуннаҳру Хуросон. Ҳамчунин ба монанди инҳо маълумоти муфассал баён гардидааст.

Бояд қайд кард, ки Мирхонд қисми ҳафтуми рисолаи худро ба анҷом нарасонида, вафот кард. Кори ӯро набераааш Ғиёсудддин )бо тахаллуси Хондамир ном баровардааст, яке аз барҷастатарин муаррихони аҳди Темуриён ва Шайбониён ба ҳисоб меравад), муаллифи асари «Ҳабиб-ус-сияр» ба итмом расонидааст.

Зимнан бояд қайд кард, ки Мирхонд дар асари худ тавонист, тамоми паҳлуҳои илми таърихнигории миллӣ, ҳамчунин замони худро бандубаст намояд, гарчанде, ки дар баъзе паҳлуҳои он баъзе духурагиҳо ба назар мерасад. Беибо метавон гуфт, ки Мирхонд қариб ҳеҷ як аз масоили умдаи таърихнигории умумиро аз мадди назари худ дур нагузоштааст. Ҳамчунин дар баёни мавзуъҳо аз беҳудагӯиҳо ва суханпардозиҳои ноҷоро ба худ раво надид. Ҳамзамон, муаррихин роҷеъ ба ин асар, ки фарогири даҳ ҷилд аст, дар

муқоваи он аз арзиши баланд доштани асари мазкур чунин қайд кардаанд: «Шеваи насру нигориши камназир дар адабиёти форсӣ» [47, с.196].

«Равзат-ус-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо», таълифи Муҳаммад Ховандшоҳ бини Маҳмуд маъруф ба Мирхонд, аз илмҳои таърихи умумии ин давра аст. Қобили қайд аст, ки Мирхонд (1433-1498) қариб тамоми ҳаёти худро дар назди Алишер Навоӣ ва амир Ҳусайн Бойқаро дар Ҳирот гузаронид. Мирхонд «Равзат-ус-сафо»-ро маҳз бо дастури Алишер Навоӣ навишт. Мирхонд тарҳи ин таърихро дар ҳафт ҷилд ҷой дод ва ҷилди ҳафтуми онро ба Ҳусайн Бойқаро бахшид, вале баъдтар набераи ӯ Ғиёсиддини Хондамир рӯйдодҳои онро то соли 829 (1471) ба итмом расонд [129, с.223]. «Равзат-ус-сафо» таърихе аст, муфассал баёншуда бо нашри сӯхтаву пухта, нигариш ва баҳрагирӣ аз осори пешини таърихнигории Эрон. Дар асар матолибе аз баъзе манобеъ омада, ки имрӯз дар даст нест [130, с.39]. Қисматҳое аз ин асар ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ тарҷума шудааст. Ҳамчунин, дар асар дар боби ҷуғрофиё низ маълумоти ҷолибе ҷой дода шудааст. Рузиқулихон Ҳидоят соҳиби «Равзат-ул-сафо»-и Носирӣ се ҷилд ба «Равзат-ус-сафо» афзуд ва таърихи сафавия, афшория, зандия ва қоҷорияро ба он илова кард. Ва ин «Равзат-ус-сафо»-и даҳ ҷилди маъруф ба «Равзат-ус-сафо»-и Носирӣ аст.

Бояд зикр кард, ки дар навиштани чунин як асари бузург хусусан дар баёни ҳодисаҳои нимаи дуюми асри XIV ва асри XV беистифодаи манбаҳои дигар ғайриимкон аст. Аз ин рӯ Мирхонд дар навиштани асари худ бевосита аз рисолаҳои «Зафарнома»-и Низомиддини Шомӣ, «Мунтахабу-т-таворих»-и Муиниддини Натанзӣ, «Зафарнома» - и Шарафиддин Алии Яздӣ, «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ, «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ ва ғайра истифода намудааст.

Оид ба арзиши баланди илми доштани «Равзат-ус-сафо» як қатор олимони соҳаҳои мухталиф қайд кардаанд. Аз ҷумла, роҷеъ ба асари мазкур академик В.В. Бартолд дар асари худ «Работы по исторической географии и

истории Ирана» роҷеъ ба Мирхонд ва рисолаи ӯ мегӯяд: «Дар миёни онон чи дар Шарқ ва чи дар Аврупо аз ҳама бештар асари Мирхонд шуҳрату интишор ёфта буд. Ҳанӯз пораҳое аз онро бо забонҳои лотинию фаронсавӣ дар солҳои 1808 ва 1845 тарҷумаву нашр карда буданд. Умуман дар адабиёти аврупоӣ хеле зиёд ба мушоҳида мерасад, ки бештаре аз далоили таърихиро аз Мирхонд истифода кардаанд» [100, с.300].

Тибқи ахбори Ч.А.Стори, нусхаҳои қаламии асари Мирхонд дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон аз ҷумла, Теҳрон, Ҳирот, Петербург, Тошканд, Банкипур, Загреб, Қоҳира, Боку, Ню-Йорк, Бағдод, Исфаҳон, Қазон, Ереван, Душанбе, Копенгаген, Стокголм, Байтулмуқаддас, Машҳад, Қум, Лайдан, Единбург, Калкутта, Берлин, Мадрас, Лондон, Париж ва ғайра маҳфузанд[47, с.361-367].

Соли 2004 ҷилди якуми «Равзат-ус-сафо», соли 2006 ҷилди дуюм ва соли 2025 ҷилди сеюми он аз ҷониби олими тоҷик Н. Амиршоҳӣ аз забони форсӣ бо забони кириллӣ бозгардон ва нашр гардидааст.

Бо дарназардошти муҳим будани матолиби Мирхонд таваҷҷуҳи олимону, муаррихон ва доираи васеи илмро ба худ ҷалб кард ва ин асар борҳо ба забонҳои мухталифи дунё тарҷума ва нашр гардидаст.

Мо ҳангоми мавриди омӯзиш қарор додани давраи таҳқиқ аз нусхаҳои хаттии таҳти рақами 30 ва 31-ро истифода ва бо нусхаҳои чопи Эрон муқоиса намудем.

Асари мазкур аз 361 фасл иборат буда, дар муқоиса бо дигар сарчашмаҳои таърихии ин давраи таърихӣ бо забони оммафаҳм навишта шудааст. Бояд гуфт, ки «Равзат-ус-сафо» хусусан қисмати шашуми он, ки ба ҳодисаҳои нимаи дуюми XIV, яъне давраи ҳукумронии Қазаған дар Мовароуннаҳр ва Муизиддин дар Хуросон дар бар мегирад. Тибқи иттилоъи муаллиф «Равзат-ус-сафо»-ро аз оғози пайдоиши инсон, то нимаи дуюми асри XV бо истифода аз сарчашмаҳои таърихии то муаллиф навишташуда эҷод кардааст. Асосан асари мазкур бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои

ду давраи таърихӣ навишта шудааст. Даври якум дар асоси маълумоти таърихии то замони муаллиф, дар қисмати дуюм муаллиф худ бевоситаи иштирокчии ҳодисаҳои таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки метавон ҳодисаҳои таърихии асари мазкурро ба ду давра ҷудо кард. Давраи ҳукмронии Темур, Улуғбек, Абусаид, мирзо Аҳмад дар Мовароуннаҳр ва давраи зимомдории Шоҳрух, Улуғбек, Абусаид ва Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон тақсим кард.

Ду нусхаи қаламии бисёр мукаммали асри XV Равзат-ус-сафо» таҳти шумораҳои 30 ва 31 дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ маҳфузанд. Китобҳои чопии муқобалашуда низ бисёр мукаммалу маъруфанд, ки дар Бомбай (1845), Лакҳнав (1874 ва 1883) ва Теҳрон (1960) чоп шудаанд, махсусан чопи охирӣ аз рӯи нусхаи мутаъаддида муқобала гардида, бо афзуда шудани се ҷилди «Равзат-ус-сафои Носирӣ» бад-он комилтар аз дигар шудааст. Бо вуҷуди ҳама гуна муқоясоту мукаммалсозиҳои уламои асрҳои XIX ва XX ин ду нусхаи комили қаламии тоҷикистонӣ дорои бартариҳоест, ки дар ҳеҷ яке аз нусхаи чопии он ба мушоҳида намерасад, яъне нусхаҳои қаламии Тоҷикистон комилтар аз ҳама чопҳои то имрӯз машҳури асари мазбуранд. Дар баъзе маворид натанҳо ҷумлаҳо балки гуфторҳову мавзуоте ҳам дучор меоянд, ки дар нусхаи чопӣ мавҷуд нестанд. Аз ин лиҳоз чопи кунунӣ бартар аз чопҳои пешин аст.

Китоби «Равзат-ус-сафо фи сирати-л-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо» соли 1399ҳ.ш. дар Теҳрон нашр гардидааст [45, 46]. Ду нусхаи дастхати «Равзат-ус-сафо» дар китобхонаи ба номи А.А.Семёнови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АМИТ зери рақамҳои 51 ва 322 ва дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ 14 нусхаҳои дастхати «Равзат-ус-сафо» маҳфуз аст [45, 46]. Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия низ теъдоди зиёди нусхаҳои дастхати «Равзат-ус-сафо» вуҷуд доранд [158, с.87-105]. Ҳамчунин нусхаҳои шумораи зиёди дастхати «Равзат-ус-

сафо» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон маҳфузанд [242, с.31-36].

Аҳамияти хоси ин асар дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бевосита шоҳиди ҳодиса ва воқеаҳое буд, ки худ онҳоро дида ва аз забони шоҳидон бардошт карда, ба тасвиб расондааст.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин натиҷа расидем, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти Мирхонд танҳо он чизе ки дар навиштаҷоти худи муаллиф ва ҳамзамононаш пайдо кардан мумкин асту халос. Бояд иброз дошт, ки ӯ воқеан яке аз симоҳои барҷастаи илму фарҳанги Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV ба ҳисоб меравад. Асари таърихии ӯ роҷеъ ба бисёр паҳлуҳои норавшанӣ ин давраи таърихӣ равшани андохтааст. Саҳми ин муаррихи браҷаста дар нигориши таърих ва авзои воқеан ҳассоси давраи мазкур ниҳоят бузург аст. Аммо пайдо нагардидани маълумоти мушаххас роҷеъ ба ҳаёту фаъолияти ӯ баёнгари он нест, ки Мирхонд дар нигорши муаррихони баъдӣ мадди назар шуда  бошад.

Новобаста аз ёдрас нашудани исми ӯ дар таълифоти мауррихони баъдӣ аз асари ӯ мустақиман истифода ва истинод намудаанд, ки маънои комилият ва муҳимияти асари таълифнамудаи ӯро дорад.

## 1.2. Сохтор ва тавзеҳи мухтасари бобҳои «Равзат-ус-сафо»

«Равзат-ус-сафо» аз 396 фасл иборат аст, ки онро шартан (вобаста ба ҳаводиси нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон) метавон ба чунин бобҳо ҷудо намуд:

Боби 1. «Оид ба набарди умаро бо хони муғул Абдуллоҳ ва шикасти ӯ ва бесарусомониҳо дар мамлакат ва сар даровардани Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр». Дар ин қисмат ҳуҷуми амир Сулдуз ба муқобили амир Абдуллоҳ ва шикасту рӯ ба фирор овардани ӯ ба Андароб; Мовароуннаҳр ба зери тобеияти амир Сулдуз даромада, ӯ шабу рӯз саргарми нӯшидани шароб буд ва аз идораи давлатдорӣ то андозае фориғбол шудан; дар Мовароуннаҳру Хуросон бесарусомонӣ фаро расид ва умаро ҳар кадом даъвии истиқлолиятхоҳӣ менамуданд. Аз чунин парокандагии сиёсӣ дар минтақа Туғлуқтемур истифода бурда, ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда онро ба зери тобеияти худ медарорад, тасвир ёфтааст [45, с.9-19].

Боби 2. «Аҳволи амир Ҳусайн ва Темур баъд аз фирор кардан ба ҷониби Хуросон». Ин боб воқеаҳои фирори амир Ҳусайн ва Темур ба Хуросон ва аз нав ба ҳам як ҷо шудан ва ба муқобили Туғлуқтемур мубориза бурдан, шикасти онҳо дар «Ҷанги Лой» ва бори дуюм рӯ ба гурез ниҳодани онҳо, сар даровардани аҷнабиёни муғул ба Самарқанд ва шикасти онҳо аз ҷониби Сарбадорон, аз байн бурдани роҳбарони шуриш аз ҷониби амир Ҳусайн ва Темур, аз байн бурдани амир Ҳусайн ва ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр аз ҷониби Темурро дар бар мегирад [45, с.20-79].

Боби 3. «Зикри лашкар кашидани Темур ба ҷониби Шибурғон ва ихтисос ёфтани Зиндаҳишам ба авоифи хисравона». Дар ин боб роҷеъ ба даъват намудани қурултой аз ҷониби Темур Зиндаҳишам ва Муизиддини Курт, напазируфтнаи ин ду тан даъвати Темурро, лашкаркашии Темур ба Хоразм, вайрону валангор кардани Хоразм, ба қатл расонидани Кайхусрави Хатлонӣ, аз мавзуоти ин боб ба шумор меравад [45, с.20--79].

Боби 4. «Зикри иршод намудани ҳазрати соҳибқиронӣ амир Ҳоҷӣ Сайфиддинро ба талаби малик Ғиёсиддин волии Ҳирот ва таълил намудани малик ва таваҷҷуҳ намудани амирзода Амироншоҳ бар ҳасти фармон». Дар ин қисмат Темур назди малик Муиззиддин элчӣ мефиристад, то ки ӯ ба қурултой ҳозир шавад, даст кашидани малик Муизиддин аз рафтан ба назди Темур ба Самарқанд, лашкаркашии Темур ба Хуросон, вохӯрии Темур бо Мавлоно Зайнулобиддин Тойибодӣ, Ҳиротро вайрону валангор кардани Темур аз ҷониби ӯ хеле возеҳу равшан инъикос ёфтааст [45, с.112-121].

Боби 5. «Зикри фитнаи ғуриён дар Ҳирот ва интиқоли ҳазрат дар Мовароуннаҳр ва шарҳи дигар ҳолот». Дар ин боб пас аз бозгашти Темур аз Мовароуннаҳр ғуриён зери роҳбарии малик Муҳаммад ба Ҳирот ҳуҷум карда гумоштагони Темурро ба қатл расонданд, Темур бори дуюм аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкар кашида, дар Ҳирот одамони зиёдеро ба тариқи ваҳшиёна ба қатл, аз сари инсонҳо калламанора ва минтақаҳои гирду атрофи онро ба коми оташ фурӯ бурд, зикр шудаанд [45, с.130-139].

Боби 6. Зикри омадани амирзода Шоҳрух ба ҳукумати Хуросон Темур дар шаъбони санаи тисеъ ва сабъмояи мулки Хуросонро ба фарзанди худ Шоҳрух арзонӣ дошт, ӯро бо як идда умаро ва аркони давлат ба ин мулк фиристод таркиби ин бобро ташкил медиҳад [45, с.165-167].

Боби 7. «Лашкаркашии Темур ба Хитой». Дар ин қисмат роҷеъ ба омодагии Темур ба ҷанги зидди Хитой, расидани Темур ба Утрор ва васияти ӯ ба сари тахт омадани Пирмуҳаммад, вафоти Темур ва интиқоли ҷасади Темур ба Самарқанд инъикос ёфтааст [45, с.479-489].

Боби 8. «Ба сари қудрат омадани Халил султон». Дар ин боб муноқишаҳои дохилии хонадони Темуриён пас аз марги Темур, рақобати Халил султон бо амирони Темур барои ба сари қудрат расонидани Пирмуҳаммад, талошҳои Шоҳрух барои ба даст овардани хазинаи Темур, лашкаркашиҳои пайдарпай Шоҳрух ба Мовароуннаҳр, вазъи сиёсии Хуросон, кушта шудани Пирмуҳаммад аз ҷониби Пиралии тоз, асир

гардидани Халил султон аз ҷониби Шайх Нуриддин, аз сари қудрати Мовароуннаҳр рафтани Халил султон ва ба сари ҳокимияти Мовароуннаҳр омадани Улуғбек инъикос ёфтааст [45, с.494-593].

Боби 9. «Ҳуҷуми Шайх Нуриддин ба Самарқанд», тарки Самарқанд кардани Улуғбек, вориди Мовароунннаҳр гардидани Шоҳрух ва задухӯрди Шайх Нуриддин бо Шоҳрух, шикасти Шайх Нуриддин аз ҷониби лашкариёни Шоҳрух, фирори Шайх Нуриддин ба Утрор ва кушта шудани ӯ аз ҷониби Ҳарқадоқ мавзуоти асосии ин бобро ташкил медиҳад [45, с.596-604].

Боби 10. Вазъи сиёсии Бадахшон дар давраи зимомдории Шоҳрух, исёни мардуми Бадахшон бар зидди намояндагони Шоҳрух, лашкар фиристодани Шоҳрух барои пахши исён, ба зери тобеияти Шоҳрух даромадани Бадахшон дар ин фасл зикр шудааст [45, с.645-646].

Боби 11. Сӯйқасд ба ҷони Шоҳрух дар санаи 22 рабеъулохири соли 830ҳ./22 январи соли 1427 аз ҷониби Аҳмади Лур, кушта шудани одамони бегуноҳ бо фармони Шоҳрух, касалии вабо дар Ҳирот, ҳалокати одамони зиёд аз ин касал, шуриши солҳои 1441-1442 дар Хузистон, лашкаркашии охирини Шоҳрух бар Рай зидди набераи худ, ҷузъиёти ин воқеаҳо қайд гардидааст [45, с.690-694].

Боби 12. Вафоти Шоҳрух. Ба сари қудрати омадани Улуғбек дар Хуросон, мубориҙаи шадид барои ба даст овардани ҳокимият байни намояндагони хонадони Темуриён, ҳуҷуми Улуғбек ба Хуросон ва вайрону валангор гардидани Ҳирот, раҳо ёфтани султон Абусаид ва мирзо Ёралӣ аз зиндон, ба зери тасарруфи мирзо Ёралӣ даромадани Ҳирот, муборизаи мардуми тоҷик бар зидди мирзо Ёралӣ, куштору қатли ом аз ҷониби Улуғбек, фирори Улуғбек аз Хуросон ба Мовароуннаҳр, мухолифати Абдулатиф бо Улуғбек, кушта шудани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф дар ин боб инъикос ёфтааст [45, с.733-771].

Боби 13. Ба сари қудрат омадани мирзо Бобур дар Хуросон. Дар ин боб вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросон пас аз фавти Улуғбек, муноқишаҳои дохилии хонадони Темуриён барои ба даст овардани ҳокимият, ҳукумрони Абдулло дар Мовароуннаҳр ва кушта шудани ӯ аз ҷониби Абдуллохон, ба сари қудрат омадани Абусаид дар Мовароуннаҳр ва мирзо Бобур дар Хуросон, ҷангҳои пайдарпайи Абусаид ва мирзо Бобур дар Хуросону Мовароуннаҳр тасвир шудааст [45, с.804].

Боби 14. Зикри вафоти мирзо Бобур, давраи ҳукмронии мирзо Бобур дар таърихи халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон, яке аз давраҳои бисёр мудҳиш ва ноором дар минтақа, фавти мирзо Бобур ва муташанниҷ гардидани авзои сиёсии Хуросон, саъю талоши ҳокимони маҳалли барои ба даст овардани истиқлолият, ба даст овардани Хуросон аз ҷониби Абусаид, аз нав муттаҳид гаштани Мовароуннаҳру Хуросон дар ин боб мунъакис гардидааст [45, с.804-816].

Боби 15. Зикри муборизаи Алоуддавла, мирзо Иброҳим ва амир Халил бар зидди Абусаид. Дар ин боб барои аз нав ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни Алоуддавла, мирзо Иброҳим ва амир Халил, ҳуҷуми Халил аз Сиистон ба Ҳирот, кушта шудани Халил аз ҷониби Абусаид, лашкаркашии мирзо Бобур ба ҷониби Систон, лашкар кашидани мирзо Муҳаммад бар зидди мирзо Бобур, марги мирзо Абулқосим Бобур дар Машҳад ҳангоми юриш дар ҳолати мастӣ рух додан, Хуросон аз нав ба майдони ҳарбу зарб табдил ёфтан, тавре ки Исфизорӣ иброз медорад: «Дар ҳар гӯша муфсиде ва мутағаллибе сар баровардa, хаёли истиқлол дар сар андохт ва дар ҳар ноҳияте шарире ва муфаттине хурӯҷ карда савдои истеъло дар димоғ овард…дар атрофи мамлакат салбу наҳб ва харачу мараҷ зоҳир шуд» [57, с.190], тасвир ёфтааст [45, с.816-824].

Боби 16. Муташанниҷ гаштани авзои сиёсии Хуросон пас аз фавти мирзо Абулқосим Бобур, таҳдиди гуруснаги дар Хуросон, талошҳои Алоудавла, Шоҳмаҳмуд ва Абусаид барои ба қудрат расидан, куштору талаву

тороҷ шудани аҳолии Ҳирот ва гирду атрофи он, андозҳои вазнин бар души мардум, дар соли 862/1457-1458 аз аҳоли ситонидани андози нуҳсола, ба сари қудрат омадани Шоҳмаҳмуд, ситонидани андози сесолаи пешакӣ аз аҳолӣ, ки боиси хонахароб гардидани аҳолии Хуросон шуд, дар миёнаҳои соли 1457 аз нав ситонидани андози сесола аз ҷониби мирзо Иброҳим, сар задани исёну ошубҳо бар зидди ҳокимон, аз нав ҷамъ намудани андози сесола аз ҷониби Абусаид пас аз ба даст овардани ҳокимияти Хуросон, ба ғайр аз аҳолии Ҳирот дар сол як чанд маротиб андозҳои такрори ситонида мешуд [45, с.807] ба ҷузъиёти ин воқеаҳо муаллифи асар пардохтааст [45, с.824-833].

Боби 17. «Зикри ваҳшониятҳои Абусаид». Дар ин боб тарк кардани аҳолӣ Ҳиротро, муносибати золимонаи Абусаид нисбат ба мардум, аз ҷумла дар оби ҷӯш пухтани мардуми бегуноҳ, қатли фоҷиангези ҳамсари Шоҳрух аз ҷониби Хондамир зикр шудааст [45, с.833-842].

18. «Зикри исёну ошубҳо бар зидди Абусаид, дар Мовароуннаҳру Хуросон». Дар ин боб роҷеъ ба исёни Саид Нур ва Муҳаммад Ҷукӣ бар зидди Абусаид дар Бухоро, мудофиаи Самарқанд, миёнаравии Хоҷа Аҳрор бо роҳбарони шуриш, шикасти исёнгарон ва дастгир шудани Саид Нур ва Халил ва кушта шудани онҳо аз ҷониби Абусаид, гуруснагӣ ва вабои мудҳиш дар Хуросон, лашкаркашии Абусаид ба Озарбойҷон ва кушта шудани ӯ маълумот додааст [45, с.842-875].

19. «Зикри ба сари қудрати Хуросон омадани Ҳусайн Бойқаро». Дар ин боб муаллиф роҷеъ ба талошҳои фарзандони Абусаид султон Аҳмад ва султон Маҳмуд барои ба даст овардани Хуросон, шикасти султон Аҳмад ва султон Маҳмуд аз ҷониби Ҳусайн Бойқаро, рӯ овардани султон Аҳмад ба Мовароуннаҳр, талошҳои султон Маҳмуд барои ба даст овардани мулки Ҳисори Шодмон, шуришҳои мардумӣ бар зидди Ҳусайн Бойқаро дар солҳои аввали ҳукумронии ӯ, ҷузъиёти ин воқеаҳо инъикос ёфтаанд [ҷ. 7. 46, с.3-48].

20. «Зикри лашкаркашии Ҳусайн Бойқаро ба Ҳисори Шодмон». Дар ин боб муаллиф роҷеъ ба авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон, аз фаъолияти

вазирони Ҳусайн Бойқаро, Алишер Навоӣ, Хоҷа Низомиддин, Муҷадиддин, ҳуҷуми Ҳусайн Бойқаро бо иттифоқи Бадеузамон ба Ҳисор пас аз фавти ҳокими Мовароуннаҳр султон Аҳмад, муноқишаи Ҳусайн Бойқаро бо фарзанди худ Бадеуззамон, фавти Ҳусайн Бойқаро, дар як вақт ба сари қудрат омадани Бадеуззамон ва амир Музаффар дар боби мазкур ҳаллу фасл ёфтааст [ҷ. 7. 46, с.119-198].

21. «Вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон». Системаи андозситонӣ, номгӯи андозҳо, тархон, бегорӣ, зулму истибдоди омаи халқ, ҷамъоварии андозҳои такрорӣ дар Хуросон, кушта шудани намояндагони Темур дар Ҳирот, ба хоку хун оғӯшта кардани ошӯбгарон, бекор кардани андози саршумор аз ҷониби Абусаид дар Хуросон, андозҳои ғайришаръӣ, мавзуоти асосии ин бобро ташкил медиҳад [ҷ. 6. 45, с.26-845; ҷ. 7. , 46, с.119-525].

22. «Вазъи фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон». Дар ин боб муаллиф роҷеъ ба илму фарҳанг, муҳаққиқону шоирон, хаттотон, наққошон, вазъи илму фарҳанг хусусан дар нимаи дуюми асри XV бо ҷузъиёташ маълумот додааст [ҷ. 6. 45, с.26-845; ҷ. 7. , 46, с.3-525].

Бояд зикр кард, ки Мирхонд дар рисолаи худ дар баробари таърифу тавсифи Темур ва аҳли хонадони ӯ аз баёни ваҳшониятҳои онҳо то андозае худдорӣ накардааст, онҳоро наҳаросида, вале пардапӯшона тавсиф карда, ҳатто даҳшатноктарин кушторҳои Темуриёнро ба монанди фоҷиаҳои Хоразм, Ҳирот, Исфаҳон, Систон ва ғайраҳоро, ҳамчунин хусусияти ғоратгарона доштани лашкаркашии Темурро инъикос кардааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тамоми ҳодисаҳои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар «Равзат-ус-сафо» бо ҷузъиётҳо, сабабҳои сар задани воқеаҳо тасвир ёфтааст. Аз ҷумла, дар зикри ҳодисаи ҳисори Бадрободро, ки Темурланг барои тасхири он ба он ҷо рафта буд, чунин мефарояд: «Лашкариён ҳисори Бадрободро муҳосара намуданд ва ҳисорро нақб зада, деворе азим бияфтод…(ва баъд аз

оне, ки ҳисор мутасарриф шуд), ду ҳазор кас(ро) аз қалъа берун оварда, бар болои якдигар ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад. Билҷумла…, харобиву вайроние дар Хуросон воқеъ гардид, ба таҳсис дар Ҳироту Сабзавор. Ва раоёи бечора дар зери чубу шиканҷа ҳалок шуданд. Ва касрати мурдагон ба ҷое расид, ки зиндагонро маҷоли таҷҳизу такфин намонд ва мусулмонон аз автони худ ҷило намуда, ба қурбати Ғурбат мубтало гардиданд ва аз айёлу атфол ҷудо монданд» [45, с.48, 171, с.455].

Дар дохили «Равзат-ус-сафо» истифодаи порчаҳои назмӣ ҳангоми тасвири набардҳо, ҷашнҳо ва ғалабаҳои Темурланг ва дар танқиди он нафароне, ки нисбат ба Темуриён нафрат доштанд, ҷой дода шудааст.

Ёрон паёми мо бирасонед бо Халил,
Гӯянд агар туро сирри сар бохтан буд.
Дар рӯзи рӯза дарди сари мову худ мадеҳ,
Иде биё, ки вақти қайпақ бохтан буд [46, с.833].

Дар мамлакатҳои забткардаи Темурланг дар натиҷаи ҷабру зулм ва бедодгариҳои тоқатнопазир, шуришҳои халқӣ сар мезаданд. Масалан, аҳолии Ҳирот ба муқобили сиёсати Темурланг норозиги изҳор намуда, шуришҳо бардошт, ки ин шуришҳо аз тарафи Амироншоҳ ва Темурланг бераҳмона пахш карда шуд. Худи Темурланг ба тарафи Исфизор ҳаракат карда, бидуни муқовимат ин минтақаро баъди талаву тороҷ ба тобеияти худ даровард.

Ҳамин тариқ, таҳлили мазмуни бобҳои «Равзат-ус-сафо» нишон медиҳад, ки муаллиф вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар асари худ инъикос карда, ба бисёр паҳлуҳои норавшанӣ ин давраи таърихӣ равшанӣ андохтааст.

# БОБИ 2. БОЗТОБИ ВАЗЪИ СИЁСИИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОН ДАР НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АСРИ XV ДАР «РАВЗАТ-УС-САФО»

## 2.1. Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳри солҳои 40-70-уми асри XIV

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ хони муғул, амир Қазаған зимистонро дар мавзеи Солисарой (Панҷи имрӯза Ҳ.Ҳ.) паси сар мекард. Фасли баҳорро дар Қаронур, тобистону тирамоҳро бошад дар шаҳри Мунк (Ховалинги имрӯз Ҳ.Ҳ.) сукунат ихтиёр мекард. Тибқи манобеи таърихӣ Қазаған бештари вақти худро ба шикор мегузаронид. Шикоргоҳи ӯ бештар тӯғаю ҷангалҳои Арҳанг дар он тарафи рӯди Ому буд.

Вазъи он рӯзаи Мовароуннаҳрро Мирхонд чунин тасвир кардааст: Баъд аз кушта шудани амир Қазағани Чағатойӣ (1358) писараш амирзода Абдуллоҳ феълан ҳукмрони Мовароуннаҳр шуд, вале охирӣ аз ҷониби амир Баён Сулдуз ба қатл расид ва ноорамии азим дар минтақа ба вуқуъ омад. «Амир Баён Сулдуз дар диёри Мовароуннаҳр истило ёфта мутасаддии амри хати ҳукумат гашт ва бо вуҷуди он ки марде салиму-н-нафси камозор буд ва муҳаббату сиёсате надошт, пайваста ба шурби мудом ва муҷоласати сарвқадони гуландом иштиғол менамуд ва монанди наргису лола бе қадаҳу пиёла рӯз ба шаб ва шаб ба рӯз намерасонид. Ва аз ёсомиши (интизоми) мулк ғофилу зоҳил монда, навойири фитнаву ошуб дар мамлакати Турону Бадахшон ва Андхуду Шибурғон иштиол ёфт. Аз умарову нуйинон ҳар ки дар ҳар мақоме рояти истибдоду истиқлол барафрошт ва ба ҳомаи пиндор бар лавҳи замир рақами сарвариву сардорӣ баргузошт: Ва амир Ҳоҷи Барлос ба

дастури замони собиқ партави илтифот бар забти тумоноти диёри Кеш андохт Ҷалоир дар Хуҷанд…ва амир Ҳусайн ибни амир Қазаған бар баъзе вилоёт истило ёфта, талоши мансаби ҷадди хешро ваҷҳаи ҳиммат сохт.

Ва Улҷоҳук ибни Буқо-Сулдуз дар Қуббат-ул-ислом-Балх ҳаваси сарварӣ дар димоғи худ ҷой дод. Ва Муҳаммадхоҷаи Апардӣ дар Шибурғон ва Кайхусраву Улҷойту дар Арҳанг (ё Арманак)-у Хатлон ҳамин тариқ маслуқ дошта, ҳеҷ кас пой дар доираи мутобаати дигаре намениҳод. Ва амир Хизри Ясури низ дар тарафе маҷмуи ясуриёнро ҷамъ оварда, ғайреро дар назар намеовард.

Ва шоҳони Бадахшон ҳам дар қилоли ҷиболи хеш қамар ба хидмати ҳам намебастанд ва ба синони мунозаату муҳосамат хотири якдигар меҷустанд. Ва ин сурат муҷиби он шуд, ки миёни тавоифи мухталифаи мазкур ба каррот муқоталаву муқобала рӯй намуд ва раоё, ки вадоъеи ҳазрати Холиқ-ул-бароёанд, поймоли дастбурди ҳаводиси даврон гаштанд» [45, с.9-10].

Бояд қайд кард, ки Мирхонд аз он ваҳшониятҳое, ки Улуғбек дар масҷиди Ҳирот бо лашкариёни худ анҷом додааст худдорӣ кардааст. Ҳоло он ки ин ваҳшониятҳоро муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ ва Мирхонд ошкоро мавриди баррасӣ қарор додааст[45, с.9-10].

«Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд низ ҷиҳати омӯзиши давраи таҳқиқ манбаи муҳимми таърихӣ дониста мешавад. Муаллифи он Мирхонд ибни Ховандшоҳ ибни Муҳаммад (1433-1498) дар дарбори султон Ҳусайни Бойқаро хидмат кардааст. Бояд қайд кард, ки муаллиф ҳодисаҳои нимаи дуюми асри XV-ро, ки Ҳусайн Бойқаро охирин

намояндаи хонадони Темуриён дар Хуросон буд, хеле ҷолиб тасвир кардааст. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки китоби шашуми «Равзат-ус-сафо» роҷеъ ба авзои сиёсии Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон маълумот додааст. Муаллиф дар навиштани ҳодисаҳои ин давраи таърихӣ аз «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Зубдат-ут-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ, «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷма-ул-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ васеъ истифода намудааст.

Китоби мазкур ба шакли таърихи умумиҷаҳонист аз ибтидои офариниш то соли 1470 ба сари қудрат расидани Ҳусайн Бойқаро дар Хуросонро фаро мегирад.

Бино ба ахбори манобеи таърихӣ Темур 25 шаъбони соли 736/9 апрели соли 1336 дар деҳаи Хоҷаилғор (Шаҳрисабз Ҳ.Ҳ.) ба дунё омадааст. Падари Темур-Тарағай ва модараш Такинахотун ном дошт. Асли баромадашон аз қабилаи туркшудаи муғулии барлос мебошад. Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Темур то соли 1360 дар асарҳои таърихии асримиёнагӣ бо истиснои Ибни Арабшоҳ ва Клавихо маълумот мавҷуд нест.

Бояд қайд кард, ки хони Муғулистон Туғлуқтемур аз вазъи ноустувори Мовароуннаҳр истифода бурда моҳҳои феврал-марти соли 1360 бо сипоҳи зиёд рӯ ба Мовароуннаҳр меорад.

Тибқи иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ дар чунин вазъияти дар қаламрави Мовароуннаҳр касе набуд, ки пеши роҳи лашкариёни Туғлуқтемурро гирад. Туғлуқтемур тавонист бе душворӣ ҳокимиятро дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳр ба даст дарорад. Бояд гуфт,

ки бо воридшудани Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр Темур бо дигар ҳаммаслаконаш тарки минтақа карданд.

Бино ба иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ Туғлуқтемур бори дуюм моҳи марти соли 1361 рӯ Мовароуннаҳр овард. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки қариб ки неруе дар минтақа вуҷуд надошт, ки садди роҳи Туғлуқтемур шавад. Ин дафъа бар зидди Туғлуқтемур амир Ҳусайн бархост, ки боиси шикасти ӯ гардид.

Дар ахбори Мирхонд омадааст: «Чун ҳар ду лашкар дар канори оби Вахш ба якдигар расиданд ва сафҳо биёростанд, Кайхусрави Хатлонӣ аз амир Ҳусайн ҷудо шуда ва сафро вайрон сохта, ба мухолифон пайваст. Ва амир Ҳусайн ба зарурат хидматро ғанимат дониста, роҳи гурезро пеш гирифт. Ва лашкариёни хон навоҳии Қундузу Бақлонро то ақабаи Ҳиндукуш ғорат карданд» [45, с. 15; 8, с. 18-19; 11, с. 45].

Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки «Чун ҳар ду лашкар дар канори оби Вахш ба якдигар расиданд ва сафҳо биёростанд, Кайхусрави Хатлонӣ аз амир Ҳусайн ҷудо шуд,… ба мухолифон пайваст. Ва амир Ҳусайн,…роҳи гурезро пеш гирифт. Ва лашкариёни хон навоҳии Қундузу Бақлонро то ақабаи Ҳиндукуш ғорат карданд» [45, с.15]. Бояд гуфт, ки ин ҳолат ба шикасти амир Ҳусайн оварда расонд. Амир Ҳусайн ягона роҳи наҷоташро аз ҳуҷуми Туғлуқтемур дар фирор кардан мебинад. Омили асосии дар ҳолати ҷанг тарк кардани Кайхусрав амир Ҳусайнро сарчашмаҳои таърихӣ гуногун шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Ба Туғлуқтемур ин дафъа низ муяссар шуд, ки минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳрро ба дасти худ дарорад. Бояд гуфт, ки

Туғлуқтемур-Илёсхоҷа писари худро ҳокими Мовароунаҳр таъйин карда рӯ ба Муғулистон ниҳод.

Темур пас аз рафтани Туғлуқтемур ба ватанаш ба Илёсхоҷа хиёнат карда, рӯ ба Хоразм ниҳод. Дар он ҷо ба амир Ҳусайн як ҷо шуданд. Амир Ҳусайн пас аз шикаст ба Хева назди ҳокими Хоразм рафт. Ҳокими Хева Тукалхон талош кард, амир Ҳусайн ва Темурро ба даст гирад, аммо байни онҳо задухӯрди шадид ба амал омад, қисми зиёди одамони онҳо кушта шуданд. Тибқи иттилоъи сарчашмаҳо онҳо аз Хоразм рӯ ба Марв оварда дар он тайи ду моҳ асири Алибек мешаванд. Онҳо пас аз раҳои ба назди малик Муизуддин рафтанд.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки вақте ки амир Ҳусайн ва Темур ба назди Муизуддини Курт меоянд, ӯ дар madди аввал ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо меорад. Ҳамчунин, ба онҳо ба миқдори даҳ ҳазор динори кепекӣ ва дусад харвор ғалла медиҳад.

Зимнан бояд қайд намуд, ки роҷеъ ба чунин кумаки ҳокими Ҳирот Муизуддини Курт нисбат ба ин ду золим дар ягон сарчашмаи аҳди Темуриён иттилоъоте надодаанд.

Муаррихи араб Ибни Арабшоҳ роҷеъ ба Сиистон рӯ овардани Темур ва ҳангоми дуздии моли чупоне иттилоъ медиҳад, ки: «…дар атрофи Систон омад, ки паноҳгоҳи яке аз чупонон буд ва гусфанде рабуда…Чӯпон бад-он огоҳ ва аз пайи ӯ равонаи роҳ шуд. Ду зарбати саҳмгин, яке бар китф ва дигаре ба рони вай фуруд овард ва ниме аз андомашро табоҳ кард…» [45, с. 10; 39, с. 133]. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар нигоштани ин ҳодиса хусусан аз ҷониби чупоне зарб

хӯрдан ва боиси як умр ланг шудани Темур Мирхонд хомӯширо ихтиёр кардааст.

Темур пас аз чанд вақт дар ҷанги Бадахшон ба чунин ҳолате афтод, ки як қисми сипоҳиёни худро аз дод. Ин ҳолатро дар муқоиса ба дигар муаррихон Мирхонд хеле возеҳу равшан баён кардааст: «Муддат-ул-умр ба суубат (мушкили)-и он ҷанге надидам ва маъракае баҳайбаттар аз он мушоҳада нанамудам» [45, с. 69].

Амир Ҳусайн ва Темурланг аз сӯйи Бадахшон аз дарёи Ҷайҳун гузашта, ба Дашти Кулак меоянд. Бояд гуфт, ки дар ин ҷо байни лашкари Темур ва Илёсхоҷа задухӯрди шадид ба амал меояд, ки боиси шикасти Илёсхоҷа мегардад. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ Илёсхоҷа аз нав баҳори соли 1365 ба ҷониби Мовароуннаҳр лашкар мекашад, ки дар наздикии Тошканд байни ӯ ва амир Ҳусайну Темурланг муборизаи сахт шуда мегузарад, ки боиси шикасти ин ду тан мегардад.

Ин ҷангро муаррихон дар саҳифаи таърих ҳамчун «Ҷанги лой» қайд кардаанд. Мирхонд рафти ҷангро чунин инъикос кардааст: «Ногоҳ абри сиёҳфом дар арсаи ҳаво зоҳир гашт ва аз овози раъду барқ сокинони олам…рӯзи машҳар мушоҳида намуданд…пиёда ва савор аз ҳаракат бозмонданд» [45, с. 32]. Амир Ҳусайн ва Темурланг дар ин ҷанг шикаст мехӯранд. Дар ин ҷанг зиёда аз даҳ ҳазор лашкариёни амир Ҳусайн ва Темурланг кушта мегарданд. Мирхонд аз шумораи кушташудагон худдорӣ мекунад. Муаррихи дигари дарборӣ Низомуддини Шомӣ бошад рафти ҷангро чунин шарҳ додааст: «То ғояте, ки аз куштан малул гаштанд ва қариб даҳ ҳазор мард дар зери дасту пойи аспон ночиз шуданд» [58, с. 30].

Бояд қайд кард, ки амир Ҳусайн ва Темурланг пас аз шикасти шармандаворӣ худ рӯ ба фирор меоранд. Пас аз ин воқеа аҷнабиёни муғул ба самти Самарқанд ҳаракат карданд. Дар ин вақт билоди мазкур хандақ ва шаҳрбанде надошт ва мардуми Самарқанд аз чунин ҳолати ногувор дар тааҷҷуб монданд. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» як бахши калони асари худро зери унвони «Зикри муҳосираи сипоҳи ҷатта Самарқандро ва иттифоқ намуда Бухорӣ дар кӯчаи сарбадор» бахшидааст [46, с.35-37]. Аз ҷумла, муаллиф дар ин бахш роҷеъ ба гурехтани Темур бо Ҳусейн аз Самарқанд, аз касбу кори Мавлонозода Хурдаки Бухорӣ, Абубакр Калавии Наддоф, омодагии сарбадорон ба муқобили муғулҳо маълумот додааст. Тибқи шаҳодати Мирхонд: «Мавлонозодаи Самарқандӣ... Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абубакр Калавии Наддоф бо вассофи сарбадори итсо дошт мардуми шаҳрро бар сиёнати молу мухофизати шаҳр ва аҳлу аёл ва забти сарҳои кӯча тарғибу таҳрис намудаанд» [46, с.35-36].

Доир ба шикасти муғулҳо аз ҷониби Сарбадорон дар манобеи таърихӣ ақидаҳо мухталифанд. Чунончи дар «Мунтахаб-ут-таворих» сабабҳои ақибнишинӣ ва шикасти муғулҳоро дар сарҷаъмии мардуми далеру шуҷои Самарқанд, ки ҳамагон тоҷикон буданд, нишон медиҳад. Дигар муаррихони дарборӣ шикасти муғулҳоро дар вабое, ки ба аспони муғул омада буд, медиданд. Мирхонд низ дар баробари дигар муаррихони дарборӣ сабаби шикасти муғулонҳоро дар бемории вабо медид.

Бино ба ахбори сарчашмаҳо Темурланг шикасти муғулонро бо қосиде ба амир Ҳусайн мерасонад ва ҳар ду ба маслиҳате омаданд, дар фасли баҳор озими Самарқанд шаванд.

Соли 767/1366 бо фаро расидани фасли баҳор амир Ҳусайн бо лашкариёни худ озими Самарқанд шуд. Дар ин вақт намояндагони сарбадорон талош карданд, ки бо амир Ҳусайн ва Темурланг вохӯранд. Бояд гуфт, ки амир Ҳусейн пеш аз ворид шудан ба навоҳии Самарқанд элчӣ фиристода буд, ки то мо ба Кони Гил нарасем, шумо ба истиқболи мо набароед. Он ҷамоат бо фирефтаи суханони ин ду тан шуда дар он мавзеъ бо таборукоту тансуқот расиданд. Амир Ҳусайн ба қатли маҷмуи ин табақа амр фармуд. Сипас, Темурланг Мавлонозодаро аз он варта халос кард ва боқӣ сардорони сарбадоронро ба теғи қаҳру сиёсат куштанд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки тақдири минбаъдаи Мавлонозода барои муаррихин муаммо мемонад. Тибқи иттилоъи Хондамир «Мавлонозодаи Самарқандӣ, ки бинобар илтифоти хотири соҳибқирон сутуд муассир аз он маҳлука наҷот ёфт ва дигар пиромуни фузулӣ нагашта ба кошонаи инзиво ва инқитоъ шитофт» [73, с. 407].

Бино ба ахбори манобеи таърихӣ баъди ба даст овардани Самарқанд муносибати Темурланг бо амир Ҳусайн сард мешавад. Ҳангоме, ки амир Ҳусайн дар Балх қалъа сохт ва онро мустаҳкам кард, Темур бо дастгирии ҳокимони Хатлон маҳз Шербаҳром, барои аз байн бурдани амир Ҳусайн дар Балх муваффақ мегардад.

Тибқи иттилоъи манбаъҳои таърихӣ Темурланг қароргоҳи амир Ҳусайн, қалъаи Ҳиндувони Балхро дар муҳосира қарор дод. Сипас,

амир Ҳусайн асирӣ дӯсти худ Темурланг мегардад. Амир Ҳусайн талоши зиёд кард, ки Темур ӯро раҳо созад то, ки тавре ки муаллиф тасвир мекунад: «Роҳ бар ман бикушой то аз ин тангноӣ…берун омада рӯй ба Каъбаи муаззама ниҳам» [8, с. 76]. Ҳамин тариқ, Темурланг фармон дод, ки ҳеҷ офарида ба ӯ кордор нашавад, то ки аз дохили қалъа берун омада ба ҳар ҷое, ки мехоҳад биравад. Дере нагузашта амир Ҳусайн аз дохили қалъа қосид фиристод, ки фардо берун меоям. Амир Ҳусейн хост шабона пинҳони аз қалъа берун шуда, то ки аз чанги лашкариёни Темурланг раҳо ёбад. Аммо ҳангоми гурехтан аз ҷониби марде, ки дар болои манора баромада аспи худро меҷӯст, амир Ҳусайнро дид. Амир ҳарчанд туҳфаҳо ба ин мард дод то ки ба одамони Темурланг аз ӯ чизе нагӯяд, аммо ин мард ба наздикони Темурланг аз ин қазия хабар дод. Амир Ҳусейн ба дасти одамони Темурланг афтид.

Тибқи иттилоъи сарчашмаҳо Темурланг гӯё гуфта бошад, ки ман аз рехтани хуни ӯ гузаштаам. Вақте ки ӯро аз маҷлис берун оварданд амир Кайхусрави хатлонӣ изтироб оғоз ниҳода ба арзи Темурланг расонид, ки амир Ҳусайнро бародарам Кайқубодро куштааст, ӯро ба ман бояд супурд, то ба муқтазои шаръи шариф ӯро ба қасос расонам. Темурланг Кайхусравро таскин дода, фармуд, ки ту аз сари ин даъви бигузар, ки оқибати хомати хуни ноҳақ ба рӯзгори ӯ хоҳад расид ва дар аснои ин гуфтушунид Темурланг ёди аёми гузашта карда, ҳуқуқи мусоҳибати қадим ба хотир гузаронид ва ба беэътибории дунё ба дидаи тааммул нигарист. Ва аз талхии заҳру фироқи Улҷойтурконоғо хоҳари амир Ҳусайн, ки ҳарами муҳтарами Темурланг буд, ҳузну алам

бар замири манираш истило ёфт. Дар чунин ҳолат амир Улҷойту, ки аз неку бад воқиф буд ва ба суду зиёни шуҳур ва авони ориф чун руқат ва халоси аморатпаноҳӣ ҳис кард. Ҳис карданд, ки агар Темурланг амир Ҳусайнро аз дами марг раҳо созад, ӯ фардо ҳамагонро ба қатл расонад. Дар ҳамин лаҳза Темурланг бо қираи чашм ишора ба амир Муайид ва амир Кайхусрав кард, эшон ин маънӣ дарёфтанд, бе рухсат аз пушти амир Ҳусайн шитофта, кори ӯ ба тамом расониданд.

Ҳамзамон ду писари амир Ҳусайнро, бо хони ки баргузидаи ӯ буд, аз миён бардоштанд ва ду писари дигараш гурехта ба тарафи диёри Ҳинд рафтанд ва дар ғурбат ба падару бародарон пайвастанд. Ва лашкар бар қалъаи Ҳиндувон муставаллӣ шуда маҷмуи хазоину дафоини амир Ҳусайнро бо хавотин ва мутааллиқону мунтасибони ӯ назди Темурланг оварданд. Сипас, Темурланг Сароймулкхонум духтари Қазаған султон ва Улусоғо духтари Тармаширинхон, ки бар соири хавотини амир Ҳусайн симати таққадум дошт ба Баҳром ҷалоир дод. Ва дигар хавотин ва занону духтаронро бо умарони дигари худ тақдим кард.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ин воқеаи азим дар рамазони санаи иҳди ва сабъин ва самонмия иттифоқ афтод. Ва баъд аз қатли амир Ҳусайн фармони Темурланг интишор ёфт, ки мардум аз қалъаи Ҳиндувон ба шаҳри Балх раванд. Ва дар он мавзеъ оғози иморат карда мутаватан шаванд ва ҳитасарруфи Темур даромад, қалъаро вайрону валангор сохта ва ҳисори мазкурро вайрон сохта ғаноими фаровон ба дасти сипоҳиён афтод, ки фақру эҳтиёҷ дар миёни эшон нопадид гашт.

Сипас, пас аз қатли амир Ҳусайн маҷмуи мамолик дар тахти тасарруфи Темурланг даромад ва овозаи ин фатҳ дар атрофи диёри Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон паҳн шуд. Ҳанӯз дар Балх умарову нуйинон ва аъёни улуси чағатойӣ ва ғайриҳам, ки якҷо буданд, мисли амир Шайх Муҳаммад баён сулдӯз, амир Улҷойту, амир Кайхусрав, амир Довуд, ки аз қавми дуғлот буд ва амир Сорбуғои ҷалоир, амир Ҷоку барлос, амир Зиндаҳишам, Шоҳшайх Муҳаммади Бадахшонӣ ва дигар сардорон бо иттифоқи содоти аъзом ва аҳли байт дар атрофи Темурланг сарҷамъ гардиданд. Сипас, Темурланг Ҷуғроми барлосро ҳокими Балх таъйин кард ва худ ба Самарқанд омада, онро ба пойтахти давлати худ интихоб кард. Бояд тазаккур дод, ки муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» санаи ба тахт нишастани Темурро дар муқоиса ба дигар муаррихон 12 рамазони соли 771/27 апрели соли 1370 дақиқтар нишон додааст [73, с.419].

Тибқи ахбори Мирхонд ва Алии Яздӣ «Соҳибқирон аз хавотин (занон)-и амир Ҳусайн Сароймалик-хонуми духтари Қазонсултонхон ва Улус-оғои духтари Баён-сулдӯз ва Ислом-оғо духтари Хизри Ясурӣ ва Туғи Таркон-хотунро рақами ихтисос кашид (яъне ба никоҳи худ даровард)...» [46, с.155].

Вақте ки Темурланг дар ҳолате ки Сароймулкхонро ба зани гирифт, ӯ маҷбур гардид, ки лақаби «Курагон», яъне «домод»-ро ба худ муносиб донист. Темур пайваста талош мекард, ки муносибати худро бо намояндагони хонадони Чингизхон ҳифз намояд. Ҳамзамон ӯ аз лақаби муғулии Гуракон (домод) ифтихор мекард. Беҳуда набуд, ки Темур Суюрғутамиш (1370-1384) ва султон Маҳмуд (1384-1402)-ро то

соли 1402 ба ҳайси намояндаи хонҳои муғулӣ, пинҳон намедошт. Хонҳое, ки Темурланг интихоб карда буд, аслан аз уҳдаи коре баромада наметавонистанд. Бояд гуфт, ки муҳаққиқи афғонистонӣ Муҳаммад Ғубор роҷеъ ба касби ин хонҳои зердасти Темурланг чунин иброз медорад: «он подшоҳ…дар Самарқанд вазифае ғайр аз таом хӯрдан надошт» [159, с.253].

Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки Темурланг баъди таъсиси ҳукумати худ дар Мовароуннаҳр саъю талоши ба даст даровардани Хоразмро кард. Муаррихи араб Ибни Арабшоҳ чунин менигорад: «Чун мамолики Мовароуннаҳр аз мухолифони Темурланг пардохта ва ором шуд ва тавсани рӯзгор саркашӣ бигзошта, бад-ӯ ром гашт, бар он шуд, ки ба кишварҳои дигар пардозад ва риштаи бандагӣ ба гардани озодагон дарандозад» [15, с.49].

Бояд гуфт, ки лашкаркашиҳои Темурлангро ба Хоразм дар сарчашмаҳои таърихии аҳди Темуриён гуногун инъикос кардаанд. Аз ҷумла, Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ лашкаркашии Темурлангро ба Хоразм дар чор давра нишон додаанд. Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо» ҳуҷум ба Хоразмро дар панҷ давраи таърихӣ инъикос кардааст, ки ба ҳақиқат наздикӣ дорад.

Қобили қайд аст, ки ҳуҷуми Темурланг ба Хоразм дар асарҳои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба инъикоси воқеаҳои «Зафарнома»-и Шомӣ шабоҳат дошта, бо эҳтимоли зиёд Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз асари Шомӣ васеъ истифода намудаанд.

Темурланг пеш аз ҳама майл бар он дошт, ки мулки Хоразмро ба зери итоати худ қарор диҳад ва барои ин кор ба ӯ мебоист баҳонае пеш овард. Бояд гуфт, ки баҳонаи рӯ овардани Темурлангро ба Хоразм муаррихи дарборӣ Мирхонд хеле воқеъбинона инъикос кардаанд: «Кот ва Хева тааллуқ бо улуси Ҷағатой дорад ва ту чанд сол аст, ки аз он вилоят мол гирифтаи ва он арса дар таҳти тасарруф даровардаӣ, вазифа он ки акнун дасти татовул аз он мамлакат кутоҳ кунӣ то гумоштагонӣ мо забт намоянд» [46, с.87]. Ҳамзамон, Темурланг дар як вақт ба назди Ҳусайн Суфӣ қосиде равон сохт ба ӯ гӯшзад кард, ки он ду минтақа мутааллиқ ба мулки Ҷағатой мебошад, мебояд онро ҳар чӣ зудтар, ба итоати девони подшоҳ гузорӣ, то ки дар оянда дӯстии байниҳамдигарӣ идома ёбад.

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ пас аз чунин даъвии Темурланг нисбат ба Хоразм ҳокими он Ҳусайн Суфӣ мегӯяд, ки ман ин мулкро ба зарби шамшер ба даст овардаам ва мебояд ба зарби шамшер аз ман хоҳӣ гирифт. Вақте ки қосидон ин суханони Ҳусайни Суфиро ба Темурланг мерасонанд воқеан дар ғазаб гардида аммо, Мавлоно Ҷалолуддини Кешӣ, як бори дигар аз Темурланг талаб кард, агар имкон бошад, каме таваққуф кунад аз нав ба назди ҳокими Хоразм равад, то ки роҳи ҳалли мусолиҳатомези онро ёбанд. Бино ба ахбори мабнои таърихӣ зикр кард, ки ин дафъа амир Ҳусайн Суфӣ Мавлоно Ҷалолуддинро дастгир ва зиндонӣ гардонд. Темурланг аз ин ҳодиса иттилоъ меёбад, баҳори соли 773/1371-1372 ба ҷониби Хоразм раҳсипор мешавад [5, с.88; 9, с.65]. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ Темурланг маҳз дар ҳамин сол бори аввал бо сипоҳиёни худ рӯ ба

ҷониби Хоразм овард. Маҳз дар ҳамин ҳуҷуми худ Темурланг минтақаҳои Кот ва Хеваро ба даст овард.

Аммо бояд гуфт, ки бино ба ахбори муаллифи «Равзат-ус-сафо» Темур бо ҳар роҳу восита мекӯшид, ки амир Ҳусайни Суфиро бо мулки ӯ ба даст биёрад. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки бисёр амирони минтақа нисбат ба Темурланг нафрат доштанд, аз ҷумла, амир Кайхусрави Хатлонӣ. Амир Кайхусрав ба таври пинҳонӣ аз амир Ҳусайн Суфӣ хоҳиш мекунад, ки «бар аҳду паймони амир Темури Гуракон эътимод манамой ва дари сулҳу оштӣ макушой ва бетаҳошӣ аз шаҳр берун ой, ки аксари лашкари Самарқанд ба тохту ғорату атрофу ҷавониб рафтаанд» [46, с.89]. Дар чунин вазъияти ҳассос барои Ҳусайн Суфӣ Кайхусрав ба ӯ ваъда дод, ки бо лашкариёни худ ба кумаки ӯ ба Хоразм хоҳам омад. Сипас, Ҳусайн Суфӣ ба умеди кумаки ҳарбии Кайхусрави Хатлонӣ шуда, бо одамони худ берун аз шаҳр шуд.

Бояд қайд кард, ки Кайхусрав ба ваъдаи худ вафо накард. Амир Ҳусайн Суфӣ пас аз чунин ҳолату ногувор маҷбур шуд, ки аз сиру асрори худ бо Кайхусрав нисбат ба Темурланг иқрор шавад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки амир Ҳусайни Суфӣ, дар танҳои бар зидди Темурланг муқобилият карда наметавонист. Амир Ҳусайни Суфӣ барои забон ёфтан бо Темурланг аз ноилоҷӣ духтари яке аз хешовандони наздики худро, ки ба ақди никоҳи Ҷаҳонгир медарорад. Бо ҳамин васила Темурланг бо лашкариёни худ тарки Хоразм мекунанд.

Мирхонд менависад, ки Темурланг пас аз шикасти Ҳусайни Суфӣ фармон медиҳад, ки Кайхусравро дастгир карда ба назди ӯ биёранд: Ҷараёни қатли ӯро муаррихони асримиёнагӣ аз қабили Низомуддини Шомӣ дар асари худ «Зафарнома» чунин баён мекунад: «Ва дар ҳамон

рӯз Кайхусравро гирифта, пеши подшоҳ овард. Нуйинону умаро ёрғу пурсида, дар он қазияе, ки зикр рафта, ки амир Ҳусайни Сӯфиро ба мухолифату муҳорибат даъват карда буд ва қазоёи дигар гуноҳон бар ӯ собит гардонида, ӯро банд карданд ва ба Самарқанд бурда, он ҷо ба ёсоқ расониданд» [58, с.90-91]. Тибқи иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ Темурланг амир Кайхусравро ба дасти лашкариёни амир Ҳусайн супорид, сипас онҳо, ӯро ба қасди амири худ ба қатл расониданд. Ба назари мо чунин баёни куштори Кайхусрав аз ҷониби Темурланг асос надорад, чунки хоҳ-нохоҳ муаррихони дарборӣ, ки аз суфраи ин хонадон нон мехӯрданд, бо ҳар роҳу восита саъй мекарданд, ки он ҷиноятҳои мудҳиши Темурлангро аз саҳифаи таърихӣ дур созанд. Бояд гуфт, ки рафти ин ҳаводисро муаррих Низомуддини Шомӣ возеҳу равшан иброз доштааст, ки амир Кайхусрав воқеан бо дасти одамони амир Ҳусайн аз байн бурда нашудааст.

Омили асосии аз байн бурдани ҳокими Хатлон Кайхусрав аз ҷониби Темурланг дар он буд, ки Кайхусрав дер ё зуд он даъвии истиқлолхоҳӣ хоҳад кард ва барои Темур монеъа мешуд. Бо ҳамин баҳона Темурланг тавонист аз яке аз рақибони сарсахти худ раҳо ёбад. Ҳамчунин Темурланг барои мавқеи худро дар Хатлон, ки пайваста зидди Темуриён сар мебардоштанд, аз ин лиҳоз яке аз наздикони Кайхусрав Муҳаммад Миркаро барои аз нооромии минтақа ҳифз кардан ба ҳайси мутассадии мулки Хатлон интихоб мекунад. Тибқи шаҳодати Мирхонд: «Мирка амире бузург буд ва Султонбахт Бегими духтари Темур зани ӯ буд ва ҳукумати Хатлону тавобеии он бар ӯ муқаррар шуда буд» [46, с.164].

Ҷойи таъкид аст, ки нисбат ба Темурланг натанҳо Кайхусрави Хатлонӣ, балки дигар амирони минтақа низ дар сари қудрат будани ӯ изҳори норозигӣ мекарданд, ва бо ҳар роҳу восита бар зидди ӯ исёну ошӯбҳо мебардоштанд, то ки мулкҳои аз даст рафтаи худро бозпас ба даст биёранд. Мирхонд дар идомаи сухан зикр мекунад, ки: «Баъд аз гирифтани Кайхусрави Хатлонӣ писари ӯ султон Маҳмуд, Абуисҳоқ писари Хизри ясурӣ ва Маҳмудшоҳи Бухорӣ аз мавкаби ҳумоюн тахаллуф (аз қавл гаштан) намуда ба Хоразм рафтанд ва ҳарифи маҷлиси Юсуфи Суфӣ шуда... » [46, с.91].

Пас аз қатли Кайхусрав писари ӯ султон Маҳмуди Хатлонӣ ҳокими Хоразм Юсуф Суфиро бар зидди Темурланг, қотили падараш шуронда, ӯ шаҳри Кот ва гирду атрофи онро ғорат мекунад. Баъди ин ҳодиса Темурланг дар қаҳру ғазаб шуда, баҳори соли 774/1373 бори дуюм ба ҷониби Хоразм лашкар мекашад. Пас аз чунин ҳолат ҳокими Хоразм Юсуф Суфӣ ба тарс афтида, барои зинда мондани худ як чанд нафар одамони обрӯмандро бо тухфаҳо назди Темурланг мефиристад. Бояд гуфт, ки ин дафъа низ Юсуф Суфӣ ваъдаи Хондзодаро ба писари Темурланг кард. Ҳамин тавр, бори дуюм Хоразм аз ҷаҳолату куштори золимонаи Темурланг раҳо ёфт.

Бино ба иттилоъи сарчашмаҳо Темурланг дар аввали фасли баҳори соли 777/1376 бори сеюм ба ҷониби Хоразм лашкар кашид. Вақте ки Темурланг дар ба талаву тороҷи Хоразм машғул буд, як қатор амирони ӯ, Одилшоҳ, Хитой баҳодур, Элчӣ буғо ва Сори буғо, ки ӯро ҳамчун ҳоким дар Мовароуннаҳру Хуросон дидан намехостанд, дижи Самарқанд ва навоҳии онро ба зери тасарруфи худ даров230ардаанд. Темурланг амирзода Ҷаҳонгирро ба зидди ошӯбгарон фиристод ва

худи ӯ дар мавзеи Работи Малик ҳозир шуд. Ҷаҳонгир бошад, дар наздикии Кармина ба муқобили ошубгарон қарор гирифт. Ошубгарон аз задухӯрд бо неруҳои Ҷаҳонгир худдорӣ карда, ба Дашти Қипчоқ фирор карданд.

Аз маълумоти маъхазҳои асри миёна бармеояд, ки Темурланг бори чорум ба Хоразм дар соли 781/1379 лашкар мекашад. Ин дафъа сабаби ҳуҷум ба Хоразмро Мирхонд чунин тасвир мекунад, ки вақте Темурланг бар зидди Урусхон меҷангид, Юсуф Суфӣ одамони худро ба тарафи Бухоро фиристода минтақаҳои гирду атрофи онро талаву тороҷ карданд, ки ин боиси қаҳру ғазаби Темурланг гардид. Темурланг яке аз наздикони худ Ҷалолуддинро ба назди Юсуф Суфӣ равон мекунад. Ҷалолуддин аз ҷониби ҳокими Хоразм Юсуф Суфӣ дастгир карда шуд. Ин дафъа Темурланг номае барои раҳоии Ҷалолуддин ба Юсуф Суфӣ мефиристад, то ки қосиди ӯро озод намояд. Юсуф Суфӣ на танҳо элчиро раҳо накард, балки лашкареро, зери роҳбарии Тӯйбуғо ба минтақаҳои гирду атрофи Бухоро равон кард, шутурони тарокимаро, ки дар мавзеъ қарор доштанд, ба Хоразм бурданд. Ин рафтори Юсуф Суфӣ боиси лашкаркашии Темурланг дар соли 781/1379 ба тарафи Хоразм гардид. Темурланг ин дафъа Хоразмро дар ҳолати хеле вазнин дар ҳалқа гирифт. Ҳамзамон, мардуми зиёди Хоразмро аз дами теғ гузаронид ва афроди бегуноҳи зиёдеро ба асирӣ гирифт.

Бояд қайд кард, ки ин дафъа муҳосираи Хоразм се моҳ давом кард. Дар чунин вазъияти ҳассос Юсуф Суфӣ ҳокими Хоразм гирифтори беморие шуд, ки боиси фавти ӯ гардид. Пас аз фавти ӯ

байни намояндагони хонадони ӯ зиддияту ихтилофҳо ба амал омад. Барои ба даст овардани ҳокимият мубориза байни Моник Суфӣ ва Хоҷа Лоқ сурат гирифт. Дар ин мубориза Хоҷа Лоқ мағлуб гардида, ба назди Темур рафта, вазъи ногувори Моник Суфӣ маълумот дод. Сипас, лашкариёни Темурланг қалъаро вайрону валангор карда дохили он гардиданд. Ва аз амокину масокин асаре нагузоштанд ва содоту машоих, уламо ва ашрофу аҳли бозор ва арбоби ҳирфаиро кӯчонида ба шаҳри Кеш фиристоданд ва мафлуке чанд боқӣ монду халос. Роҷеъ ба санъати волои мардуми Хоразм муаррихи араб Ибни Арабшоҳ чунин иброз медорад: «Мардуми Хоразм чун аҳли Самарқанд, ба лутф ва муҳаббат самаранд ва дар ҳашмату зарофат аз онон бартар. Ҳамагӣ адибу суханпардоз ва дар фазлу дониш бар дигарон мумтозанд бавижа дар ҳунари мусиқӣ баландовоза ва машҳуранд, чандон ки гуфтаанд: «Чун кӯдаке аз онон дар гаҳвора ба гиря дарояд ё бонге барорад, овои он бо гӯшае аз дастгоҳи мусиқӣ мутобиқ афтад» [37, с.50]. Темурланг пас аз вайрону валангор кардани диж Шайх Алӣ баҳодурро ба доруғагии он ҷо насб фармуда ливои фатҳу нусрат барафрохта инони муовидат ба ҷониби Мовароуннаҳр маътуф сохт.

Бино ба ахбори Мирхонд Темурланг бори панҷум дар соли 799/1388 ба самти Хоразм раҳсипор шуд ва дар мавзеи Эгриёр қарор гирифт. Аз ин мавзеъ як қатор амирони худро аз қабили Куча уғлон ва Темур Қутлуғ уғлонро, ки аз Тухтамишхон гурехта буданд бо ҷамъе умаро аз пеш ба Хоразм раҳсипор сохт. Ин амирон дарак ёфтанд, ки Элйиғмиш ва Сулаймон Суфӣ тарки Хоразм карданд. Сипас,

Темурланг лашкариёни худро ба мавзеи Қамканд равон карда мардуми зиёдеро ба қатл расонданд ва шаҳри Хоразмро талаву тороҷ карданд. Темурланг амр дод, то тамоми аҳолии он вилоятро кӯчонида ба Самарқанд бурданд, ва иморатҳои олии он бардаро бо замин ҳамвор сохтанд ва ҷав коштанд ва дар он шаҳр сокиндорӣ ва нофаҳнорӣ намонд. Бояд гуфт, ки дар тамоми Хоразм деворе ки мутанафис дар сояи он осоиш намояд мавҷуд намешуд [46, с.163].

Ҳуҷумҳои пайдарпайи Темурланг ба самти Хоразм дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зиндагии шигифтовари Темур»-и Ибни Арабшоҳ дар чор маврид зикр ёфтааст. Мирхонд бошад дар асари худ лашкаркашии Темурлангро ба Хоразм панҷ маротиба нишон додааст, ки ин ба воқеият наздикӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки лашкаркашиҳои Темурланг ба Хоразм дар асарҳои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд ба инъикоси воқеаҳои «Зафарнома»-и Шомӣ шабоҳат дошта, бо эҳтимоли зиёд Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд аз асари Шомӣ истифода намудаанд.

Хулоса, тибқи баррасии сарчашмаҳо вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон маҳз дар ин давраи таърихӣ хеле нигароникунанда буд. Инчунин аз чунин вазъи ногувори сиёсӣ ҳокимони ин ё он минтақа пайваста дар талоши ба даст овардани мулкҳои якдигар буданд ва ҳар хону амир мулкеро худсарона ба зери тасарруфи худ даровարда буд ва аз итоат аз ҳокимияти марказӣ сарпечӣ мекарданд. Албатта хоҳ-нохоҳ чунин вазъи нобасомон ба вазъи иҷтимоии мардумони маҳаллӣ таъсири манфӣ хоҳад расонд. Бино ба ахбори манбаъҳои таърихӣ маҳз дар ин

давраи таърихӣ, авзои сиёсии Хуросон дар муқоиса ба дигар минтақаҳо то як дараҷа аз тохтутозҳои хонҳои муғул эмин буданд. Хонҳои муғул аз қабили Қазаған барои ба зери тобеияти худ овардани Ҳирот талош кард аммо натиҷае надод.

Аслан, аҷнабиёни муғул аз солҳои 50-уми асри XIV шуруъ карда, барои боз ҳам мавқеи худро дар Мовароуннаҳру Хуросон устувор сохтанд, бо ҳар роҳу восита талоши мавқеъ пайдо кардан боз як бори дигар аз ҳеҷ гуна дасиса рӯй намегардонданд. Бояд гуфт, ки аллакай парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳр ба авҷи аълои худ расида буд. Аз ҳама бештар саъю талошҳои Темур ва амир Ҳусейн барои ҳарчи зудтар соҳиб шудан ба ин мулкҳои пароканда ба мушоҳида мерасид. Воқеан ин ду амир барои соҳиб шудани Мовароуннаҳр аз ҳеҷ як дасиса даст намекашиданд. Ҷанги шадид байни хони Муғулистон Туғлуқтемур ва амир Ҳусейн Темурланг, ки соли 1365 ба амал омад, ки дар таърих бо номи «Ҷанги Лой» зикр ёфтааст, ба шикасти ин ду амир ва фирори онҳо оварда расонд.

Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳад, аҷнабиёни муғул бо саъю талош ва ҷонбозиҳои сарбадорони Самарқанд хусусан роҳбарони онҳо мағлуб шудан, сипас тарки қаламрави Мовароуннаҳр кардани онҳо ва боиси кушта шудани роҳбарони ин шуриш аз ҷониби Темурланг ва амир Ҳусайн гардид. Пас аз чанд вақт миёни амир Ҳусайн ва Темурланг мunoқиша барои ба даст овардани ҳокимият шуруъ шуд, ки дар натиҷа якумин аз тарафи Темурланг хиёнаткорона ба қатл расонда шуд. Дере нагузашта Темурланг барои боз ҳам устувор сохтани Мовароуннаҳр ва соҳиби молу мулки бештар шудан рӯ ба тохтутозҳои ғоратгарона ба ҷониби Хоразму Ҳирот сар кард. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ин амалиётҳои ғоратгаронаи Темурланг на танҳо боиси

вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот, балки ба тариқи хеле бераҳмона кушта шудани одамони бегуноҳ шуд.

Бояд гуфт, ки Темурланг баъд аз мондани нахустин санги масҷиди ҷомеъи Самарқанд вориди ҷангҳое гардид, ки онро дар таърих бо номи «Ҷанги ҳафтсола» ёд мекунанд. Аслан ин ҷанг ҳафт сол аниқтараш аз 8-уми муҳаррам 802/то 10 сентябри соли 1399 идома ёфта ва охири соли 807ҳ.қ/ 1404 ба итмом расид.

Темурланг пеш аз он ки ба мулки Ҳиндустон лашкар кашад дар назди худ мақсад гузошт, ки бо он маблағҳои бо роҳи ғораткардааш дар Самарқанд масҷид бисозад. Пас аз баргаштан дар соли 1399 ба бунёди он масҷид, ки бо номи Бибихонум машҳур аст, оғоз кард. Хишти нахустини он дар чоруми рамазони /11 майи соли 1399 аз ҷониби Темурланг гузошта шуд. Бино ба иттилоъи Алии Яздӣ дар ин сохтмон зиёда дусад банно аз Озарбойҷон, Эрону Ҳиндустон ва дигар минтақаҳо ва 500 мардикори сангбур бо 95 фили боркаш бо теъдоди зиёди меъморони касбу кори гуногун ба сохтмони ин маҷид пардохтанд [110, с.144; 71, с.212]. Бояд гуфт, ки Темурланг ба бемории худ нигоҳ накарда, ҳамарӯза бевосита худаш аз рафти корҳои сохтмони дар ин масҷид назорат мебурд.

Сафири испанӣ Клавихо, ки дар ёддошти худ аз ин манзара чунин иброз медорад: «…дар ин даврон пиру барҷомонда шуда буд, на пиёда ва на савора роҳ рафта наметавонист. Ӯро танҳо дар сароҷа савор карда, ба ин ҷо меоварданд. Ӯ фармуд, ки ҳар рӯз вайро дар сароҷа савор карда, ба ин ҷо биёранд» [62, с.172].

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ сохтмони ин масҷид дар соли 1404 ба анҷом расид. Ва чун ба масҷиди ҷомеъ, ки эҳдос карда буд, гузар кард ва даргоҳаш, ки дар муддати ғайби он (яъне Темурланг Ҳ.Ҳ.) баровварда

буданд ба воситаи кӯтоҳиву кӯчакӣ написандид ва ишорати алия ба нуфоз пайваст, ки онро вайрон карданд. Васеътару рафеътар асос андохта бо айвони кайвон барафрохтанд. Ва дар хилоли ин аҳвол Темурланг Аҳмад Довуд, ки дар муддати ғайбати роёти ҳумоюн машғул ба шуғли вазорат буд, дар ҳини ҷашни сур, ки дар Кони Гил воқеъ шуд фармон дод, то ӯро ба ҳалқ овехтанд [46, с.476, 110, с.421; 40, с.180]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Мирхонд ва Ҳофизи Абрӯ дар асарҳои худ танҳо аз куштани Аҳмади Довуд ном бурдаанд.

Дар рӯзи якшанбе ғурраи рабеулаввал санаи сабъ ва самонмия-сентябри соли 1404 Темур хост ки пеш аз он сафари дуру дарози Хитой баъзе аз шоҳзодагонро хонадор кунад. Ва фармон дод, ки аъёну акноф ба қурултой даъват карда шаванд. Ва аз шоҳзодагони Чингизхонӣ Тори уғлон ва баъзе дигар ба арз расониданд, ки муносиб чунон менамояд, ки дар ин тӯй амирзода Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир аз Ғазнин ва амирзода Шоҳрух аз Хуросон биёянд. Темур фармуд, ки омадани Шоҳрух маслиҳат нест. Ин тӯйи дар мавзеи Кони Гил баргузор гардид. Тибқи иттилоъи Мирхонд дар ин чорабинии бошукӯҳ, як идда наздикони Темурланг ба амсоли Улуғбек, Иброҳим султон, Мирзо Ҷаҳонгир, Мирзо Бойқаро, Саид Аҳмад ва Эҷил оиладор мешуданд. Ҳамчунин, дар ин чорабинии бошукӯҳ дар қатори сафири испани Р. Д. Клавихо сафирони дигар давлатҳо ба амсоли Миср, Рум, Хитой, Муғулистон, Дашти Қипчоқ ва Олой низ ҳузур доштанд [46, с.478; 4, с.1027; 40]. Бояд гуфт, ки рафти ин ҷашнро дар муқоиса ба дигар муаррихон сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо, ки бевосита ҳузур дошт, возеҳу равшантар баён месозад. Аз ҷумла, чунин тавсиф мекунад: «Рӯзи панҷшанбе-9-уми октябр амир фармуд, то базми калон барпо кунанд. Ин базм ба хотири тӯйи як набераи ӯ барпо карда шуд. Амир супориш дод, ки моро ба ин тӯй ҳозир

кунанд» [64, с.153]. Бояд зикр кард, ки ин тӯй тибқи суннатҳои муғулӣ баргузор гардид, ки ба ин ҷашн содоту айимма, ҷӯҷиёну умарои бузург ва элчиён, ки аз чаҳор гӯшаи ҳафт иқлим омада буданд ва соҳибҷашн «дар табаққои тиллову нуқра муҳайё ва омода ва анвои машрубот ва аз бодаву қимиз ва болу мусаллас ва арақу шарбат муҳайё дошта» [84, с.436].

Ҳамчунин, сафири испанӣ Клавихо дар ин ҷашни бошукӯҳ аз Улуғбек низ ёд кардааст, ки дар ин вақт синну соли Улуғбекро даҳсола гуфтааст. Дар ин тӯй Улуғбек-Оқбек, яке аз хешовандони наздики худ издивоҷ кард. Бояд қайд кард, ки рафти ақди нигоҳи ин ду танро муаллифи «Зафарномачунин тавзеҳ медиҳад: «Ва баъд аз тасҳеҳи муқадамоти ақд ва риоёти шароити он имомияи даврон шайх Шамсуддин Муҳаммад Ҷазарӣ ба қироати хутбаи никоҳ маҳфилро мазиди иртиёҳу истирвоҳ бахшид. Ва қозии Самарқанд мавлоно Салоҳуддин ба талқини калимоти иҷобу қабул қиём намуд» [84, с.436]. Бояд гуфт, ки ин тӯйи подшоҳона чиҳил рӯз давом кард.

Тибқи иттилоъи сафири испани Р.Д. Клавихо, ки рафти ин чорабиниро аз наздик дида ва дар баёни онҳо аз ҳақиқат дур нарафтааст. Ва маҳз ӯ рафти зиёфатҳои шоҳонаро тавонистааст, беибо дар рисолаи худ бо ҷузъиёташ тасвир кунад. Клавихоро на танҳо ин зиёфати шоҳона, ки бо шукуҳу шаҳомати хосса оро ёфта буд, дар шигифт монд, балки роиҷ будани истеъмоли шароб дар байни занони Темур ӯро ба тааҷҷуб овард.

Сарчашмаҳо аз он далолат мекунанд, ки Темурланг аз дербоз орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани кишвари Хитойро мепарварид. Як омили асосии нафрат доштани Темурланг нисбат ба Хитой дар он буд, ки гарчанде ки муаррихони дарбории Темуриён аз баёни он худдорӣ мекунанд, дар он буд, ки тайи солҳои ҳукумронии ӯ, аз ҷониби ҳукуматдорони Хитой сафирон пайваста барои суроғи андозҳои худ меомаданд, ки ин ҳолат боиси қаҳру

ғазаби Темурланг мегардид. Беҳуда нест, ки соли 1399 яке аз сафирони Хитойро, ки барои боҷ омада буд, дастгир ва маҳбас кард [359, С.37].

Инчунин дар марҳилаи аввал Темурланг шояд яку якбора рӯ ба ҷониби Хитой оварда наметавонист, зеро дар дохили Моварounnаҳру Хуросон неруҳое буданд, ки пайваста зидди ӯ ва фарзандонаш дар ҳолати ҷангӣ қарор доштанд. Баъд аз байн бурдани онҳо ва ҳамчунин сарҷамъ намудани молу амволи зиёд бо роҳи куштору ғорат ӯ тавонист бо роҳи таҳдид артиши норизои худро ба ҷониби Хитой равона созад.

Яке аз муаррихони барҷастаи афғонистонӣ Муҳаммад Ғубор ин лаҳзаи ҳуҷуми Темурлангро ба ҷониби Хитой чунин инъикос кардааст: «Сипоҳ ба азми кишвари Чин кашид то хунҳоеро, ки рехта буд, бори дигар ба хун бишӯяд» [159, с.430]. Бархе аз муаррихин иддао аз он доранд, ки иқтидори неруи Темурланг дар гумон буд, ки бо сипоҳиёни Хитой даст боло шуд.

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» як бахши калони асари худро зери унвони «Зикри баъзе аз қазоё, ки пеш аз юриши Хито рӯй намуд ва таваҷҷуҳи роёти нусратоёт бад-он савб» бахшидааст. Пеш аз лашкаркаши ба Хитой сафироне, ки дар Самарқанд буданд, онҳоро ба ватани худ гусел намуданд. Пеш аз ҳуҷум ба Хитой Мирхонд қайд мекунад, ки сафирони Афранҷ, Дашти Қипчоқ ва Ҳиндустон, ки дар Самарқанд қарор доштанд гусел кард. [46, с.833]. Темур қурултой даъват кард ва ҳукумати Тошканд…вилояти Ҷатта то ҳудуди Хитой ба Улуғбек арзонӣ дошт ва зимоми иёлати Андикон, Тироз ва Қошғарро бошад ба амирзода Иброҳим султон вогузор кард. Темур як идда аз амирони худро ба амсоли Пирмуҳаммад Тағойбуқо, шайх Муҳаммад Баҳлул ва Муҳаммад Озодро барои ҷалб намудани сипоҳ вазифадор сохт. Муаллиф теъдоди лашкарро чунин шарҳ додааст: «…аз билоди

Мовароуннаҳр, Хоразм, Туркистон, Балх, Бадахшон, Хуросон, Мозандарон, Қум, Қарототор, ки эшонро аз Рум кӯчонида овардаанд саду бист ҳазор савори номдор ҷамъ мешавад» [46, с.833]. Ҳамзамон, Мирхонд аз «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ чунин мисол меорад. «Дар ҳини юриши Хитой сесаду ҳаштод ҳазор ва шашсаду дувоздаҳ мард дар шумор омад» [46, с.480-481]. Муаллиф дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки: «…дар он овон ҳаштсад ҳазор савору пиёда буданд». [46, с.481].

Бино ба ахбори манбаъҳои таърихӣ дар хусуси теъдоди умумии лашкари Темурланг ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой ақидаҳо мухталифанд. Аз ҷумла, асири немис Шилтбергер шумораи сипоҳи Темурлангро 800 ҳазор тасвир кардааст. [113, с.29]. Бояд зикр сохт, ки ягона муаррихе, ки ақидаи Шилтбергерро дар теъдоди лашкариёни Темурланг ҳангоми ҳуҷум ба Хитой дастгирӣ менамояд, ин муаррих Хондамир мебошад [73, с.530]. Муаррихи араб Ибни Халдун дар муқоиса ба дигар муаллифони аҳди Темуриён бошад миқдори умумии ҷанговарони Темурлангро як миллион нафар нишон додааст [39, с.73].

Воқеан роҷеъ ба теъдоди лашкариёни Темурланг дар сарчашмаҳо гуногунанд. Ақидаи Шилтбергер, Ибни Халдун ва Хондамир дар баёни шумораи сипоҳиёни Темурланг ҳангоми лашкаркаши ба Хитой иғроқе беш нест. Роҷеъ ба теъдоди низомиёни Темурланг муаррихи «Зафарнома» чунин иттилоъ медиҳад: «…аз Мовароуннаҳр, Туркистон, Хоразм, Балх, Бадахшон, Хуросон, Систон, Мозандарон, Қум ва қавми котор, ки эшонро бо кӯч аз Рум нақл кардаанд ва хонакӯч Эронзамин, ки аз Озарбойҷон ва Ироқ оварданд, дувист ҳазор савору пиёда…ҷамъ мешавад» [85, с.13; 359, с.37].

Бояд зикр сохт, ки ақидаи Мирхонд бо Шарафуддин Алии Яздӣ яксон аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Мирхонд теъдоди лашкариёни Темурро аз

«Зафарнома»-и Шарафуддини Алии Яздӣ бардоштааст [46, с.480]. Тибқи ахбори Мирхонд шумораи сипоҳиёни Темурланг сесаду ҳаштод ҳазору дувоздаҳ нафар савору пиёда буд [46, с.481]. Бад-ин тартиб бояд, қайд кард, ки иттилоъи муаррихи «Равзат-ус-сафо» аз ахбори асири немис Шилтбергер, Алии Яздӣ, Ибни Халдун ва Хондамир дида ба ҳақиқат наздики дорад.

Бино ба шаҳодати Мирхонд Темурланг дар шуҳури санаи арбаа ва тисъин ва сабъумия 27 ноябри соли 1404 ба қасди тасарруфи Хитой аз Самарқанд берун шуд. Дар ин воло, Темурланг фармон дод, ки амирзода Халил султон, амирзода Саид Аҳмад, амир Бурундуқ, Сайфиддин Айёс, Худодод Ҳусайнӣ, Ёдгоршоҳ Арлот, Муҳаммад Дарвеш барлос, Рустам Тағойбуқо, Абдулкарим Ҳоҷӣ Сайфиддин бо ҷамъе аз умаро дар навоҳии Тошканд ва Шоҳрухия деҳа бунёд кунанд. Бо фарорасии фасли баҳор рӯ ба Утрор биёранд. Темур азоби Сайҳун бар болои ях убур намуда нузул фармуд ва дар он сол аз авоили қавс то авохири ҳут корвониён аробаҳоро аз Сайҳун ба Ҷайҳун ба рӯи ях мегузоштанд ва рӯди Сайҳун ба навъе баста буд, ки то се газ намеканданд бо об намерасиданд. Рӯзи чаҳоршанбе дувоздаҳуми раҷаб дар Оқсалот фуруд омад. Дар ин вақт дар Утрор зимистони сард ҳукмфармо буд. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» равиши минбаъдаи вазъи саломатии Темурро чунин шарҳ медиҳад: «Ногоҳ дар чаҳоршанбе даҳуми шаъбон санаи сабъ ва самонмоя мизоҷи ҳумоюни (ТемурҲ.Ҳ) ӯ аз ҳадди эътидол интиқол кард…ориз гашт…то чанд марази мухталиф ҷамъ омад, чунончи аз муолиҷаи яке дигаре зиёд мешуд» [46, с.485].

Темурланг дигар дилгармие ба зинда монданаш надошт дар охирин лаҳзаҳои ҳаёти худ ба сипоҳиёни худ гушзад кард, ки ҳокими як қатор минтақаҳо аз қабили Қандаҳор, Кобулу Ғазнин Пирмуҳаммад писари Ҷаҳонгирро ба ин маснад интихоб намуд.

Тибқи шаҳодати Мирхонд «Темур дарёфт, ки дигар беҳбуд нахоҳад ёфт, пас занон ва хвосси умарои худро эҳзор кард ва васият кард, ки Пирмуҳаммади Ҷаҳонгир валиаҳду қоиммақоми ӯ бошад ва ӯ дар Самарқанд биншинад ва ҳамагон аз ӯ итоат кунанд. Ва ҳамаи умароро савганд дод, ки аз он васият сарпечӣ накунанд» [46, с.485].

Бояд зикр сохт, ки Ибни Арабшоҳ, Ҳофизи Абрӯ ва Хондамир ягона муаррихони асримиёнагие мебошанд, ки он ба таври хеле ҷонкоҳ ҷон ба ҷаббор супоридани Темурлангро бо тамоми ҷузъиёташ дар рисолаи худ инъикос намудаанд [37, с.267-269; 79, с.1032, 33, 34].

Муаррихони дарборӣ ба монанди Мирхонд Муинуддини Натанзӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Фасеҳи Хавофӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ аз рафти шаробнӯшии зиёд дар рӯзҳои бемории худ ҳамчунин, аз даҳон хун партофтани Темурро дар асарҳои худ хомӯшӣ ихтиёр кардаанд.

Муаллифи араб Ибни Арабшоҳ дар асари худ «Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур» ҳодисаи ҷондодани Темурро бо тамоми ҷузъиёташ инъикос кардааст. Аз ҷумла, чунин менигорад: «…ҷомҳои паёпай нӯшид ва пиёлаҳои дамодам даркашид…Он арақ дар уруқ ва ҷавореҳаш асар бахшид…Пас пизишкон…дар он сармои сахти зимистон ях бар паҳлӯ ва шикамаш гузоштанд ва то се рӯз бад-ин гуна лахт-лахт хун аз даҳон фурӯ мерехт» [37, с.187].

Бино ба нигоштаи Мирхонд Темур миёни шом ва хуфтан…ҷон ба ҷонон супурд…ва ин ҳодисаи кубри дар ҳабдаҳуми шаъбон соли мазкур иттифоқ афтод ва Мавлоно Баҳоуддини Ҷомӣ дар таърихи воқеа чунин мефармояд:

Қитъа:

Султонтар он ки чархро дил хун кард,

Аз хуни адӯ рӯи замин гулгун кард.

Шуд ҳафту даҳум зи шуҳури шаъбон сафарӣ,

Филҳол зарзавон сарупо берун кард.

Шаҳаншоҳе, ки маъвояш биҳишти ҷовидон омад,

В-доғи шаҳриёрӣ карду тоърихаш ҳамон омад.

Темурланг дар мавзеи Утрор шаби чаҳоршанбе, ки ба 18 феврали соли 1405 рост меояд, аз дунё гузашт. Аз ҷумла, муаррихи араб Ибни Арабшоҳ рӯзи фавти ӯро бо чунин мазмун овардааст: «Ин воқеа дар шаби чаҳоршанбеи ҳафдаҳуми шаъбони соли 807 буд, ки Худои таъоло ба раҳмати худ бедоде чунон аз бандагонаш баргирифт…» [37, с.188].

Ҳамзамон, муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр» вафоти Темурлангро аз дигар муаррихони аҳди Темуриён дида бо тамоми ҷузъиёташ инъикос кардааст. Аз ҷумла, ӯ баён медорад, ки: «…чанд рӯз пайваста май аз дасти соқиёни нӯшлаб мегирифт ва ҳар шаб маҷлиси ҳумоюн аз фурӯғи бодаи ҳамри ӯ шуои соғари саҳбосифат рӯшанӣ пазируфт, дар он асно рағбати арақ фармуд,…чунон ба арақ машғул намуд, ки аслан майли таъом нафармуд…чун мудаббири табиат дар он шароб асар кард, таб иштидод пазируфт ва дар рӯзи чаҳоршанбе ъошири шаъбони санаи сабъа ва самонумиа маразе саъб (мудҳиш) рӯй намуд, балки амрози мухталифаи махуфа, ки аз илоҷи яке дигаре қавӣ мешуд, муҷтамеъ гашт ва бо он ки аз зумраи атиббо Мавлоно Фазлуллоҳи Табрезӣ дар мулозимат буд ва дар мудовӣ яди байзо менамуд, ҳеҷ даво нофеъ наяфтод ва аслан мaводи фосида мунқатеъ (қатъ) нагашт…» [73, с.533-534].

Ҳамчунин Алии Яздӣ роҷеъ ба вазъи бемории Темурланг ва дар табобати ӯ оҷиз мондани табибони ӯ чунин ибрози назар мекунад: «Ва дар чаҳоршанбеи даҳуми шаъбони санаи сабъа ва самонумиа (соли 807 ҳ.қ.) мизоҷи ҳумоюн аз наҳҷи эътидол инҳироф пазируфт ва таби муҳаррик (сӯзанда) торӣ шуд (рӯй дод) ва… мараз ва шиддати он замон то замон

меафзуд…Ва бо он ки Мавлоно Фазлуллоҳи Табрезӣ, ки аз муҳраи атиббои ҳозиқ буд…дар муолиҷа ва тадовӣ саъйи балеғ менамуд, рӯз ба рӯз хастагӣ иштидод (шиддат) меёфт ва иллати дигар сар бар мекард, чунончи чанд маразӣ махуф (хафнок)-и мухталиф ҷамъ омада, ки аз муолиҷаи баъзе, баъзе дигар издиёд (афзоиш) мепазируфт…баъд аз шиддат мараз тазоюд (зиёдшавӣ) пазируфт…ва чун шаб даромад…миёни шому хуфтан» [84, с.463-464-468] вафот кард.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Мирхонд як фасли рисолаи худро бо номи «Зикри иқомати маросими таъзияти ҳазрати соҳибқирони оли манзалат ва ирсоли наъши мабрури он ҳазрат ба савби Самарқанди ҷанат сифат» бахшидааст, ки дар он аз ҷумла чунин нигоштааст: «…умарову хос гиребон чок зада хуноби сиришк аз дида бар рухсорҳо равон кардан два хавотин ба захми нохун рӯйҳо харошиданд ва намак бар ҷароҳати синаҳо пошиданд» [46, с.487].

Наздикони Темурланг саъю талоши зиёд карданд, ки ҷасади ӯро бе овоза вориди шаҳри Самарқанд намоянд. Баъд аз машварат умаро ба хулосае омаданд, ки касе назди амирзода Халил султон, ки ин вақт дар Тошканд буд, аз воқеаи ба амал омада огаҳ гардониданд. Ба ҳамин монанд, назди амирзода султон Ҳусайн, султон Пирмуҳаммад, Шоҳрух, Амироншоҳ, Абубакр қосидон фиристоданд, аз вазъияти ба амал омада иттилоъ додаанд. Сипас, шаби панҷшанбе ҳаждаҳуми моҳи мазкур вақти намози хуфтан ҷасади Темурлангро дар маҳуфа ҷой дода аз шаҳр берун бурданд ва дар ҳамон шаб аз рӯйи ях гузашта дар ду фарсахии Инзор дар миёни беша қарор гирифтанд [46, с.488].

Мирхонд дар тақвияти суханони худ қайд мекунад, ки «умаро…аз боби юриши Хито машварат карда бо якдигар гуфтанд, ки

ҳайф бошад, ки лашкари чунин азим, ки дар истеъдоду оростагии эшон касе нишон надода бен или мақсуд бозгарданд ва маҷмӯъ оғоёну умаро ва шоҳзодагон, ки ҳозир буданд рафтан ба ҷониби Хитойро савоб шумурданд ва раоё бар он қарор гирифт, ки дар рикоб амирзода Иброҳим султон, ки…ӯро бо худ ба Хитой мебурд, равон шавад. То ба амирзода халил султон, ки дар он вақт бисту яксола буд ва аз шоҳзодагони ҳозир ба сини бузургтар буд, бипайванданд ва мутаваҷҷеҳи диёри бутпарастон гарданд» [46, с.489]. Ҷасади Темурлангро маҳсуби Хоҷа Юсуф ва Алӣ Қувчин ва зумрае аз хос равонаи Самарқанд гардониданд ва муболиға карданд, ки ба тааҷҷил баранд ва дар роҳ эҳтиёт бошанд ва шаби рӯзи душанбе, аниқтараш бисту дуюми шаъбон 23 феврали 1405 шабона ҷасади Темурлангро ба Самарқанд расонида дар гунбаде, ки барои худ сохта буд, дафн карданд.

Ҳамин тавр санаи марги Темурланг дар сарчашмаҳои таърихӣ гуногун нишон дода шудааст. Аз ҷумла, Мирхонд 10 шаъбон, Ҳофизи Абрӯ бошад, дар миёнаҳои моҳи шаъбон, яъне миёнаҳои моҳи феврали соли 1405, Шарафуддин Алии Яздӣ ва Ибни Арабшоҳ Темурланг дар 17-и шаъбони соли 809 ҳ.қ. (18 феврали соли 1405) баён кардаанд. Як идда муаррихон, аз ҷумла, Ибни Арабшоҳ ва Шарафуддини Алии Яздӣ ва санаи марги Темурлангро 18 феврали соли 1405 тасвир кардаанд. [37с.117; 84, с.504]. Бино ба ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ Темурланг «Ҳафтоду ду солу як моҳу ҳаждаҳ рӯз умр ёфт» [24, с.576], Шарафуддин Алии Яздӣ, «ба ҳафтоду як сол расида буд» [84, с.469] ва Абдураззоқи Самарқандӣ «умри он ҳазрат ҳафтоду як сол буд» [2, с.1042] нишон додаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки Мирхонд дар нигоштани сину соли Темурланг ҳеҷ иттилоъе нададааст.

Тибқи иттилоъи муаррихи араб Ибни Арабшоҳ ҷасади Темурлангро ба Самарқанд оварда, дар тобуте аз обнус дафн карданд [37, с.198]. Ё худ ҳамин муаллиф дар ҷойи дигари асари худ, чунин менигорад: ки пас аз чанде ки кори гӯр ва сохтани бинои он ба поён шуд, ҷасади Темурлангро дар тобуте аз пӯлод, ки ба дасти яке аз устодони санъат дар Шероз сохта шуда буд,… дар он макони машҳур ба хок супурд [37, с.199]. Тибқи ахбори Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандӣ, ҷасади ӯро ба сандуқи мармар ҷой карда ва дар поёни пойи ҳазрати Саид гӯронданд [11, с.174].

Бояд иброз дошт, ки иддае аз муаррихин аз он шаҳодат медиҳанд, ки «Бояд бигӯем, ки вай сахт ба суннатҳои муғулӣ пойбанд буд, дар воқеъ пас аз марги вай пайравонаш маҷбур шуданд, оромгоҳи ӯро бар хилофи бовариҳои исломӣ, ба расми муғулӣ тарроҳӣ карда ва бисозанд» [195, с.141-142].

Дар баъзе сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки Темурланг дар дами марги худ ба наздиконаш супориш медиҳад, ки он зарфу асбобҳое, ки ба пуррагӣ аз тилло буданд ва ҳангоми айшу нӯши худ истифода мекард, онҳоро нобуд созанд [79, с.1033; 4, с.1039]. Муаррихони дарборӣ танҳо Ҳофизи Абрӯ ва Ибни Арабшоҳ ба он ақидаанд, ки маҳз сабаби ба бемории табобатнашаванда дучор шудани Темурланг ин бениҳоят зиёд нушиданӣ шароб будааст.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки «Дар рӯзи чаҳоршанбе шонздаҳуми рамазони санаи сабъ ва сабъмоя…ҳаштсаду ҳафт (18 марти 1405)…амирзода Халил султон ба дорусалтанаи Самарқанд даромад…амирзода Муҳаммад султон ва бародарзодаи амирзода Пирмуҳаммад султон валиаҳд буд бо исми хонӣ номзад ва ӯ дар он вақт нуҳсола буд» [46, с.505; 78, с.13; 2, с.1059-1060, 70, с.1014; 76, с.112]. Ҳаминро бояд, хотирасон кард, ки муаллифи «Ҳабиб-

ус-сияр» аз баёни санаи рӯзу соли ба сари тахт нишастани Халил султон аз чӣ бошад дар асари худ иттилоъ намедиҳад.

Вақте ки Халил султон ба дасти амир Худойдод асир мегардад, Шоҳрух аз ин ҳодиса огаҳ шуда фурсат муносиб дониста рӯ ба Мовароуннаҳр меорад. Шоҳрух дар Самарқанд аз қабри падараш дидан мекунад ва ҳамаи он либосу аслиҳаҳои ҷангие аз Темурланг буд, баъд аз маргаш дар сари гӯраш ба тариқи ороиш ҷо карда буданд, барчинд. Роҷеъ ба ин саҳна Ибни Арабшоҳ муфассалтар қайд кардааст. Аз ҷумла, ӯ тасвир мекунад, ки....ва он чи аз либосу силоҳ ва дигар колоҳо бар сари гӯраш буд, ба хазоини хеш фиристод [37, с.230].

Дере нагузашта соли 1409 Шоҳрух вақте ки ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба даст меорад, ҷасади падарашро ба назди қабри набераи дӯстдоштааш Муҳаммад султон мекӯчонад.

Ҳамзамон, Шоҳрух ҷасади яке аз шахсияти руҳони Сайид Баракаро аз Андхой, оварда ба паҳлуи ҷасади Темурланг дафн мекунад. Дар тақвияти ин гуфтаҳо муаррих Шарафуддин Алии Яздӣ чунин навиштааст: «...баъд аз вафот марқади ӯ дар поёни қабри муртази Сайид мубарвар амир Сайид Барака бошад, баъд аз чанд гоҳ тобути ӯро аз Андхуд нақл карда дар қуббае, ки меъмори ҳимат...ба сифати хонақоҳи мазкур барафрошта буд, дафн карданд ва он ҳазратро чунон ки ният фармуда буда дар пойни қабри ӯ биниҳоданд» [84, с.511; 7, с.174].

Ҳамин тариқ, Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо»-и худ роҷеъ ба авзои сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV маълумоти ҷолибе додааст. Бояд иброз дошт, ки дар муқоиса бо дигар манбаъҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои илмии мавҷуда ахбороти овардаи Мирхонд ба воқеати таърихӣ наздикӣ дорад. Азбаски Мирхонд муаррихи дарборӣ ба ҳисоб мерафт, хоҳ-

нохоҳ дар бисёр ҳолатҳо аз баёни ошкорои̣ ваҳшониятҳо ва беадолатии ин хонадон нисбат ба мардуми мазлум худдорӣ кардааст.

Бадин тартиб новобаста аз он ки дар ин асар ба бархе мушкилотҳои дарборӣ ва истибдоди Темуриён маълумоти муфассал оварда шудааст, шояд бо дарназардошти мавқеияти ҷуғрофиёи наметавонист нигорши пурраи вазъи дохилии ин давлатро баррасӣ намояд аммо то ҳадди муайян кушода ва пушида бо навъи ишорат тавонистааст, аз ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии аҳолии сокини давлати мазкур маълумоти муфассалу мушаххас оварад.

### 2.2. Давлати Темуриён дар Хуросони Бузург

Тибқи ахбори Мирхонд аз Темур пас аз фавташ сиву шаш писару набера боқӣ монд [46, с.499]. Бо дафн кардани ҷасади Темурланг дар Самарқанд, аллакай байни наздикони ӯ задухӯрдҳои шадид байни ҳар кадоми онҳо шуруъ шуд. Асосан барои ба даст овардани ҳокимият дар ин хонадон миёни шоҳзода Пирмуҳаммад, амир Аҳмад ва Халил султон талошҳо ба миён омад. Ин се тан ҳар кадом барои соҳиб шудани тахту тоҷи Темурланг аз ҳеҷ ваҳшоният рӯ намегардонданд.

Ҳарчанд ки Темурланг пеш аз марги худ Пирмуҳаммадро ба ҳайси амири хонадони Темуриён интихоб карда буд, аммо амирони темурӣ ӯро дар сари қудрат дидан намехостанд. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки «Тоҷу тахт тааллуқ бо амирзода Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир дорад ва мо тағйир ва табдил ба васияти амири кабир роҳ нахоҳем дод ва дар ҳамон маҷлис аҳдномае навишта ҳар кас муҳри худ дар он ниҳод ва амирзода Халил султон низ бинобар муқтазии вақт бар он аҳднома ризо дод ва Элтамашро ба табрикот ба рисолат пеши амир Шайх Нуриддин ва амир Шоҳмалик фиристод ва фармуд, ки аз он ҷо ба тааҷҷил шитофта ин номаро ба шаҳзода валиаҳд мирзо Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир бирасон ва бигӯй, ки шуморо валиаҳду қоиммақоми ҳазрати соҳибқирон медонем...» [46, с.499]. Тибқи шаҳодати Мирхонд барои ба сари ҳокимият овардани

Пирмуҳаммад саъю талошҳои амир Шайх Нуриддин ва амир Шоҳмалик бе натиҷа анҷом ёфт, набераи дигари Темурланг Халил султон (1384-1411), ки то рӯзи фавти бобояш дар Тошканд ҳукмронӣ мекард, дар шонздаҳуми рамазон санаи сабеъ ва самонмия 18 марти соли 1405 ҳокимияти Мовароуннаҳро ба зери тасарруфи худ даровард [46, с.499]. Бо ба сари қудрат омадани Халил султон амирзода Муҳаммад Ҷаҳонгир, ки писари амирзода Муҳаммад султон буд, бародарзодаи Пирмуҳаммад валиахдро ба мансаби хонӣ таъйин кард.

Тибқи иттилоъи Мирхонд даромадани Халил султон ба Самарқанд ба рӯзи чоршанбеи 18-уми марти соли 1405 вақти муайянамудаи ситорашинос Бадриддин рост омад [46, с.498].

Бино ба ахбори манбаъҳои таърихӣ, моҳи марти соли 1405 Шоҳрух аз вафоти Темур иттилоъ меёбад, аз Ҳирот бо як қатор амирони худ мутаваҷҷеҳи Самарқанд гардид. Шоҳрух ҷиҳати фаҳмидани вазъият Саидхоҷа Шайхалӣ баҳодурро ба тарафи Мовароуннаҳр фиристод. Саидхоҷа Шайхалӣ ба Шоҳрух иттилоъ дод, ки Халил султон дари хазинаро ба аъёну ашрофи Мовароуннаҳро кушода, тарафдорони зиёде пайдо кардааст. Тибқи шаҳодати Мирхонд Шоҳрух пас аз чунин ранг гирифтани кор ноилоҷ бо лашкариёни худ рӯ ба пойтахти худ Ҳирот овард [46, с.502]. Шоҳрух пеш аз бозгашти худ ба Хуросон аз Халил султон хоҳиш кард, ки хазинаи Хоникабегимро бо баъзе аз хазина назди амирзода Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир фиристад ва хазинаи хоси амирзодаҳо Улуғбек ва Иброҳимро бо навкарон ва хавотини эшон, ки дар Самарқанд мондаанд равон созад ва аз он тарафи Ҷайҳун Халил султонро бошад ва аз ин тарафи об бандагии ҳазратро» [46, с.504].

Дар мавриди баргардонидани хазинаи Улуғбек ва Иброҳим аз ҷониби Халил султон назари муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ мухталиф аст. Тибқи шаҳодати Мирхонд Халил султон умуман хазинаи ин ду амирзодаро барнагардонд. Ғайр аз ин, хазинаи Халил султон аз

ҳисоби ғорати Муғулистон дар вақти равонаи Хитой будан ва зимни фирори Шайх Нуриддин ва Шоҳмалик ба ҷониби Бухоро ба дасти Халил султон афтид. Ин маблағҳо ҳамчун моли Улуғбек ва Иброҳим султон, ки Темурланг мехост байни онҳо тақсим кунад ба дасти Халил султон гузашт [4, с.16]. Бояд гуфт, ки дар як вақт мулки Бухоро низ ба осонӣ ба зери тобеияти амир Халил султон даромад.

Муаррихи «Муҷмал-ут-таворих» иттилоъ медиҳад, ки Шоҳрух якчанд намояндаи худро барои овардани хазинаи амирзодаҳо Улуғбек ва Иброҳим ба назди Халил султон ба Самарқанд равон мекунад, аз ҷумла дар ин сафар муаррих Фасеҳи Хавофӣ низ иштирок дошт. Фасеҳи Хавофӣ роҷеъ ба вазъияти дар Самарқанд ба вуқуъ пайваста чунин баён медоранд:«…хазона надода, қасди гирифтани бандагон карда буданд ва дар шаб огаҳӣ ёфтем, аз Самарқанд ҳам дар шаб фирор карда ва он шаб ва рӯзу шаби дигар тохт кардем ва рӯзи дувум …аз Омуя убур карда ба шарафи бисотбӯс ҳазрати олӣ хоқонӣ…мушарраф шуд» [70, с.1020; 170, с.216]. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар нигоштани вазъи ба амал омадаи намояндагони Шоҳрух дар Самарқанд аз ҷониби Халил султон на танҳо Мирхонд, балки дигар муаррихони аҳди темурӣ бо истиснои Фасеҳи Хавофӣ хомӯшанд.

Муаллифони «Зафарнома» ва «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» қазияи Шоҳмалик ва Улуғбекро, ки мақсади аз Бухоро ба назди Пирмуҳаммад рафтанро доштанд, чунин тасвир кардаанд. «Онҳо аз Алиобод ба роҳ баромада, рӯзи ҷумъаи бисту панҷуми моҳи муборакиrамазон ба наздикии ҳисори Дабусия расиданд [84, с.493; 4, с.1056]. Вақте ки дар роҳ озими Бухоро будан, иттилоъ ёфтанд, ки Халил султон бе ҳеҷ як муқовимат дохили шаҳри Самарқанд гардидааст, инчунин дар мавзеи Шероз ӯро амир Арғуншоҳ пешвоз гирифта, ба ӯ калиди шаҳру қалъа ва хазинаи Темурлангро супорид [46, с.498; 84, с.504; 4, с.1058].

Бино ба иттилоъи манобеи таърихӣ калидҳои хазинаҳои Темурлангро, ки ба Халил султон дастрас гардида буд, аз калидҳои шаҳр дида муҳимтар буд. Дар тақвияти ин гуфтаҳо сафири испанӣ Клавихо аз номи Халил султон чунин қайд кардааст: «…хазина хеле калон аст ва агар он ба дасти ӯ бирасад, он гоҳ ҳама чағатоиҳо бо ӯ якҷоя мешаванд, чунки онҳо ҳарису гушначашм ҳастанд» [64, с.194].

Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, пас аз фавти Темурланг яке аз муддаиёни асосии ба сари қудрат омадани ҳокимияти Мовароуннаҳр ин яке аз наберагони дигари Темурланг амир Ҳусайн ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки Амир Ҳусайн аз урдуи Шоҳрух рӯ ба фирор оварда, назди Халил султон ба Кеш омад. Халил султон инчунин хазинае, ки марбут ба мирзо Пирмуҳаммад буд, бар нагардонд. Пирмуҳаммад бошад дар ин давра дар мулки Балх зимомдорӣ мекард. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки дар нимаи моҳи зулқаъда соли 807/майи 1405 Халил султон як қатор наздикони худро бо шумули 30 ҳазор сипоҳ зери роҳбарии амир Ҳусайн ба тарафи дарёи Ому равон кард, то аз вазъи мирзо Пирмуҳаммад, ки дар Кобул қарор дошт огаҳ бошанд. Мирзо Ҳусайн, ки дар дил майли истиқлолиятхоҳӣ дошт, одамони Халил султонро ба қатл расонида ва молу амволи ҳамсари мирзо Муҳаммад султонро, ки ба самти Балх ҷониби мирзо Пирмуҳаммад равона буд, ғорат намуда дар байни аскарони худ тақсим кард, барои ба даст овардани ҳокимият рӯ Самарқанд овард. Муаррихи араб Ибни Арабшоҳ роҷеъ ба пасту фурумоя будани амир султон Ҳусайн чунин шаҳодат медиҳад: «Марде сабуксар ва густоху бешарм буд» [37, с.210]. Тибқи ахбори манобеи таърихӣ вақте ки Халил аз ин амалӣ амир Ҳусайн огаҳ шуд, 6 июли соли 1405 дар мавзеи Ҷикдовил вориди ҷанг шуданд. Дар ин задухӯрд амир Ҳусайн ба шикаст дучор мегардад.

Амир Ҳусайн пас аз шикаст хӯрдан бо иддае аз умарои худ дарёи Омуро убур карда, дар ҳавлии Андхуд ва Шибурғон бо амир

Сулаймоншоҳ пайваст. Дар ин асно, амирзода Пирмуҳаммад қосиде назди Сулаймоншоҳ фиристод ва ӯ ба суханони Пирмуҳаммад эътибор надод. Тавре ки Мирхонд ва Ҳофизи Абрӯ иттилоъ медиҳанд, Пирмуҳаммад ки аз ин ҳолат огаҳ шуда дар ғазаб гардида чунин мегӯяд: «Ӯ (султон Ҳусайн Ҳ.Ҳ.) душмани ман аст ва ҳоло пеши ту омада, мебояд, ки ӯро бигирӣ пеши ман фиристӣ» [46, с.524; 80, с.85].

Сулаймоншоҳ пешниҳоди Пирмуҳаммадро қабул намекунад. Пирмуҳаммад дар ғазаб шуда бо теъдоди 3 ҳазор сипоҳ ба муқобили амир Сулаймоншоҳ ва амир Ҳусайн лашкар мекашад. Дар натиҷа ҷанги шадиде ба амал омада боиси шикасти Сулаймоншоҳ ва Ҳусайн гардид. Сулаймоншоҳ ва Ҳусайн маҷбур шуда рӯ ба ҷониби Ҳирот назди Шоҳрух омаданд. Дар тақвияти ахбори «Равзат-ус-сафо» дигар манбаъҳои таърихӣ низ хабар медиҳанд, ки Шоҳрух вилояти Сарахсро ба суюрғоли амир Сулаймоншоҳ мубадал сохта, инчунин 100 ҳазор динор кепакӣ ва якчанд шумора асп дода, ба тарафи Хуросон равона сохт [46, с.524; 71, с.1022; 3, с.40; 98].

Шоҳрух, ки ҳамавақт аз амир Ҳусайн дар ҳарос буд, барои раҳои ёфтан аз ӯ ба Нушервони барлос дастур дод, ки то дар беруни дарвозаи Ироқ дар паси боғи Зебида ӯро ба қатл расонид [46, с.524; 80, с.88; 3, с.40; 71, с.1022]. Перомуни кушта шудани амир Ҳусайн дар манобеи таърихӣ ақидаҳо мухталифанд. Тибқи шаҳодати муаррихи араб Ибни Арабшоҳ амир Ҳусайн ба нӯшидани заҳри ҷонкоҳ ё ба марги худоӣ фавтидааст [37, с.213]. Инчунин, муаррих Ҳасанбеки Румлу дар асари худ «Аҳсан-ут-таворих» ба қатл расонидани амир Ҳусайнро аз ҷониби Мироншоҳ дар мавзеи Колпуш баён доштааст, ки ин ба ҳақиқат наздикӣ надорад [76, с.129].

Зимнан бояд ёдовар шуд, шарқшиноси рус В.В. Бартолд ба қатл расидани амир Ҳусайнро бо истифода аз рисолаи «Анոними шоҳрухӣ», ва Муинуддини Натанзӣ «Мунтахаб-ут-таворих» нишон додааст, ки ба

ҳақиқати он ҷойи шубҳа нест. Тибқи шаҳодати муаррих Муинуддини Натанзӣ пас аз чанд вақт бино ба пофишории амирзода Пирмуҳаммад амир Ҳусайн зиндонӣ шуд ва бо супориши Шоҳрух косаи сарашро бо оташ пур карда ба назди Пирмуҳаммад равон карданд ва ҷасадашро ба дарвозаи шаҳр овехтанд [53, с.82; 3, с.40; 80, с.88].

Муаллиф дар фасли алоҳида зери унвони «Зикри исёни амир Сулаймоншоҳ ва баъзе аз ҳаводиси Хуросон ва лашкар кашидани волии вилояти Ҳирот» таъкид менамояд, ки чун амир Сулаймоншоҳ аз қатли мирзо султон Ҳусайн огаҳ шуда, қосиде назди Шоҳрух фиристод ва пайғом дод, ки то он даме ки амир Шоҳмаликро аз худ дур накунад ва Нушервон барлосро ба қатл нарасонад, ман ба назди эшон нахоҳам омад [46, с.525; 8, с.89; 71, с.1022; 3, с.41]. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки Сулаймоншоҳ яке аз хешовандони наздики Темурланг ба ҳисоб мерафт. Бояд гуфт, ки ин суханони Сулаймоншоҳ қаҳру ғазаби Шоҳрухро ба миён овард.

Дар ин миён, Шоҳрух қосидони зиёдеро ба назди Сулаймоншоҳ фиристод, то ки аз роҳи худ баргардад, аммо дуюмин сапечӣ мекард. Ҳароси Шоҳрух дар он буд, ки мабодо Сулаймоншоҳ бо Мироншоҳ ва Абубакр, ки дар ин вақт дар Мозандарон маскан доштанд, бар зидди Шоҳрух сар бароранд. Шоҳрух дар мадди аввал хост ин вазъияти ба амал омадаро бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл намояд, аммо Сулаймоншоҳ ин таклифро напазируфт. Тибқи иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ Шоҳрух ночор бо Сулаймоншоҳ вориди ҷанг шуд. Сулаймоншоҳ аз ҷониби яке аз амирони Шоҳрух Сайидхоҷа, ки ба муқобили ӯ фиристода буд, шикастхӯрда ба ҷониби Самарқанд фирор кард ва дар он ҷо ба Халил султон ҳамроҳ шуд [46, с.526; 3, с.42; 71, с.1023; 80, с.93].

Дар «Зубдат-ус-сафо» ва «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» омадааст, ки роҷеъ ба шартномае байни Шоҳрух ва Халил

султон муайян гардид, ки боигарӣ ва сарвати Улуғбек ва Иброҳим султон дар хазинаи Самарқанд ҷойгир будаанд. Мутаассифона, сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба чи гуна ин хазина ба Бухоро оварда шудааст, иттилоъоте надодаанд.

Шоҳрух баъд аз гурехтани Сулаймоншоҳ ба назди Халил султон рӯ ба Ҳирот овард.

Дар ин асно, элчии Шоҳқутбиддин аз Систон омада арза дошт, ки шоҳони Фароҳ Алишоҳ шоҳ Ғиёсуддин писарони шоҳ Ҷалолиддин сари гарданкашӣ доранд. Шоҳрух амир Ҳасан Ҷондорро бо лашкари хунхор бад-он савб фиристод...ва ба ҷониби Фароҳ рафт ва шоҳони ёғиро гирифта ба ёсо расонид [46, с.526; 3, с.43; 80, с.94]. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки дар ин соли мазкур бо супориши Шоҳрух Улуғбек ва амир Шоҳмалик ба ҷониби Андхуд ва Шибурғон рафта, ба забти он ҳудуд қиём намоянд. Онҳо аз вазъи ин минтақа огоҳ шуда, ба Шоҳрух иттилоъ доданд. Бояд гуфт, ки Шоҳрух ҳарос аз он дошт, ки дар ин минтақаҳо эҳтимолияти сар задани ошубҳо буд. Сипас, Шоҳрух шоҳ Маликро ба минтақаи Гармсер равон кард, то ки ҳарки саркашӣ мекунад, нобуд созанд. Аз он ҷо рӯ ба йайлоқи Бодғис овард ва дар мавзеи Қизилработ аз муҳорибаи Халил султон ва Пирмуҳаммад огаҳ шуданд. Мирхонд қайд мекунад, ки дар мавзеи Мутабарука Хоника духтари амир Кайхусрав ва фарзанди арҷманди мирзо Пирмуҳаммад ва ҳарами муҳтарам мирзо Улуғбек аз ҷониби Мовароуннаҳр расиданд [46, с.527].

Муаллиф дар фасли алоҳида таъкид менамояд, вақте ки Улуғбек ва Шоҳмалик дар Андхуду Шибирғон қарор доштанд, аз он ҷо Шоҳмалик ба канори Ҷайҳун рафт ва аз ин самти дарё Халил султон бо лашкари Самарқанд омад. Байни Халил султон, бо хуросониён задухӯрд ба амал омад, ки боиси шикасти Пирмуҳаммад, Шоҳмалик ва Улуғбек гардид. Пас аз шикаст Улуғбек ва Шоҳмалик ба Халил султон масъалаи пешниҳоди сулҳ ба миён гузошт. Дар «Равзат-ус-сафо» ва «Матлаъ-ус-

саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» омадааст, ки байни онҳо аҳдномаи сулҳ баста шуд.[46, с.527;3, с.98].

Мирхонд қайд мекунад, ки баъд аз ноком гаштани Улуғбек ва Шоҳмалик онҳоро Пирмуҳаммад ба назди худ ба Балх даъват мекунад, то аз амалиётҳои минбаъда бар зидди Халил султон суҳбат дошта бошанд. Пирмуҳаммад, ки тибқи васияти Темурланг бояд ҳокимияти Мовароуннаҳрро соҳиб мешуд, тавре ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ӯ аз ин маҳрум гардид. Ӯ то дами марги худ бо ҳар роҳу восита кӯшиш кард, то ки ҳокимияти Халил султонро дар Мовароуннаҳр ба қабзаи ихтиёри худ гирад. Аз ин боб Халил султон ба Улуғбек ва Шоҳмалик шиква аз он кард, ки тибқи васияти Темурланг мебоист тоҷу тахт насиби ӯ мегашт. Дар «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» ва «Зубдат-ут-таворих» омадааст, ки Пирмуҳаммад қосиде ба ҷониби Халил султон равон карданд ва хабар дод, ки Темурланг куҷо васият фармуда, ки тахту мамлакат Халил султонро бошад. Мирзо Халил султон ҷавоб гуфт, ки он қодире, ки тахту мамлакат ба ҳазрати амир дода буд, ба ман низ иноят фармуд [3, с.44-45; 80, с.98]. Пас аз чунин муносибат Пирмуҳаммад ва Шоҳмалик, бо сипоҳи бекарон ба соҳили чапи Амударё қарор гирифтанд. Бино ахбори манобеи таърихӣ аҳдномаи сулҳе, ки байни Халил султон, Улуғбек ва Шоҳмалик баста шуда буд, аз тарафи Улуғбек ва Шоҳмалик аҳдшиканона вайрон карда шуд.

Лашкаркашии минбаъдаи Пирмуҳаммад, Улуғбек ва Шоҳмаликро муаллифи «Равзат-ус-сафо» чунин тасвир мекунад, ки онҳо тибқи нақша бар зидди Халил султон ҷониби Самарқанд раҳсипор шуданд ва Шоҳрух дар ин вақт дар Бодғис маскан гирифта буд. Халил султон бошад, бар зидди Пирмуҳаммад, Улуғбек ва Шоҳмалик бархоста онҳоро дар мавзеи Қаршӣ шикаст дод [46, с.527-528]. Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки «мирзо Халил султон бо ҷавонон ва баҳодурони Мовароуннаҳр ва Ироқу Хуросон бар мирзо Пирмуҳаммад ҳамла

оварданд ва қавли ӯро аз ҷой бардоштанд…ва мирзо Улуғбек ва амир Шоҳмалик чун диданд, ки кор аз даст рафт, рӯй аз маърака бартофтанд ва асқолу амволи фаровон ба дасти самарқандиён афтод» [46, с.528]. Бояд зикр сохт, ки Мирхонд санаи ба вуқуъ пайвастани ин ҳаводисро зикр намекунад. Ибни Арабшоҳ, Фасеҳӣ ва Хондамир дар нигоштаҳои худ иттилоъ медиҳанд, ки воқеа дар дуюми моҳи рамазони соли 809/ 21 феврали 1406 ба вуқӯъ пайвастааст [37, с.124; 72, с.557].

Дар ҳолате ки Шоҳрух аз шикасти Улуғбек, Пирмуҳаммад ва Шоҳмалик аз тарафи Халил султон огаҳ шуд, онҳоро ба мавзеи Бодғис даъват кард, то ки амалиёти минбаъдаро бар зидди Халил султон дар ин мавзеъ тарҳезӣ намоянд. Пас аз чанд вақт як идда амирон ба монанди Аллоҳдод ва Арғуншоҳ, аз Самарқанд ба Шоҳрух иттилоъ додаанд, ки агар ба муқобили Халил султон бархезад, онҳо ӯро дастгирӣ хоҳанд кард. Тибқи манобеи таърихӣ, Шоҳрух фурсатро муносиб дониста лашкариёни худро ба наздикии Амударё фиристод ва Шоҳмаликро бошад, вазифадор кард, ки рӯ ба Балх биёрад, то ки ҳарчи зудтар Пирмуҳаммадро низ омодаи набард созад [46, с.529; 3, с.47; 80, с.106].

Сарчашмаҳо иттилоъъ медиҳанд, ки Халил султон ҳангоми ҷангҳои худ бар зидди Пирмуҳаммад ва Улуғбек асосан аз неруи зархаридони чағатойӣ, Форсу Ироқ, Хуросон ва Ҳинду тоторҳо, ки Темурланг ҳангоми лашкаркашии худ ба ин ё он кишвар ба Самарқанд интиқол дода буд, истифода мебурд. Баъди ҳокимияти Мовароуннаҳрро соҳиб шудани Халил султон, қисмати зиёди онҳо Мовароуннаҳрро тарк карда ба ватани худ рафтанд. Тибқи шаҳодати Ибни Арабшоҳ: «Дар шаби душанбеи аввали шаввол (22 марти 1406) лашкариёни Ироқайн бо пайравону хонумон ва фарзандон, ки ҳамроҳ доштанд, аз макони худ берун шуданд. Пас ҳеҷ кас дар баробари эшон наистоду касе низ аз дунболашон барнахост…Наҳри Ҷайҳунро бурида, ба Хуросон расиданд»

[37, с.216]. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ, омили асосии заиф гардидани неруи ҳарбии Халил султон маҳз тарк кардани асирон буд.

Шоҳрух аз вазъияти ба амал омада, огаҳ шуда барои ҳуҷум ба Мовароуннаҳр бар зидди Халил султон талош мекард. Бинобар шаҳодати Абдураззоқи Самарқандӣ, Шоҳрух дар соҳили чапи дарёи Ому сипоҳиёни зиёдеро омодаи набард намуд. Дар ин набард аввалин шуда сипоҳиёни Улуғбек ва Шоҳмалик ба ин самт равона шуданд. Онҳо дар мавзеи Андхуд нузул фармуданд. Шоҳрух бошад бо иддае аз лашкариёни худ ба самти Қизил-Работ мавзеи Бодғис равон шуданд [3, с.44]. Дар ин амалиёт мебоист Улуғбек ва Шоҳмалик ба соҳили рости дарёи Ому гузашта, бо Пирмуҳаммад якҷо мегардиданд. Халил султон аз амалиёти ҷангии Шоҳрух дарак ёфта, ӯ низ дар соҳили чапи Ому маскан гирифт.

Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳад, ки Халил султон аз ин мавзеъ ба деҳаи Кучмалик омада, то як давраи муайян дар яке аз мавзеъҳои Кеш дам мегирад. Ва Халил султон аз ин минтақа як қатор амирони наздики худро ба монанди Шамсуддин, Хоҷа Юсуф, Мубашшир ва Арғуншоҳ ба ҷониби дарёи Ому сипоҳи 10 ҳазор нафарарро равона месозад. Халил султон бо амирони худ мақсад доштанд, он чизу чорае, ки дар он сӯйи дарёи Ҷайҳун ба дасти Шоҳмалик афтида буд, аз нав ба даст биёрад. Дар «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» ва «Зубдат-ут-таворих» омадааст, ки пас аз бист рӯзи набардҳои хунин бо таклифи Халил султон музокироти сулҳ шуруъ шуд [80, с.21-22; 4, с.15]. Ҳангоми гуфтушунид Шохрух дар наздикии соҳили Ому, дар наздикии деҳаҳои Шопурғон қарор дошт. Аз рафти гуфтушунид баръало айён буд, ки Халил султон мавқеи худро боз аз нав мустаҳкам намуд. Пас аз бастани сулҳ ҳар кадом рӯ ба мавзеи худ оварданд.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки талошҳои Шоҳрух барои аз нав вориди ҷанг шудан ба муқобили Халил султон амалӣ нашуд, зеро яке аз амирони ӯ Саидхоҷа талош барои ба даст овардани ҳокимият намуда, як

қатор амиронро ба монанди амир Сайфуддин: Абдулсамад, Тоҳир, Фозил ва писарони амир Учқаро: Шамсуддин, Шер Алӣ, Абумуслим, Муҳаммадбек, Темурмалик, Дулдой ва Муҳаммад Фазлуллоҳ бар зидди Шоҳрух мутаҳаррик сохт. Амир Саидхоҷа намози шом ғурраи зулҳиҷҷа (20 майи 1406) ба иттифоқи ин ҷамоат мутаваҷҷеҳи Ҷом гашт [46, с.529; 71, с.107; 72, с.559].

Ҳамзамон, дар ин асно ба Шоҳрух хабар ов863, ки Мавдуди Гармсерӣ ба ҳудуди Ғӯр даромада даст ба ғорату тороҷ овардаанд. Шоҳрух яке аз амирони худ Оқбуқоро дар санаи сеюми зулҳиҷҷа санаи самон ва самонмоя аз дорусалтанаи Ҳирот ба ҷониби онҳо равон кард [46, с.530; 4, с.49; 80, с.109]. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ дар як вақт барои Шоҳрух мубориза бурдан бар зидди Сайидхоҷа, Халил султон ва ошубгарони Ғӯр хавфу хатар барои зимомдории ӯ гардид. Дар тақвияти гуфтаҳои Мирхонд, Фасеҳи Хавофӣ, Ҳофизи Абрӯ, Абдураззоқи Самарқандӣ Хондамир низ қайд менамоянд, ки воқеан ин амирон ҳар кадом саъю талош доштанд, ки барои ба даст овардани мулке дар Мовароуннаҳру Хуросон, аз дасти Шоҳрух вориди набард гарданд. Аз ҷумла, як қатор амирон Искандарро, ки ҳокими Исфаҳон буд, мехостанд, ҳокимияти Ҳиротро ба ӯ диҳанд. Инчунин намояндагони Ғӯр, ки нисбат ба Темуриён нафрати зиёд доштанд, онҳо низ талош мекарданд, ки мулки Ғӯро замоне ба обову аҷдоди онҳо тааллуқ доштанд, аз дасти Шоҳрух бозпас гиранд. Чунин вазъияти ба амал омада дар Хуросон ба Шоҳрух имкон намедод, ки дар як вақт дар се самт бар зидди рақибони сарсахти худ мубориза барад [4, с.49; 76, с.1025; 80, с.559].

Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки дар ғурраи муҳаррам санаи самон ва самонмоя Шоҳрух аз дорусалтани Ҳирот ба қасди Сайидхоҷа берун омада ба самти Тус ҳаракат фармуд ва аз он ҷо мутавваҷҷеҳи Ҷом шуд ба зиёрати мазори шайхулислом Аҳмади Ҷомӣ рафт. Роҷеъ ба лашкаркашии Шоҳрух ба Тус зидди Сайидхоҷа дар манобеи таърихӣ

ақидаҳо мухталифанд, чунончи дар «Равзат-ус-сафо» ин ҳодиса рӯзи 26 моҳи муҳаррами соли 1406/16 марти соли 1407 ба амал омааast. Шарафиддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома»-и худ иттилоъ медиҳад, ки ин ҳодиса субҳи рӯзи чоршанбеи 27 моҳи муҳаррами соли 1406/ 17 марти соли 1406 ба вуқуъ пайвастааст. Мирхонд шаҳодат медиҳад, ки барои ба даст овардани Сайдхоҷа аз ҷониби Шоҳрух ва дигар ҳаммаслаконаш аз моҳи муҳаррам ва сафари 808/18 июн то 3 июли 1406 давом кард [46, с.532-533, 4, с.49-51; 71, с.1025; 80, с.110]. Бояд иттилоъ дод, ки Сайидхоҷа аз набарди рӯбарӯ ҳаросида, ба самти Калот фирор кард ва дар он ҷо бо Хоҷа Алӣ Насруллоҳ Туршизӣ якҷо шуданд.

Мирхонд роҷеъ ба фирори Сайдхоҷа шеъре навиштааст, чунончи:

То дид зи дур барқ шамшер,

Бигурехт чунонки рубаҳ аз шер.

Бино ба шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, Шоҳрух пас аз фавти падари худ Темурланг дар зимомдории худ қариб, ки орому осуда қарор надошт. Ӯ пайваста машғули пахши ин ё он ошубу исёнҳо буд. Дере нагузашта пас аз фирори Сайдхоҷа бар зидди Шоҳрух Пирподшоҳ дар мавзеи Хабушон сар бардошт. Тибқи шаҳодати Мирхонд, ин ҳодиса дар рӯзи душанбеи 10 сафари 809/28 июли 1407 ба вуқуъ пайвастааст [46, с.534-535]. Шоҳрух барои сулҳ бастан бо Пирподшоҳ Менгли Темур Найманро ба Асторобод назди Пирподшоҳ равон кард. Омили асосии созиши Шоҳрух бо Пирподшоҳ дар он буд, ки дар Форс байни Абубакр ва мирзо Рустам ҷанг ба амал омад [4, с.56]. Пирподшоҳ пешниҳоди сулҳро аз ҷониби Шоҳрух рад кард. Ӯ Астраободро ба қароргоҳи ҳарбии худ табдил дода, ба ҷанги зидди Шоҳрух омода шуд [4, 57; 80, с.130-131].

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» иттилоъъ медиҳад, ки муборизаи Шоҳрух бо Пирподшоҳ дар минтақаи Сиёҳ Билод қарибии шаҳри Астраобод ба амал омад. Дар ин набард Пирподшоҳ шикастхӯрд. Пас аз шикаст Пирподшоҳ рӯ ба ҷониби Хоразм ва Сайидхоҷа бошад ба Шероз

гурехтанд [46, с.535]. Тибқи маълумоти Ҳофизи Абрӯ ин ҳодиса рӯзи якшанбеи бисту шашуми рабеулохир 809/1407 рух додааст [80, с.138]. Шоҳрух баъди шикасти рақибони худ, Улуғбекро ҳокими Хуросон ва Гургон, Астраобод вилояти Домғон ба мирзо Умар писари Мироншоҳро, ки дар ибтидои соли 809/1407 аз Форс бар асари бетартибиҳо ва ошӯбҳо гурехта буд, таъйин кард [46, с.536; 4, с.59]. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки маҳз дар соли 1407 бар зидди Шоҳрух дар ин ё он минтақаи қаламравӣ ӯ исёну ошубҳои зиёд ба амал омад ва ҳамаи он ошубҳо ба таври хеле золимона аз байн бардошта шуд.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки 4 моҳи рамазони 809/3 феврали соли 1407) дар Балх Пиралии тоз, Пирмуҳаммадро бо тамоми наздиконашро аз дами теғ гузаронида, ба сари қудрат расид. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» сабаби қатли ӯро чунин шарҳ медиҳад: «мирзо Пирмуҳаммад дар сарочаи дили шамъи инобату истиғфор афрӯхта буд, он ғадори бебоки бедавлат бо тоифае аз асрор перомуни шоҳзодаи сода дил даромаданд ва он ҷанобро бо ҷамъе аз хосу муқаррабон шарбати шаҳодат чашониданд ва аз вахомати оқибат наандешиданд»[46, с.537; 4, с.62; 80, с.146].

Моҳ тамом мулк ба зери ниқоб шуд,
Оби ҳаёти давлат ваҳшат сароб шуд.
Сари вай зи бӯстони бузург шикаста гашт,
Бурҷе зи осмони маонӣ хароб шуд.
Мотам сарой гашт сипахр чаҳорумин,
Руҳӣ алқадасин ба таъзияти офтоб шуд.

Бояд гуфт, ки Пиралии тоз дар гузашта яке аз амирони содиқи Халил султон ба шумор мерафт. Пиралии тоз баъд аз вафоти Темурланг аз амир Халил султон ҷудо шуда, рӯ ба Балх овард ва он ҷо дар вазифаи вазири девони амир Пирмуҳаммад фаъолият намуд. Дар «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» омадааст, ки амир Пирмуҳаммад

Пиралии тозро ба яке аз мансабҳои калидӣ ба кор қабул кард. Рафти ҳодисаҳои минбаъда нишон дод, ки сабаби асосии аз байн бурдани Пирмуҳаммад маҳз аз ҷониби Халил султон бо дасти Пиралии тоз тарҳрезӣ шудааст. Сарчашмаҳои таърихӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Халил султон ба Пиралии тоз пас аз қатли Пирмуҳаммад бо наздиконаш ваъдаи мулки Мозандарон карда буд.

Аз рафти ин ҳодиса Саид Аҳмад Мирак, ки дар Шибурғон қарор дошт огаҳ шуда ба Шоҳрух ва наздиконаш иттилоъ дод. Шоҳрух як идда амиронро ба монанди амир Мизроб, Ҳасан Суфӣ тархон ва Нушенвонро зери роҳбарии Саид Аҳмад Мирак мутаваҷҷеҳи Балх кард [46, с.537]. Роҷеъ ба ин ҳодиса Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки Шоҳрух 19 муҳаррам 810/27 июни 1407 аз ҷониби Бодғис ба тарафи Балх омад ва аввали моҳи сафар 810/июли 1407 дар мавзеи Андхуд таваққуф кард. Дар чунин вазъият Пиралии тоз аз омадани Шоҳрух дарак ёфта, бе ҷанг Балхро гузошта, рӯ ба ҷониби Хатлон овард. Шоҳрух бемуқовимат вориди Балх шуд. Бино ба иттилоъи манобеи таърихӣ Шоҳрух бо ҳокимони Хатлон султон Маҳмуд ва Солисарой Хоҷа Алӣ дастур дод, ки аз Пиралии тоз дастгирӣ накунанд. Пиралии тоз пас аз чунин ҳолат ночор рӯ ба Бадахшон овард.

Сипас, Шоҳрух вилоятҳои Қандаҳор, Кобул, Ғазнин, то соҳилҳои оби Синд ва Афғонистон, ки дар замони Темурланг ба мирзо амир Пирмуҳаммад вогузор карда буд, Шоҳрух ба мирзо Қайду вогузор кард. Ва Шоҳрух аз он ҷо ба Шибурғон нузул фармуд ва фармон дод, ки он қалъаро ба расми суюрғол бар амир Сайид Аҳмад тархон, ки бародари маҳдиулё Гавҳаршодоғо буд, арзонӣ дошт ва дар ёздаҳуми рабеъулохир 809/19 сентябри 1407 ба доруссалтанати Ҳирот баргашт [46, с.542; 4, с.75].

Шоҳрух ҳанӯз аз кашмакишиҳои дохилӣ раҳо наёфта буд, ки ба ӯ иттилоъ доданд, ҳокимони Ғӯр аз ҷумла, Муҳаммад Сипаҳбади ғӯрӣ ошӯб бардоштанд ва иддае аз ғӯриёну сиҷистониён бо ӯ ҳамроҳ шуданд

[46, с.540-541; 80, с.159; 71, с.1029]. Малик Солеҳ ва писари Испаҳди Ғӯрӣ, ки дар замони ҳукумати малики Курт ҳукумати Ғӯр тааллуқ ба аҷдоди ӯ медошт фиристода ва шахсе омада ба арз расонид, ки теъдоди шӯришчиён хеле зиёд аст ва ба мо имкон даст надод, ки ба онҳо наздик шавем. Шоҳрух аз даҳшати ошубгарон маҷбур шуд, ки амир Сайдхоҷа Тархон ва амир Қурбон Шайхро бо сипоҳи гарон бо кумаки онҳо фиристод. Оқибат шӯришчиён ба шикаст дучор шуда Испаҳд гурехта ва малик Солеҳ гирифтор шуд. Лашкариёни Шоҳрух мулки Ғурро талаву тороҷ карда мардуми зиёдеро аз дами теғ гузарониданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки Мирхонд дар нигоштани нуҳ қӯшуни иловагӣ бар муқобили шӯришчиён аз ҷониби Шоҳрух хомӯш аст.

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» равиши минбаъдаи ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад, ки «…сипоҳи мансур ба ғаноими номаҳсур хушдил шуда мурочиат намуданд ва малик Солеҳро ба даргоҳи олампаноҳ расониданд ва шаҳнаи сиёсат ба салби ӯ амр фармуд, хидматашро ба ёсо расониданд» [46, с.541; 4, с.75].

Дар яке аз фаслҳои ин бахш Мирхонд роҷеъ ба «зикри исёни амир Ҷаҳонмалик ва овардани нафси худро дар арсаи ҳалок» маълумот додааст. Тавре, ки муаллиф иттилоъ медиҳад, Амир Ҷаҳонмалик аз қабилаи ҷӯҷиуён буд. Вақте ки Сайдхоҷа аз дарбор дур мешавад, ба ҷойи ӯ Ҷаҳонмалик роҳ меёбад. Ӯ бар зидди Шоҳрух исён бардошт. Дар ин исён яке аз наздикони ӯ Хоҷа Ғиёсуддин Солор, ки соҳибдевони мамолик буд, нусхаи тақрири мураттаб сохт ва бо исми ҳар як аз баркашидагони давлат рақаме зад ва ҳар байзаро шутурмурғе ва ҳар гӯсфандеро рамае ва ҳар ҷаверо хирмане ва ҳар коҳеро кӯҳе дар дафтари абтари хеш сабт намуда ва дар маҳсулти вилоят муболиға карда ҳар донге, ки аз он ҷо ҳосил буд, диноре эътибор карда дар он соли аҷнос қиматии тамом дошт. Чунин вазъият боиси норозигии оммаи халқ ва як идда сарлашкарон нисбат ба сиёсати Шоҳрух гардид. Аз ҷумла, ҷамъе аз умарои номдор

хотир бар он қарор доданд, ки нисбат ба Шоҳрух сӯиқасде ташкил намоянд, ба амсоли амир Ҷаҳонмалик бо ақрабои Ҳасани Ҷондор ва писараш Юсуф Халил ва Саодат валади Темуртош, Баҳлул Баён Темур, султон Боязид Усмон ва ғайра дар ин боб бо якдигар машварат карданд ва аҳду паймон бастанд, ки бар зидди Шоҳрух исён бардоранд. Зимнан бояд қайд кард, ки ин исён тибқи ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ ва Ҳофизи Абрӯ дар салхи зулқайда 809/27 апрели 1408 бар зидди Шоҳрух ба амал омадааст [4, с.78; 80, с.210]. Мирхонд санаи ба вуқуъ пайвастани ин ҳодисаро зикр намекунад.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки Шоҳрух, вақте ки аз ин исён огаҳ мегардад, яке аз амирони худ Мизробро, ки дар Систон қарор дошт, бар зидди исёнгарон равона месозад ва байни онҳо задухӯрди шадиде ба амал меояд, як идда исёнгарон рӯ ба фирор оварда боқимонда ба қатл расиданд [46, с.545].

Муаллифи «Равзат-ус-сафо иттилоъ медиҳад, ки Шоҳрух ҳанӯз саргарми исёни Ҷаҳонмалик буд, ки Пиралии тоз боз аз нав бо ҳамроҳии Боязди Бурулдой ва иддае аз шоҳони Бадахшон лашкарҳои парокандаи худро ҷамъ намуда, рӯ ба Балх овард. Бояд гуфт, ки дар Балх Қайду писари Пирмуҳаммад, ки аз ҷониби Пиралии тоз ба қатл расида буд, ҳукумронӣ мекард. Амир Қайду вақте ки аз ин ҳолат дарак мeёбад, элчие ба назди Шоҳрух равон месозад ва аз воқеияти вазъ ба ӯ иттилоъ медиҳад. Сипас, Шоҳрух тааҷҷилан як қатор амирони худро ба монанди Ёдгоршоҳ арлот, Хизрхоҷа, Усмон тавочӣ бо сипоҳи бешумор ба ҷониби Балх барои пахши ошубгарон мефиристад. Бояд гуфт, ки Пиралии тоз ба касрати сипоҳ ва бисёрии олоти ҳарб мағрур шуда қадами ҷасорат пеш ниҳод ва ҳар ду лашкар дар ҳаволии қубатуллоҳи Балх ба якдигар бозхӯрданд ва шикаст насиби Пиралии Тоз гардид ва ҳар чизе ҳамроҳ доштанд боқӣ гузоштанд ва аҳли Бадахшон ба вилояти худ бигурехтанд. Сардорони Ҳирот дар боби Пиралии тоз машварат намуда, сари бе

мағзи ӯро, ки ҳаваси сарварӣ дошт аз бадан ҷудо намуданд ва ба даргоҳи олампаноҳ фиристоданд [46, с.546]. Тибқи иттилоъи Абдураззоқи Самарқандӣ ва Ҳофизи Абрӯ сари Пиралии тозро пур аз коҳ карда ба назди Шоҳрух фиристоданд [4, с.80; 80, с.216]. Бояд гуфт, ки бо байн бурдани Пиралии тоз вазъи минтақа то як давраи муайян дар Хуросон ором гардид.

Дере нагузашта мирзо Искандар дар Исфаҳон бар зидди Шоҳрух сар бардошт. Шоҳрух бар муқобили ӯ як қатор лашкариёни худро аз ҷумла, Халил султонро, ки замоне ҳокими Мовароуннаҳр буд, баъд аз асири раҳо ёфтан аз ҷониби Шоҳрух ба Рай фиристода мешавад. Мирхонд дар ин ҷо ҳодисаеро роҷеъ ба воҳӯрии Халил султон бо дарвеше хеле ҷолиб овардааст. Аз ҷумла, чунин менигорад: «…гӯянд, ки дар айёми муҳосираи Исфаҳон мирзо Халил султон ба сари фолизи дарвеше расид, ки дар шаҳр бо оби чоҳ мазруъ гардонида дарвеш харбӯза оварда, вазоифи хидмат ба тақдим расонид. Ва мирзо Халил султон хост, ки дарвешро риоят фармояд муяссар нашуд, аммо ба забон узрхоҳӣ намуда, Аллоҳ, Аллоҳ дунё чи беэътибор аст, ки шоҳзодае, ки зар ба қатор медод, дар андак замоне ба ду динор фурӯ монда…» [46, с.575].

Дар яке аз фаслҳои ин бахш Мирхонд роҷеъ ба «зикри тартиби асбоби тӯйи ҳазрати хоқони саид ва назари илтифот ба ҳоли авлод» маълумот додааст. Дар шуҳури санаи иҳди ишр ва самонмия Шоҳрух хост дар мавзеи боғи шаҳр, ки қарибн қалъаи Ихтиёриддин аст, ороиш дод ва нисбат ба шоҳзодагон Ғиёсиддин мирзо Бойсунқар ва Ҷалолиддин Муҳаммад Ҷукӣ тӯйе барпо намояд. Дар ин асно, ба Шоҳрух иттилоъ доданд, ки амирзода Абубакр ба Систон омада шоҳ Қутбуддин волии он вилоят дам аз истиқлол мезананд. Шоҳрух дар шуҳури ҷумодиулаввали соли мазкур аз дор-ул-салтанаи Ҳирот берун омада ба қасаби Исфироз расид, бар ҳасби ишорат сипоҳи Шоҳрух зиреҳои довудӣ дар бар ва

худҳои масқул дар сар ва камонҳои каёнӣ дар бозӯ ба арзгоҳ омаданд. Ва чун аз Исфизор равон шуданд волии он ҷо Шоҳ Искандар, ки захираи бешумор дар қалъа дошт ва аз мадади аҳли Систон мағрур шуда аз итоат кардан ба Шоҳрух сарпечӣ кард. Ва ҳазор марди ҷалод аз мардуми Фароҳ бо Шоҳ Искандар дар қалъа қарор доштанд ва далерони Систон ба монанди Маҳмуд, Ҳинду Буқо, Шамс ва дигарон бо эшон буданд. Бояд гуфт, ки миёни исёнгарон ва сипоҳиёни Шоҳрух муддати ду шабонарӯз оташи разму пайкор афрӯхта буд. Ошӯбгарон диданд, ки дигар теъдоди лашкариёни Шоҳрух бениҳоят зиёд аст ва имкони мубориза бурдан ғайриимкон аст, аз ночорӣ роҳи созишро ихтиёр карданд ва бо ҳамин хотири Шоҳрух аз қалъаи Фароҳ ҷамъ шуд. Сипас Шоҳрух ба ҷониби ҳисори Овак барафрохт ва паҳлавон Шамси дарозро ба расми рисолат назди Шоҳ Қутбуддин фиристод, ӯро пайғом дод, ки агар Шоҳ Қутбуддин бадаргоҳи ҷаҳонпаноҳ (Шоҳрух Ҳ.Ҳ.) ояд, ҷуз инояту отифат дар бораи ӯ ба зуҳур нахоҳад расид [46, с.585]. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» иттилоъ медиҳад, ки ошӯбгарон аз ин пешниҳоди Шоҳрух сарпечӣ намуданд. Лашкариёни Шоҳрух рӯ ба Систон оварданд. Сипоҳи Шоҳрух қалъаи Овакро дар миён гирифтанд ва вазъи одамони дохили қалъа рӯз то рӯз табоҳ мешуд, ва шуришиён бо истеъмоли оби чоҳ қаноат мекарданд ва сипоҳиёни Шоҳрух гирду атрофи дижро канда, воридшавии обро ба дохили он манъ намуданд. Шуришиён дар ҳолати ногувор аз ҷанг даст кашиданд ва чун он вилоят мусаххар шуд, Шоҳрух дар Сарман нузул фармуд. Шоҳрух ба ғазаб омада дастур дод то ки шаҳру қалъаҳоро несту нобуд кунанд. Бояд зикр сохт, ки на дар ҳама сарчашмаҳои асримиёнагӣ аз баёни ин ваҳшониятҳои Шоҳрух дар Систон иттилоъ додаанд. Ягона муаррихоне, ки ин аъмоли зишти Шоҳрухро возеҳу равшан дар асарҳои худ инъикос кардаанд, Мирхонд ва Ҳофизи Абрӯ мебошанд.

Чунончи дар «Равзат-ус-сафо» омадааст: «Оташи хашми ҷаҳонсӯз забона ба фалаки асир кашида, Шаҳнаи қаҳр (Шоҳрух Ҳ. Ҳ.) фармон дод, ки саддҳои Систон, ки аз аҳди Рустами Дастон баста буданд, бишикастанд ва ҳамаро вайрон сохтанд ва даст ба наҳбу ғорати он вилоят бароварданд. Ва дар он мавзеъ аз мазореъ (киштзор) асар нагузоштанд ва бо вуҷуди он, ки дар он мамлакат ғалла бисёр мебошад, дар андак замоне дуди қаҳт аз дудмони мардум баромад ва харобии беҳад дар он ҳудуд зуҳур ёфт» [46, с.585-586; 171, с.487].

Мирхонд дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки: «…мирзо Рустам дар он воло аз Ироқ омада буд ва амир Мизроб бар ҳасби фармон ба вилояти Зиреҳ рафт ва чун осори беинояти дар он мамолик ба мартабае зоҳир шуд, ки мазиде бар он мутасур набуд, ҳазрати хоқон саид (Шоҳрух Ҳ.Ҳ.) азми мурoҷиат фармуд иёлоти Фароҳро ба Шоҳ Искандар писари Шоҳалӣ…арзонӣ дошт» [46, с.586]. Тибқи ахбори муаррих Ҳофизи Абрӯ Шоҳрухе, ки аз ҷониби як идда муаррихони дарбории аҳди Темуриён ва имрӯз ҳамчун шоҳи «адлпарвар» тасвир шудааст даст ба вайрону валангор кардани шаҳрҳо қалъаҳо, сарбандҳои обӣ дар Систон задааст, ки мислашро таърих ёд нахоҳад дошт. Ҳамчунин беобӣ ва гуруснагӣ мардуми Систонро фаро гирифт. Бар тақвияти гуфтаҳои Мирхонд муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» роҷеъ ба ваҳшониятҳои содиркардаи Шоҳрух дар Систон изҳори назар мекунад: «Баъзе аз он то ин ғоят ҳанӯз иморат наёфта» [71, с.1040].

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки «…хазоин таслими шоҳзода (Халил султон Ҳ.Ҳ.) намуданд, чунончи собиқан мазкур шуд ва дар он овон шаҳре ба маъмурӣ ва ободони Самарқанд дар рабеъ маскун набуд, аз ақолими олам акобиру ашроф ва уламову фузало ва ҳунармандону арбоби ҳарф ва соири тавоифи ба номи одам дар он ҷо ҷамъ омада буданд ва хазоини хусравони номдор аз қалмоқ то билоди Рум ва Ҳинд то ниҳоят Шом ва аз Хоразм ва аз Дашти Қипчоқ то Болон Черкас

Булғору Фаранг ва дигар табаррукоти мулук аз билоди куфру ислом бо он ҷо (Самарқанд Ҳ.Ҳ.) интиқол ёфта буд ва чандон нуқраи абайз ва тиллои аҳмар ва овонӣ марсеъ ва ҷамоҳири қиммате дар хазона мавҷуд буд, ки ҳаргиз ашри ашири он дар хаёли қорун нагузашта буд ва моли сиву шаш сола мамолики маҳруса низ бо он муназам гашта ва бо он ки тахтгоҳи чунон бемашақати ҳарбу мунозиат ба дасти мирзо Халил султон афтод дар андак замоне сар ба ҳеҷ боз ниҳод. Ва шоҳзода дасти атлофу асроф баргушода дар муддати чаҳор сол аз он ҳама ганҷу гуҳар асар нагузошт» [46, с.587]. Ё худ муаллиф дар ҷой дигар қайд мекунад, ки «…иллати интиқоли давлати мирзо Халил султон он буд, ки ӯро чунонки сабақ зикр ёфт, бо яке аз сарори амир Ҳоҷӣ Сайфиддин Шодмулк ном таааллуқи хотир пайдо шуд ва пинҳон аз ҳазрати соҳибқирон он афифаро дар никоҳ овард ва муддате ба тарсу бим аз висоли ӯ ҳаз мегирифт ва чун навбати салтанат ба шоҳзода расид, ба якбор шефтаи ғанҷу диололи ӯ шуд ва инони тамолику тамосик аз даст дода…бо иғвои Шоҳмалик хавотин ва сарори ҳазрати соҳибқирон, ки нисбат бо ӯ рутбаи модарӣ доштанд, бар сабили таклиф ба тоифае дод, ки қобилияти хидматгории он остон надоштанд» [46, с.587].

Халил султон тавре ки муаррихи араб Ибни Арабшоҳ иттилоъ медиҳад, ин идора шудани мулк аз тарафи ҳамсараш Шодмулк буд: Аз ҷумла, чунин менигорад: «Амре аз ҷониби ӯ ҷуз ба андешаи Шодмулк судур намеёфт…Халил султон зимоми кор ба дасти ӯ супурда…ва ин аз бисёре нодонӣ ва сабуксарӣ буд. Чӣ гуна растагор тавонад зист он кас, ки инон ба дасти занон супорад?» [37, с.225].

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» таъкид мекунад, ки Темурланг ҳангоми рӯ ба ҷониби Хитой овардан аз Халил султон тақозо кард, ки аз Шодмулк даст кашад. Бояд гуфт, ки ҳатто Темур фармони қатли Шодмулкро интишор мекунад, аммо бо дахолати Сароймулкхонум ин зан аз қатл эмин мемонад.

Дар рӯзномаи «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсиддини Алӣ омадааст, ки Темурланг дар муқоиса бо дигар набераҳояш ба Халил султон таваҷҷуҳи хоса дошт. Аз ин лиҳоз, Темурланг ба синну соли Халил султон аҳамият надода, ӯро бо худ ба ҷангҳои Ҳиндустон бурд.

Баъди ба эътидол омадани авзои сиёсӣ то андозае дар Хуросону Мовароуннаҳр Шоҳрух амирзода Иброҳим султонро дар Ҳирот гузошт ва амир Фирӯзшоҳро бо ӯ ҳамроҳ гузошт. Ҳамзамон, Лутфуллоҳ Баён Темур ва Ҳамза Оқбуқоро ба сарҳадоти Систон фиристод ва худи Шоҳрух озими Бодғис шуд ва фармон дод то ки лашкарҳо омодаи Ҳисор кунанд. Вақте ки ин хабар ба мирзо Халил султон расид, ӯ низ бо лашкари фаровон аз Самарқанд ба шаҳри Кеш омад. Ва дар он ҷо хабар ёфт, ки Худойдод, ки дар зумраи мухолифон қарор дошт, ба канори оби Хуҷанд расида, шоҳзода Амируллоҳдод ва амир Арғуншоҳро бо се ҳазор савор номзади он тараф гардонид ва ҳар ду лашкар наздики якдигар расида дар муқобили ҳам фуруд омаданд ва дар ҷанг саросема намешуданд. Ва умарои мирзо Халил султон қосиде пеши ӯ фиристода мадад талабиданд ва шоҳзода бо чаҳор ҳазор то қарияи Шероз расид ва задухӯрди шадид ба амал омад, ки оқибат лашкари Самарқанд шикаст ёфта, мирзо Халил султон паноҳ ба ҳисор бурд. Дар ҳамин ҳолат Худойдод ба зуди Халил султон ва ҳисорро ба даст овард. Худойдод мактубҳо навишта фармуд, ки Халил султон муҳр монад ва ба ҳар гушаю канор мефиристод, то мулки Мовароуннаҳр ба зери тобеияти ӯ даромад. Ин ҳодиса дар сездаҳуми зулқайда санаи иҳди ишри ва самонмия ба вуқуъ пайваст [46, с.588].

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки вақте аз ин ҳодиса Шоҳрух огаҳ мешавад, оҷилан рӯ ба ҷониби Мовароуннаҳр меорад. Шоҳрух қосиде назди Халил султон мефиристад, лекин ӯ аллакай асири Худойдод гардида буд. Шоҳрух дар шашуми зулҳиҷҷа канори оби Ҷайҳун қарор гирифт. Амир Худойдод аз омадани лашкари Шоҳрух огаҳ ёфт, рӯ ба

ҷониби Бухоро бар зидди Шайх Нуриддин равона шуд. Дар ин асно, Мирак Аҳмад, ки Худойдод, ӯро ба забти вилояти Ҳисор фиристода буд, ба назди Шоҳрух омада, бо ӯ ҳамроҳ шуд. Аз ин вазъият Худойдод огаҳ шуда маҷбур шуд, ки Халил султонро асир гирифта рӯ ба Дашти Қипчоқ овард [46, с.579].

Тибқи иттилоъи Абдурразоқи Самарқандӣ ва Ҳофизи Абрӯ, мирзо Халил султон аз ҷониби Худойдоди Ҳусайнӣ 30 марти соли 1409 асир гирифта шуд [4, с.95; 80, с.279; 75, с.162]. Бояд гуфт, ки Мирхонд санаи асир гирифтани Халил султонро нишон намедиҳад.

Худойдод талош кард, ки роҳи созишро бо Шоҳрух ба роҳ монад, аммо натиҷа надод. Ӯ маҷбур шуд, бори дигар бо кумак ва дастгирии хони Муғулистон рӯ ба ҷониби Мовароуннаҳр биёрад, аммо ӯ дастгир ва ба дасти яке аз амирони Шоҳрух Шоҳмалик супорида шуд. Мирхонд роҷеъ ба қатли Худойдод чунин менигорад: «…бар қатли ӯ иттифоқ намуданд ва хидматашро бигирифтанд ва сари пурҳаваси ӯро ҷудо сохта пеши амир Шоҳмалик фиристоданд» [46, с.591].

Саре ки гардан аз амрат кашид гардунаш,
Бар остони ту инак кашон-кашон овард.

Бояд гуфт, ки 13 майи соли 1409 Шоҳрух-Халил султонро аз асирӣ озод карда ва амир Худойдодро ба даст оварда ва ба қатл дастур дод. Баъди ба тартиб овардани вазъи кишвар Шоҳрух зимомдории Мовароуннаҳрро ба Улуғбек, Ҳисори Шодмонро ба мирзо Ҷаҳонгир ибни мирзо Муҳаммад арзонӣ дошт. Бояд гуфт, ки Шоҳрух аз Ҷайҳун убур намуд мамлакати Қандаҳор, Кобул ва Ғазнинро, ки тахтгоҳи Сабуктегин буд, ба мирзо Қайду, фарзанди Пирмуҳаммад арзонӣ дошт. Ҳукумати Балх, Тахористон, Кобул ва Бадахшонро ба писари дигари худ Абулфатҳ Иброҳим супорид. Сипас, Шоҳрух-Халил султонро бошад дар рикоби худ гирифта, рӯ ба Ҳирот овард.

Муаллиф дар яке аз фаслҳои асари худ «Зикри вақоеи ҳолоти амир Шоҳмалик ва амир Шайх Нуриддин» роҷеъ ба зиддият ва ихтилофоти ин ду амир, ки замоне яке аз амирони бонуфузи Темур ба ҳисоб мерафтанд, маълумоти ҷолибе медиҳад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ дида намешавад. Амир Шоҳмалик барои ба даст овардани амир Нуриддин азми Муғулистон кард ва хост, ки бар оби Ҷайҳун пул бандад, аз ин вазъият амир Нуриддин огаҳ шуд, дар ҳарос афтод ва ба шоҳзодагони Чингизхон хоҳиш кард, ки байни ӯ ва амир Шоҳмалик сулҳ воқеъ шавад ва баъд аз машварати зиёди умаро бо амир Шоҳмалик эшонро аз пеш равон дошта худ қосиде пеши амир Шайх Нуриддин фиристод ва пайғом дод, ки агар гуноҳи худро эътироф мекунӣ, сипас бо ту сулҳ хоҳам кард вагарна байни ману ту ҷанг хоҳад буд…[46, с.591].

Бино ба иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ баъд аз вафоти Темур, яке аз занҳои ӯро Шайх Нуриддин ба ақди никоҳи худ дароварда буд. Ҳамчунин муаллиф қайд мекунад, ки Шайх Нуриддин бо роҳи фиребу найранг аз ҷониби Ҳарқадоқ ба қатл расонда мешавад[46, с.591].

Ҳамин тариқ, Шоҳрух аз яке аз рақибони сарсахти худ дар Мовароуннаҳр раҳо меёбад.

Пас аз тасарруфи Мовароуннаҳр хотирҷамъ шуда рӯ Ҳирот овард. Тавре ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, Шоҳрух Халил султонро аз асири раҳо сохта бо худ ба Ҳирот овард.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ омадааст, ки пас аз ба Ҳирот омадани амир Халил султон ба Ҳирот Шоҳрух минтақаҳои зеринро аз қабили «…вилояти Рай, Қум, Ҳамадон ва Дайнавар то ҳудуди Бағдод бад-ӯ (яъне, Халил султон Ҳ.Ҳ.) арзонӣ дошт…» [27, С.637]. Бояд зикр кард, ки чунин маълумотро Мирхонд дар асари худ тасвир накардааст. Аз рӯйи маълумоти Абдураззоқи Самарқандӣ, Фасеҳи Хавофӣ ва Хондамир рӯзи ҷумъаи шашуми зулқайда (13 марти соли 1410) Шоҳрух Халил султонро бо лашкари 10

ҳазорнафара озими Ироқу Озарбойҷон барои аз байн бурдани туркманон фиристод [4, С.122; 90, С.1050; 95, С.581]. Мирхонд теъдоди лашкариёни Халил султонро баръакс ҳазор нафар нишон додааст, ки ҳақиқати воқеӣ надорад [55, С.605]. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки Шоҳрух бо «…Халил султон ҳазор савор дод ва ҷамъе сардорон мисли амир Ҳамзаи Оқбуқо, Бекфулод ва Хизр…мулозими рикоби ӯ гардонид ва фармуд, ки асбоби подшоҳи шоҳзода мураттаб сохтанд ва ярлиғи ҷаҳонмутоъ нуфоз ёфт, ки шоҳзода вилояти Ироқи Аҷам ва Озарбойҷон равад ва аз он ҳудуд мамолике, ки ба падари марҳуми ӯ мирзо Мироншоҳ медошт, ҳарҷоро, ки хотираш қарор гирад, биравад ва юрт созад ва мирзо Халил султон рӯй ба Ироқ ниҳод ва чанд рӯзе дар Рай нишаста, бинобар талаби мирзо Рустам ба Исфаҳон рафт ва аз он ҷо ба Рай боз омад, чунончи гузашт ва дар навбати охир, ки ба Рай расид, ба оризае ду-се рӯз роҳдор алқарор пеш гирифт…[46, с.605].

Бино ба шаҳодати манбаъҳои таърихӣ, ки амир Халил султон, дар кишварҳои номбаршуда, дар маҷмуъ дуву ним сол дар сари қудрат буд. 3-уми ноябри соли 1411 дар Рай аз дунё гузашт [24, с.637; 71, с.1059; 75, с.173]. Дар синни бисту ҳаштсолагӣ аз дунё гузашт.

Табиист, ки Шоҳрух 27 зулҳиҷҷа 811/13 майи соли 1409 зимомдории Мовароуннаҳрро маҷбуран аз дасти Халил султон, ғасб карда ба Улуғбек вогузор кард. Азбаски Улуғбек дар синни 15 солаги қарор доштан Шоҳрух, яке аз амирони машҳури аҳди Темур Шоҳмаликро дар идора кардани Мовароуннаҳр вобаста кард.

Аз ҳукмронии Улуғбек дере нагузашта ба зидди ӯ як идда наздикони Темурланг аз қабили Шайх Нуриддин ва мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир ҳокими Ҳисори Шодмон исён бардоштанд. Бояд иқрор шуд, ки кишвари Туркистон гарчанде ки ба Улуғбек марбут буд, лекин Шайх Нуриддин ӯро ҳамчун ҳоким ба расмият намешинохт. Аз ин лиҳоз, шайх

Нуриддин, ки замоне яке аз одамони бонуфузи амир Темурланг ба ҳисоб мерафт, Улуғбекро ҳамчун ҳоким ба эътибор намегирифт.

Бино ба ахбори манобеи таърихӣ 13 июли соли 1411 дар мавзеи Қизилработ миёни Шоҳрух, Улуғбек, Аҳмад Мирак ба муқобили Шайх Нуриддин, Муҳаммад Ҷаҳонгир, Чингиз уғлон ва Абдулхолиқ, ба вуқуъ пайваст, ки дар натиҷа аз ду ҷониб одамони бегуноҳи зиёд ба қатл расиданд. [46, с.598; 4, с.128]. Баъд аз ин шикаст Шайх Нуриддин ба тарафи Саврон ва Муҳаммад Ҷаҳонгир бошад, ба ҷониби Ҳисор фирор кард. Шоҳрух пеш аз тарки Мовароуннаҳр Шоҳмаликро аз дунболи Шайх Нуриддину ҳамроҳонаш ба Утрор ва амир Мизробро аз пайи Муҳаммад Ҷаҳонгир ба Ҳисор равона сохт [4, с.129; 80, с.383].

Ҳамин қайд кардан лозим аст, ки Шоҳрух, ки баръакси Темурланг на ба саркардагони турку муғули бодиянишин, балки пеш аз ҳама ба аъёни маҳаллии тоҷику форс ва уламои ҳанафимазҳаби ислом такя мекард, баробари иродат ба шайхони фирқаи нақшбандия худро каси тақводор вонамуд карда, ҳатто дар вақти юришҳо рӯза медошт ба намози ҷумъа пойи пиёда рафта дар дарбори худ ҳафтае се маротиба қуръонхонӣ ташкил мекард. 22 рабеъулохири соли 830 ҳиҷрӣ, ки ба 22 январи соли 1427 баробар аст, дар масҷиди ҷомеи Ҳирот-Аҳмади Лур ном дарвеши оворагарди ҳуруфӣ, баъд аз анҷоми намози ҷумъа бо додани ариза ба назди Шоҳрух омада, бо корд ба ӯ зарба зад. Худи Аҳмади Лур аз ҷониби одамони Шоҳрух дастгир ва ба тариқи ваҳшиёна кушта шуд.

Дар «Равзат-ус-сафо» роҷеъ ба ин ҳодиса дар фасли сездаҳуми он чунин омадааст: «Рӯзи ҷумъа бисту сеюми рабеъулохир санаи салосин ва самонумиа…баъд аз шароити адои салвата аз мусалло бархоста, азимати берун омадан кард. Дар даруни масҷид шахсе намадпӯш Аҳмади Лур ном аз тобеони мавлоно Фазлуллоҳи Астарободӣ ҳуруфӣ ба сифати додхоҳон қоғазе дар даст пеш омад. Он ҳазрат ба яке аз муқаррабон

фармуд, ки ҳоли ӯ таҳқиқ намуда ба арз расонад. Аҳмади Лур…корде чун қатраи об дар остин дошт ба шиками он ҳазрат расонид…он корд коргар наёмад. Ва Аҳмади Луро мулозимони ҳазрат ҳам дар масҷид пора-пора карданд» [46, с.692; 57, с.84; 71, с.1114; 72, с.553; 4, с.381-382; 75, с.319].

Бояд қайд кард, ки баъд аз ин ҳолат бо дастури Шоҳрух садҳо нафар мардумони бегуноҳро, гӯё бо ҷурми шарик будан ба кори Аҳмади Лур гунаҳкор dониста «ҳамаро қатл карда бисӯхтанд» [57, с.84-86].

Бино ба мабнои таърихӣ, ҳодисаи дигари мудҳиш дар аҳди зимомдории Шоҳрух ба вуқуъ пайваст ин бемории тоун дар Ҳирот ва гирду атрофи он буд. Бар асари ин бемории даҳшатнок одамони зиёде ҷони худро аз даст доданд. Дар ин росто муаррихон Абдураззоқи Самарқандӣ ва Фасеҳи Хавофӣ аз вазъи ногувори ин ҳодиса чунин иброз доштаанд: «Гӯянд як рӯз дар шаҳр шумурданд чаҳор сад ҳазору ҳафтсад тобут аз дарвозаҳо берун бурданд. Ғайри он ки ҳамолони бетобут бардоштанд ва бисёре бар улоғон бор карданду ба дар бурданд ва дар мағок андохтанд ва хок парешон рехта, ниҳон сохтанд» [46, с.692; 4, с.451-452; 71, с.1133, 57, с.92; 73, с.553]. Бояд қайд кард, ки гарчанде ки ин шумора то андозае муболиғаомез бошад, лекин аз баёни шоҳидони ин ҳодиса бармеояд, ки воқеан аз ин беморӣ шаҳри Ҳирот ва гирду атрофи он аз аҳолӣ холӣ шуд. Муаррих Муъинуддин Исфизорӣ, ки худ шоҳиди бевоситаи ин ҳодисаи мудҳиш буд, шумораи мурдагонро шашсад ҳазор ва маҷмуи онҳоро бо кушташудагони ҳамаи шаҳр як миллион нафар зикр кардааст [57, с.94].

Ҳамин тариқ, баъд аз вафоти Темурланг мубориза барои тоҷу тахти Мовароуннаҳр асосан миёни Халил султон, Пирмуҳаммад ва амир Аҳмад ба амал омад, ки ҳамаи ин боиси ба харобазор табдил ёфтани шаҳру деҳоти Мовароуннаҳру Хуросон дар давраи мазкур гардид.

Ҳамзамон, бо ба сари қудрат омадани Улуғбек низ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр ба эътидол наомад.

Раванди муборизаи сулолавии Темуриён хосатан баъди марги Темур ва рафъу иҷро нагардидани васияти сиёсии ӯ дар хусуси таъйинот ва валиаҳдаш мадди назар гардида, ин ҳодиса дар нигориши мирхон муфассал баён гардидааст.

Бояд гуфт, ки воқеан муаррих Мирхонд дар асари худ тавонистааст, бисёр паҳлуҳои норавшанӣ ин давраи таърихӣ, хусусан бо ба сари қудрат омадани Халил султон, Улуғбек ва муборизаҳои онҳо барои кишвари Мовароуннаҳрро ба таври возеҳ баён кардааст.

## 2.3. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV

Бино ба манобеи таърихӣ ҷиноятҳои содиркардаи Улуғбек дар Мовароуннаҳру Хуросон хеле возеҳу равшан ба назар мерасад. Бояд гуфт, ки Улуғбек дар кори худ бештар ба қонунҳои Чингизӣ такя мекард. Ба қонунҳои дини ислом ҳеҷ як рағбате надошт. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Улуғбек гарчанде ки хеле ҷавон ба сари қудрат омада буд, лекин зимоми давлатдорӣ дар дасти худи Шоҳрух буд. Мирхонд дар фасли алоҳида зери унвони «Зикри муҳорибаи мирзо Улуғбеки Курагон бо подшоҳзода Бурок уғлон ва таваҷҷуҳи лашкарҳои Мовароуннаҳр ва Сағноқ» лашкаркашии нобарори Улуғбекро хеле хуб шарҳу эзоҳ додааст. Дар санаи самон ва ишрин ва самонмия Улуғбек яке аз намояндагони худро ба самти вилояти Ӯзбак мефиристад, то ки аз аҳволи ин минтақа пеш аз лашкакашӣ огаҳ шавад. Одамони Улуғбек вориди Сиғноқ шуданд. Ва назди Улуғбек қосид фиристода аз вазъияти ба амал омада, ӯро огаҳ сохтанд, ки мамлакати Сиғноқро ба зери тасарруфи худ даровардем. Улуғбек пас аз шунидани чунин мужда рӯ ба мавзеи Сиғноқ овард. Дар як вақт қосиде ба Хуросон назди Шоҳрух фиристод, то ки аз вазъияти ба амал омада, ӯро огаҳ созад. Бояд қайд намуд, ки Шоҳрух аз

чунин рафтори худсаронаи Улуғбек норозӣ буд. Шоҳрух шояд аз вазъи ногувори Улуғбек пайхас кард, ки ба кумаки ӯ мирзо Аҳмад Ҷукиро бо лашкари гарон ба Самарқанд фиристод, то дар ҳолати лозима ба Улуғбек кӯмак расонад. Вақте ки мирзо Улуғбек вориди Сиғноқ шуд, мирзо Аҳмад Ҷукӣ ба Самарқанд расид. Мирзо Аҳмад Ҷӯки вақте ки аз вазъияти Улуғбек огаҳ мешавад, филҳол бо лашкари Мовароуннаҳру Хуросон аз пушти ӯ раҳсипор мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳеҷ касро дар хаёл набуд, ки мирзо Улуғбек бар зидди Буғроқ уғлон сар бардорад. Дар ин мавзеъ байни Улуғбек ва Буғроқ уғлон задухӯрди шадиде сар зад, ки боиси шикасти шармандаворӣ Улуғбек ва амир Аҳмад Ҷукӣ гардид. Сипас ин ду тан гурехта ба тааҷҷили тамом мутавваҷҷеҳи Самарқанд шуданд ва он чи доштанд, бигузоштанд ва амволи фаровон насиби рақиб гашт. Пас аз чунин ранг гирифтани кор вазъи кишвари Мовароуннаҳр чунон ошуфта гардид, ки мардум дигар намехостанд, ки дарвозаҳои шаҳрро ба рӯи Улуғбек во кунанд.

Пас аз ин ҳодиса, лашкариёни Буғроқ уғлон вориди баъзе минтақаҳои Мовароуннаҳр шуданд ва бедодии зиёд карданд, молу амволи мардумро талаву тороҷ ва бо худ асирони зиёдеро бурданд. Бояд гуфт, ки аз ин вазъияти ба амал омада Шоҳрух огаҳ шуда бо бемории худ, яъне он захме ки аз тарафи Аҳмади Лур хӯрда буд, ҳанӯз шифо наёфта, бо лашкари фаровон бар қасди Буғроқхон азми Мовароуннаҳр кард. Вақте ки Шоҳрух вориди Самарқанд шуд дар мадди аввал он афроде, ки мирзо Улуғбекро бо ин роҳ ҳидоят карданд, ҷазои сахт дод, аз ҷумла фарзанди худ Улуғбекро сарзаниш кард.

Улуғбек он амали зиште, ки ҳангоми лашкаркашӣ ба Ҳирот даст ба вайрону валангор кардани масоҷидҳо ва беҳурмати ба аҳли дин карда буд, ин худ бори дигар баёнгарӣ он аст. Дар ин ҷода Абдураззоқи Самарқандӣ аз хеле ба маврид иброз медорад: «…баъд аз се рӯз акобири

шаҳр шафоат карданд ва мирзо Улуғбек ҳукм фармуд, ки лашкар даст аз ғорат боздоштанд ва мусулмононро дар хонаҳои холӣ гузоштанд. Ва дар он айём сармои қавӣ буд ва иди сиём қариб» [46, с.753; 5, с.661; 57, с.143].

Бо ҳамин монанд, муаррих дар ҷойи дигар чунин менигорад: «Шахсе, ки тамоми ҷомаҳои ӯ ба тороҷ бурда буданд ва ба тойи нон муҳтоҷ сохта, рӯзи ид урён ба сони бед меларзид ва пеши аспи мирзо Улуғбек медавид ва ба зории зор менолид ва мегуфт: Подшоҳи одил! Хуш идие додӣ дарвешонро. Умр ва давлати ту афзун бод»[5, С.662; 96, С.29].

Воқеан, Улуғбек аз ҳар ҷиҳат то андозае аз падари худ Шоҳрух ба ҳифзи арзишҳои дини ислом фарқ карда меистод. Бояд иброз дошт, ки Улуғбек ба феълу рафтори бобояш Темурланг пайравӣ мекард. Ва беҳуда нест, ки Темурланг маҳз бо номи Улуғбек тахаллуси «курагон» ҳамроҳ кардааст. Улуғбек бо чунин тахаллус ифтихор дошт.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Шоҳрух дар солҳои охири ҳукумронии худ шояд бар асари пирии буд, воқеан аз идора кардани давлатдорӣ баромада наметавонист, зеро аз ҳар тараф наздиконаш ба муқобилаш сар бардоштанд. Аз ҷумла, дар соли 1446 яке аз наберагонаш султон Муҳаммад Исфаҳонро ба зери тобеияти худ даровард. Дар чунин ҳолат вазъи саломатии Шоҳрух, ки аллакай дар синни 72 солагии қарор дошт, нохуб буд. Бояд гуфт, ки Шоҳрух аз дарди меъда азият мекашид. Шоҳрух маҷбур гардид, ки ба вазъи саломатии худ аҳамият надода бар муқобили набераи саркашаш вориди ҷанг шавад. Шоҳрух ин исёнро хомӯш карда 25 зулҳиҷҷаи 850/12 марти 1447 ҳангоми бозгашт дар Рай ҷон ба ҷаббор супурд, ӯро дар мадрасаи Гавҳаршод ба хок супурданд.

Дар рӯзи вафоти Шоҳрух аз шоҳзодагон дар урдуи ӯ ба ҷуз мирзо Абулқосим Бобур, мирзо Абдулатиф, мирзо Халил султон дигар касе ҳозир набуд. Дар чунин ҳолат маҷмуи он ҷамоат ба талаби мирзо султон Муҳаммад рафта буданд ва як гурӯҳи дигар назди мирзо Абдуллатиф

фиристоданд, ки элу улусро сарварӣ намуда ба забти урду қиём намояд ва набояд гузошт, ки тафриқа бар ҳоли мардум роҳ ёбад. Абдулатиф ин таклифро пазируфт ва рӯзи дигар хабари вафоти Шоҳрух ба лашкариён паҳн шуд. Дар чунин вазъият мирзо Халил султон ва мирзо Абулқосим бо як идда лашкариён озими Хуросон шуданд. Ҳанӯз ҷасади Шоҳрухро ба Ҳирот наоварда дар Рай аллакай байни лашкариён зиддияту ихтилофот ба амал омад ва даст ба ғорату тороҷ авларданд ва аз ҳар кас чизе мерабуданд ва идора кардани он душвор гардид. Барои ором кардани вазъият Абдулатиф маҷбур гардид як чанд касро аз дами теғ гузаронад. Бояд қайд кард, ки дар рӯзи фавти Шоҳрух-Абдулатиф қосиде ҳамъинони бод ба Самарқанд фиристод, то мирзо Улуғбекро аз ин воқеа хабар диҳад.

Ва дар чунин ҳолат ба самъи мирзо Абдулатиф расониданд, ки Гавҳаршодоғо бо иттифоқи тархониён қасди аз байн бурдани ӯро доранд. Гавҳаршод дар чунин ҳолат дар сари қудрат писари худ мирзо Алоуддавларо ки дар Мозандарон қарор дошт, дидан мехост. Аз чунин рафтори Гавҳаршод Абдулатиф дар ғазаб афтода бо одамони худ супориш дод, ки молу амволи Гавҳаршод ва амир Низомиддинро талаву тороҷ карданд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар як вақт пас аз фавти Шоҳрух-Бойсунқар, султон Муҳаммад ва мирзо Бобур барои ба даст овардани ҳокимият талош варзиданд. Мирзо Алоудавла фармон дод, ки лашкариёни Домғонро мусаххар сохт. Ва лашкариёнаш Домғонро ба пуррагӣ талаву тороҷ карданд. Дар чунин ҳолат амир Луқмон аз Абдулатиф рӯгардон шуда, равона дорусалтанаи Ҳирот гашт. Шоҳрух дар вақти зинда будани худ баъзе умарои тумонро ҳар сола ба вилояти Ҷурҷон мефиристод, то аз ҷониби Дашти Қипчоқ бо хабар бошанд. Ва он сол аз умаро амир Ҳиндуку ба ҳудуди Мозандарон рафта дар он мулк иқомат дошт, чун хабари марги Шоҳрухро шунид, аввал ба забти асбоби девон машғул шуд. Вақте ки мирзо Абдулатиф аз ин ҳол иттилоъ ёфт ба

Пули Абрешим омад. Хост, ки ба ҷониби Мовароуннаҳр таваҷҷуҳ кунад ва аз он ҷо баргашта ба тарафи Сабзавор майл кард. Дар он ҷо дарак ёфт, ки мирзо Алоуддавла абвоби хазоине, ки солҳо дар қалъаи Ихтиёриддин ҷамъ омада буд, гушода ва лашкар фароҳам оварда ба ҷониби Машҳад равона шудааст. Дар чунин ҳолат ба самъи Улуғбек расониданд, ки писараш мирзо Абдулатиф хеле вазнин аст. Хусусан аз ҷониби Гавҳаршод ва писараш Алоудавла барои аз байн бурдани ӯ талош доранд.

Улуғбек маҷбур шуд ҳарчи зудтар лашкари Мовароуннаҳрро сарҷамъ намуда, ба кӯмаки писари худ шитобад. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар чунин шароит вазъи Мовароуннаҳр чандон хуб набуд, зеро аз ҳар тараф хавфи ҳуҷум баръало эҳсос мешуд. Дар чунин ҳолат буд, ки фаҳмид, писараш Абдулатифро дар ҳаволии Пули Абрешим асир гирифтанд. Улуғбек маҷбур гардид, ки даст аз муқобилият бар зидди Алоуддавла кашид. Вақте ки мирзо Алоуддавла аз убури мирзо Улуғбек аз Ҷайҳун огоҳ гашт, дари ганҷҳо бигушуд, ба мардум тақсим кард. Мирзо Алоуддавла сипоҳи азим мураттаб сохта ва бар роҳи Самарқанд таваҷҷуҳ фармуд. Ва манозилу мароҳил паймуда аз оби Мурғоб убур фармуд. Дар чунин вазъияти ҳассос мирзо Улуғбек Мирак Маҳмуд садрро фиристод ва пайғом он буд, ки мирзо Алоуддавла маро ба ҷойи фарзанди хурди аст ва ҳаргиз харобии мамлакати ӯ дар хотир нагузоштаам, агар Абдулатифро фиристад, асоси дӯстӣ барқарор хоҳад шуд. Дар чунин ҳолат Абдулатиф шунид, ки мирзо Абулқосим Бобур аз вилояти Ҷурҷон берун омада ба ҳудуди Хуросон даромадааст. Мирзо Алоуддавла дар миёни ду душмани қавӣ ҳайрон монда аз ноилоҷи Алоудавларо аз асирӣ раҳо сохт. Мирзо Алоуддавла баъд аз мусолиҳа бо мирзо Улуғбек ба дорусалтанаи Ҳирот муъовидат намуд. Мирзо Улуғбек вилояти Балхро ба расми суюрғол ба фарзанди арҷманди худ арзонӣ

дошт ва аз Ҷайҳун убур намуда, ба мутақарри изи хеш нузул фармуд [46, с.741].

Мирзо Алоуддавла чун хотир аз ҷониби лашкари Самарқанд ҷамъ сохт, бар ҷиноҳи истиъҷол равон шуд ва ба ҷониби Машҳади муқаддас рояти ҷалодат барафрохт. Мирзо Бобур дар вилояти Хабушон бо лашкари монанди дарёи ҷӯшон омодаи ҷангу ҷидол шуд. Мирзо Алоуддавла ба Машҳад расида таваққуф фармуд ва ҷумҳури сарони сипоҳро, бо лашкари номвар ба ҷанги бародар фиристод. Ҳар ду лашкар дар баробари якдигар саф кашиданд, некхоҳон андешиданд, ки агар дар миёни бародарон ҷанг сар занад, мирзо Улуғбек, ки дар ҳақиқат вориси мулк аст, аз мусолиҳа пушаймон шавад ва фурсат ғанимат шумурда ба тасхири вилояти Эрон лашкар кашад. Охируламр, муҳим бар сулҳ қарор гирифт, машварат он ки арсаи Хабушон фосилаи мамлакати бародарон бошад. Ҳамин тариқ, мирзо Алоуддавла дар камоли эҳтишом ба ҷониби дорусалтанаи Ҳирот муовидат намуд ва дар мақоми худ қарор гирифт.

Бояд гуфт, ки яке аз шартҳои мусолиҳаи байни Алоудавла ва Улуғбек он буд, ки навкарони амирзода Абдулатифро, ки дар воқеаи Нишопур гирифта буд, бифиристад ва аз хазонаи умра он чи лоиқу муносиб донад, ирсол намояд. Мирзо Алоудавла, ки ба касрати хазоин ва авону ансор истизҳори тамом дошт, аз шурут ёд накард. Ҳамчунин, мирзо Абдулатиф чанд навбат асиронро талаб кард. Мирзо Алоудавла он суханонро нодида гирифт ва мирзо Солеҳ ва тоифае аз умароро, ба ҷониби оби Мурғоб фиристод, то аз он ҳудуд бо хабар бошанд ва чун омадани мирзо Солеҳ ва тойифаи умарои масмуъ мирзо Абдулатиф шуд ва ҳол он ки ӯро аз воқеаи Нишопур сурати интиқоме дар хотир буд. Абдулатиф аз Балх илғор карда бар сари мирзо Солеҳ тохт ва лашкари ӯро пароканда сохт ва мирзо Солеҳ ба зур аз ин варта халос ёфта ба назди Алоуддавла худро гирифт. Мирзо Алоудавла аз ин ҳодиса огаҳ шуда дар ғазаб шуда одамони Абдулатифро, ки дар зиндон буданд,

ҳамаро аз дами теғ гузаронид. Абдулатиф, гарчанде ки фасли зимистон буд, лашкарҳо ҷамъ оварда мутаваҷҷеҳи Балх шуд. Мирзо Абдулатиф дар истеҳкоми бурҷу боруи Балх эҳтимоми тамом намуд ва қосиде ба Самарқанд, пеши мирзо Улуғбек фиристода, ӯро аз сурати воқеа огаҳ кард. Мирзо Улуғбек қосиде назди Абдулатиф фиристод, пайғом дод, ки чун асоси паймон таъкид ёфта буд, дар он бояд кӯшид, ки рӯз ба рӯз муҳаббату муваддат бештар шавад. Агар аз Абдулатиф ҳаракати нописандида судур ёфт, вазифа он буд, ки ба ин самт биёед.

Мирзо Улуғбек ба хулосае омад, ки ба Хуросон лашкар кашад ва ба азми тасхири Хуросон аз Омуя убур намуд. Ва мирзо Абдулатиф бо лашкарҳои Андхуд, Қундуз, Бақлон, Солисарой, Балх, Шибурғон, Форёб бад-он ҷониб пайваст [46, с.749]. Мирзо Алоуддавла чун аз таваҷҷуҳи Улуғбек ва Абдулатиф огоҳӣ ёфт, дари ганҷҳо бикушод ва ба лашкариёни худ зари бисёр дод. Ҳамин тариқ, ду лашкар дар мавзеи Тарноб, ки чаҳордаҳ фарсахии Ҳирот аст, вориди ҷанг шуданд. Дар ин ҷанг Алоуддавла дучори шикаст шуд. Сипас, Улуғбек писари худ Абдулатифро вогузор кард, ки дар Ҳирот қарор гирад. Тавре ки муаррих қайд мекунад: «...мехост ба мардуми Ҳирот нишон бидиҳад, ки замони Шоҳрух гузаштааст ва Ҳирот бо минтақааш боз ҳам мисли замони Темур ба як қудрати хос табдил меёбад»[152, С.153].

Бояд иттилоъ дод, ки Алоуддавла пас аз шикасти худ рӯ ба Машҳад овард пас аз чанд вақт ба ҷониби Астаробод рафт. Дар мавзеи Хабушон бо бо бародари худ Абулқосим Бобур ҳамроҳ шуд.

Лашкариёни Улуғбек, ҳангоми аз мавзеи Тарноб ба Ҳирот баргаштан, дар мавзеи Чиҳилдухтарон хонаи Шайхулислом Баҳоуддинро талаву тороҷ карданд.

Абдураззоқи Самарқандӣ иттилоъ медиҳад, ки мавлоно Ҳасан бини Абдулқодир табиби Улуғбек фармуд, ки зуд бошад, ки Абдулатиф мирзо Улуғбекро ба қатл расонад [5, с.651].

Улуғбек баъди шикасти Алоуддавла бо ҳамроҳии Абдулатиф рӯ ба ҷониби Ҳирот меоранд. Дар ин ҷо вориди дижи Ихтиёриддин, ки маблағи зиёде боқи монда буд, ба даст овարданд.

Муаллиф дар ҷойи дигар иброз медорад, ки «...аз мирзо Абдулатиф чанд ҳазор мисқол тилло ва дигар овони зару сим ва дувист тумон накд, ки дар замони азимати ҳазрати хоқон саид ба ҷониби Ироқ мирзо Абдулатиф дар он ҳисор махзун сохта буд, мирзо Улуғбек бо он ки аз футуҳоти Хуросон чизе ба фарзанд иноят нафармуд» [5, с.653].

Дар чунин ҳолат қарор доштани Улуғбек ба ӯ иттилоъ медиҳанд, ки Алоуддавла бо Абулқосим Бобур якҷо шудаанд. Улуғбек дигар таваққуф карданро дар Ҳирот муносиб надониста, рӯ ба Машҳад ниҳод. Дар мавзеи Родикон намояндагони Абдулқосим Бобур, амир Улуғбекро қабул намуда ва номи ӯро дар хутба ҷойи дода ва ба номи ӯ танга сикка заданд. Пас аз чунин ҳодиса Улуғбек рӯ ба Исфароин ниҳод. Дар чунин вазъият Улуғбек Абдулатиф бо сипоҳиёни бешумор ба самти Бастому Астраобод равона кард. Аз чи бошад, Улуғбек то наздикии Пули Абрешим рафта бозпас гашт. Дар чунин ҳолат бояд гуфт, ки падару писар дар талоши мулки Хуросон буданд. Ба Улуғбек иттилоъ доданд, ки Ёралии туркман ва султон Абӯсаид доруға, ки дар дижи «Нарату» ҳамчун асир қарор доштанд, бо кадом роҳу восита халос мешаванд. Ёралӣ Ҳиротро ба тасарруфи худ даровард ва ҳабдаҳ шабонарӯз шаҳри Ҳиротро дар муҳосира қарор медиҳад. Улуғбек пас аз чунин ҳолат тарки Машҳад карда ба Ҳирот омад. Улуғбек ба қаҳр омада, ба сипоҳиёнаш дастур дод, то ки даст ба куштору талаву тороҷи Ҳирот зананд.

Муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ, вазъи он рӯзи мудҳишро чунин тасвир мекунад: «Мирзо Улуғбек фармони ғорати шаҳри Ҳиротро медиҳад…гурӯҳи анбӯҳ…хунҳои мусулмонон ба ноҳақ рехта ба қатл оварданд ва се шабонарӯз ғорати ом карданд…Қандилҳои масоҷид мешикастанд ва имомон овехтанд ва обрӯи азизон бар хоки хорӣ

мерехтанд ва мадориси работ ба ҷой дуо дуруду суруд мегуфтанд»[5, с.660-661; 57, с.143].

Бояд қайд кард, ки муаррихони аҳди Темуриён аз баёни куштору ғоратгариҳо вайрону валангор кардани шаҳру деҳот, носипосӣ нисбати шахсиятҳои руҳони аз ҷониби Улуғбек дар Ҳирот хомӯши ихтиёр кардаанд.

Ягона муаррихе, ки Хуросонро ба харобазор табдил додани Улуғбек баён кардааст, ин Давлатшоҳи Самарқандӣ мебошад. Ӯ аз ҷумла, чунин менигорад: «Улуғбек аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкар кашид…ва тамоми Хуросонро мусаххар сохт. Ва навад ҳазор лашкаре дошт ва дар он ҳуҷуму издиҳом Хуросон харобу беоб шуд. Ва осори он харобӣ алявм зоҳир аст» [24, с.649].

Бояд гуфт, ки Улуғбек бо сипоҳиёни худ машғули талаву тороҷи Ҳирот буд, лашкари узбак рӯ ба Самарқанд оварданд. Вақте ки Улуғбек аз ин вазъият иттилоъ меёбад, ҷасади Шоҳрухро гирифта ба Мовароуннаҳр меояд.

Вақте ки сипоҳиёни амир Улуғбек аз дарёи Ому мегузаштанд, дучори ҳамлаи лашкариёни узбакон гардид. Дар ин ҷо молу амволи зиёди Улуғбек талаву тороҷ гардид. Ҳамин тариқ, амир Улуғбек аз ночори фасли зимистонро дар Бухоро гузаронид. Ҷасади Шоҳрухро бошад аз Бухоро ба Самарқанд интиқол дод [5, с.664].

Баъди тарки Улуғбек Ҳиротро вазъи писараш Абдулатиф дар Балх хеле вазнин шуд. Аз ҷумла, амир Абулқосим Бобур барои аз байн бурдани Абдулатиф иддае аз аскарони худро ба самти Ҳирот сафарбар мекунад. Бояд гуфт, ки Абдулатиф пас аз фирори амир Улуғбек, дар Ҳирот ҳамагӣ понздаҳ рӯз қарор дошту халос. Абдулатиф аз омадани лашкари Абулқосим Бобур ва амирзода Ёралии туркмон ба самти қалъаи Найзату огаҳ шуд, рӯ ба ҷониби Мовароуннаҳр овард. Вақте ки амир Улуғбек аз ин кирдори писари худ дарак ёфт, вилояти Балхро ба

суюрғоли ӯ мубаддал сохт. Абдулатиф бозпас ба Балх омада ба муқобили падари худ ошуб бардошт ва андози молиёти тамғоро аз байн бардошт [211, С.382].

Вақте ки ба самъи Улуғбек аз байн бурдани андози «тамғо» аз ҷониби Абдулатиф расид, писари дигари худ Абдулазизро дар Самарқанд гузошта, бо теъдоди зиёди сипоҳиёни худ ба самти дарёи Ому равона шуд. Аз он тарафи Ому бошад, мирзо Абдулатиф пеши роҳи лашкари Улуғбекро барои даромадан ба Хуросон гирифт.

Истодагарии Улуғбек ва Абдулатиф ба муқобили якдигар дар ду тарафи рӯди Омӯ тибқи иттилоъи Давлатшоҳи Самарқандӣ, қариб се моҳ [27, с.650] давом кард. Бояд гуфт, ки барои Улуғбек дар чунин ҳолат қарор гирифтан, ғайри имкон буд, зеро вазъи дохилии Мовароуннаҳр рӯз то рӯз муташанниҷ мегашт. Инчунин, аз Абдулазиз иттилоъ мерасид, ки нисбати мардум зулму истибдодро раво дидааст, ки ин ҳолат боиси норозигии лашкариён ва аҳолӣ гардиданаш мумкин аст. Дар чунин вазъият Улуғбек маҷбур шуд, муҳосираро қатъ намуда, рӯ ба Самарқанд биёрад.

Аз чунин вазъи ногувори кишвар Абдулатиф огаҳ шуда, рӯди Омуро убур карда аввал ба Шаҳрисабз ва аз он ҷо сипоҳи бешумор, рӯ ба ҷониби Самарқанд кард. Ҳамин тариқ, байни Улуғбек ва Абдулатиф дар мавзеи Димишқ аз ҳаволии Самарқанд дар шаъбони 853/1449 ҷанги хунине даргирифт [5, с.683-684].

Дар ин набарди хунин сипоҳиёни амир Улуғбек ба шикаст дучор шуданд. Ҳамин тавр, Абдулатиф вориди доруссалтанаи Самарқанд шуда, тоҷу тахт насибаш гардид. Улуғбек бошад саъю талош кард, ки ақаллан дар дижи Самарқанд роҳ ёбад, аммо ба супориш Мироншоҳи қувчин дарвозаи шаҳрро ба рӯйи ӯ бастанд. Улуғбек пас аз ҳолат бо писараш Абдулазиз ва наздиконаш ба самти Шоҳрухия раҳсипор гардид. Дар ин ҷо низ ба Улуғбек муносибати хубро раво надиданд. Улуғбек аз

ночори роҳи Самарқандро пеш мегирад. Абдулатиф барои аз байн бурдани Улуғбек хост, ки ӯро ба зиёрати Маккаи муаззама равон созад. Хондамир иттилоъ медиҳад, ки Абдулатиф бо Улуғбек барои зиёрати ҳаҷ, ҳоҷӣ Муҳаммад Хусрав ном шахсро ҳамроҳ мекунад.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Улуғбек аз ҷониби Аббос ном, ки ҳукми қатли ӯро Абдулатиф бароварда буд, дар наздикии Самарқанд дар соҳили дарёи Суҷ 27 октябри соли 1449 ба зарби шамшер ба қатл расонд. Абдулатиф баъд аз куштани падари худ се рӯз қабл аз қатли падар, бародари худ Абдулазизро низ ба қатл расонид.

Баъд аз байн бурдани амир Улуғбек дар байни хонадони темуриён ба даст овардани тоҷу тахт шуруъ гардид. Мирзо Абдулатиф баъд аз куштани Улуғбек соҳиби сарзамини паҳновари Мовароуннаҳр гардид. Дар ҳамин давра, Хуросон бошад ба зери тасарруфи мирзо Абдулқосим Бобур даромада буд. Тавре ки муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ иттилоъ медиҳад, ки: «лашкари ӯзбак, ки ҳар зимистон то панҷ фарсахи Самарқанду Бухоро метохтанд ва амволи бисёр ва асири бешумор мебурданд, он зимистон аз ҳайбати сиёсату сатвати савлати ӯ аз сад фарсах оҳанги он вилоят накарданд» [5, с.687].

Бояд гуфт, ки муносибати Абдулатиф ба оммаи халқ, хусусан бо аҳли дарвешу уламо чандон хуб набуд. Абдулатиф дар иҷрои супоришҳояш агар камтарин иштибоҳоро содир мекард, ҷазои сахт нисбат ба ӯ раво медид. Дар ин ҷода Мирхонд чунин иброз медорад: «Бағоят тундхӯй ва бо сиёсат буд ва бо гуноҳи андак уқубати бисёр кардӣ ва ҳеҷ кас аз хосу муқаррабон ӯро маҷол набуд, ки аз фасоду салоҳи мамлакат бо ӯ сухан гӯяд, ё ба ҷиҳати некхоҳии ӯ ҳадис ба арз расонад» [46, с.772]. Дар чунин сатҳ қарор доштани Абдулатиф ба касе имкон намедод, ки ба муқобили ӯ норозигӣ баён намояд. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ аз рӯзҳои аввали ба қудрат расидани амир Абдулатиф одамони мирзо Улуғбек, аллакай роҳҳои нésту нобуд сохтани ӯро

меҷӯстанд. Ҳамчунин иддае аз наздиконаш аз амалиёти аз байн бурданаш воқиф шудан, аммо бояд гуфт, ки касе ҷуръат намекард, ки ба ӯ ин иттилоъотро бирасонад. Ҳамин тариқ, пас аз шаш моҳи зимомдориаш дар 26 рабеъулаввали соли 854/8 май 1450 дар асари сӯйқасд ба қатл расонда шуд [5, с.696].

Дар «Равзат-ус-сафо» дар муқоиса ба дигар сарчашмаҳои таърихӣ аз амалиёти мавзеи Боғи Чанор, ки Абдулатиф ба тарафи Самарқанд раҳсипор буд ва дучори тир хӯрданаш гардид, возеҳу равшантар инъикос кардааст. Наздикони ӯ бо мушоҳидаи ин ҳол пароканда шуданд ва он гурӯҳ худро ба ӯ расонида, сарашро аз тан ҷудо карда, аз пеши тоқи мадрасаи Улуғбек овехтанд. Қотили аслии ӯро Бобо Ҳусайн муаррифи кардаанд [46, с.772; 5, с.696-697]. Ҳамчунин, муаррих Хондамир низ аз кушта шудани Абдулатиф чунин иттилоъ медиҳад: «...шаби ҷумъа...дар вақте ки он шаҳриёри девонасор аз Боғи Чанор ба тарафи шаҳр меомад, тире ба сӯи ӯ андохтанд» [72, с.42].

Улуғбек ҳангоми дар Самарқанд будан, мулки Балхро ба суюрғоли Абдулатиф мубаддал сохт. Ҳамзамон дар як вақт номае пинҳонӣ ба мирзо Амироншоҳ, ки ӯ бо елу улуси худ дар Балху Шибурғон сукунат дошт, барои аз байн бурдани Абдулатиф мефиристад. Амиршоҳ ба суханони Улуғбек фирефта шуда бар зидди Абдулатиф исён мебардорад ва ҳангоми набард ба қатл мерасад. Мактуби Улуғбек ба дасти Абдулатиф меафтад ва аз ҳилаю найранги падараш маъюс гардид. Ҳамзамон нобовариаш нисбат ба Улуғбек даҳчанд гашт. Абдулатиф пас аз чунин ҳолат сандуқи «тамғо»-ро бишкаста андози «тамғо»-ро дар Балх бекор кард. Ба қавли Мирхонд Абдулатиф «…фармуд то сандуқи тамғоро шикаста муноди карданд, ки баъд аз ин ба ҷиҳати тамғо мутаарризи мардум нашаванд, ки мо ин расмро аз миён бардоштем ва зиёни дунёро саросар суди охират пиндоштем…»[46, с.858].

Вақте ки Улуғбек аз ин рафтори Абдулатиф огоҳ шуд, лашкарҳои Моварауннаҳру Туркистон ҷамъ оварда мутаваҷҷеҳи Ҷайҳун гашт. Абдулатиф бошад бо лашкари гарон дар он самти Ҷайҳун бар муқобили Улуғбек қарор гирифт. Тибқи иттилоъи Давлатшоҳи Самарқандӣ лашкариёни Улуғбек ва Абдулатиф дар як вақт дар ду тарафи дарёи Ҷайҳун қариб се моҳ бар зидди якдигар саф кашиданд…»[24, с.650].

Ба Улуғбек пайваста аз Самарқанд иттилоъ мерасид, ки Абдулазиз ба азобу шиканҷаи мардум даст задааст, ки ин боиси норозигии оммаи халқ нисбат ба Улуғбек гардид. Инчунин вақте ки падару писар дар муқобили якдигар қарор доштанд, аз ин фурсат Абусаид истифода бурда ба Самарқанд лашкар мекашад. Аз ин ҳолат Улуғбек огаҳ шуда маҷбур шуд, ки тарки муҳосира намуда рӯ ба Самарқанд биёрад. Абусаид аз омадани Улуғбек огаҳ шуда аз муҳосираи Самарқанд даст кашида рӯ ба фирор намуд. Ҳамзамон дар як вақт Абдулатиф дарёи Амурро убур карда вориди Самарқанд гардид. Улуғбек бошад рӯ ба қалъаи Шоҳрухия овард ва кутволи он ҷо ӯро вориди қалъа шудан нагузошт. Улуғбек маҷбур шуд ба назди Абдулатиф ба Самарқанд ояд. Сипас Улуғбек бо дастури Абдулатиф аз ҷониби Аббос, ки замоне падари ӯ аз ҷониби Улуғбек ба қатл расида буд, дар беруни шаҳри Самарқанд дар соҳили канали Суҷ ба таърихи ҳаштуми моҳи рамазон 853/27 октябри соли 1449 ба зарби шамшер ба қатл расонида шуд.

Бояд қайд кард, ки Мирхонд санаи рӯзу моҳ ва соли кушта шудани Улуғбекро зикр накардааст. Абдулатиф баъд аз қатли падари худ се рӯз қабл бародари худ Абдулазизро низ ба шаҳодат расонд. Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки Абдулатиф бо умарои мазкур, ки дар вақти мухолифат бо падар ҷонсупориҳо карда буданд бад гумон шуда ҳамаро ба қатл овард…»[46, с.762].

Пас аз фирори Улуғбек аз Хуросон ба Бухоро мирзо Бобур ҳокимияти Хуросонро бо ба қатл расондани Ёралӣ ба зери тобеияти худ даровард.

Роҷеъ ба марги Улуғбек муаррихи асримиёнагӣ Мирхонд чунин менигорад: Аббос писари Саид Ошиқ, яке аз рӯҳониёни барҷастаи Самарқанд буд. Саид Ошиқ бо фармони Улуғбек дар солҳои 40-уми асри XV ба қатл расонида шуд. …»[180, с.87-88].

Бесабаб набуд, ки Абдулатиф қотили падари худ маҳз Аббосро ба хотири қасди падарашро аз Улуғбек ситонидан ӯро интихоб намуд.

Ба ақидаи Исфизорӣ низ Шайх аз ҷониби худи сарбадорон кушта шуд. Дар ин хусус маълумоти Мирхонд равшантар аст, ки метавон тавассути он аз ҳақиқати ҳол воқифтар шуд.

Тибқи манобеи таърихии асримиёнагӣ вазъи сиёсии Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур то андозае муътадил буд. Саъю талошҳои пайвастаи аҷнабиёни муғул барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон ва аз байн бурдани ҳокимони оли Курт бе натиҷа буд. Баъди ба сари қудар омадани Темур дар Мовароуннаҳр пас аз ғасби Хуросон Темур як чанд маротиб саъю талош кард, ки ҳокимияти Хуросонро бо роҳи осоишта ба даст биёрад, аммо ӯ ба ин муваффақ нагардид.

Бино ба иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ Темур соли 1380 ба султони Ҳирот малик Ғиёсуддин барои итоат кардан аз ӯ номае равон сохт.

Тавре ки муаррихи араб Ибни Арабшоҳ иброз медорад: «…аз ӯ хост, ки гардан ба итоати вай ниҳад ва пешкашҳои шоиста фиристад, вагарна чунон кунад, ки ӯ хостааст, кишвараш поймоли сипоҳи кинахоҳ ва мардуми он табоҳ гардад» [37, с.20].

Ғиёсуддини малик ба мактуби Темур ҷавоби қабеҳеро муносиб донист, ки боиси қаҳру ғазаби ӯ гардид. Ибни Арабшоҳ дар тақвияти гуфтаҳои худ қайд мекунад: «Ту он фармонбари дерин нестӣ, ки манат ба

эҳсони хеш парвардам ва домани неъмат ва сояи иноят бар ту густурдам ва ту ҳаққи неъмат нашинохтӣ ва ба найрангу фусун пардохтӣ, ба қатлу ғорат даст баровардӣ ва кардӣ он чӣ кардӣ ва ин носипосии ту пас аз он буд, ки туро аз марг бираҳондам ва ба ҷойгоҳи иззат нишондам. Пас агар одаме нестӣ, ки ҳаққи эҳсон ба ҷой орӣ, чун саг бош, ки поси неъмат нигоҳ дорӣ» [37, с.20-21]. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки аз баёни чунин ҳодиса муаррихони дарбори аҳди Темуриён иттилоъоте намедиҳанд. Темур дар ин вақт барои ба даст овардани Хоразм саргарми ҷанг бо ҳокимони он буд ва ӯ имкон надошт, ки якуякбора рӯ ба Хуросон биёрад.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ҳокими оли Курт пайхас карда буд, ки Темур дер ё зуд пас аз ҷанги Хоразм вориди Хоразм хоҳад шуд.

Ҳамин тариқ, Темурланг дар соли 1376 ба ҳокими Ҳирот Малик Ғиёсуддин ба хотири аҳди дӯстӣ намояндагони худро сафарбар кард. Ҳокими Ҳирот бо суханони дилфиреби Темур бовар карда бо ӯ робитаи хешутаборӣ аз ҳисоби фарзандаш Пирмуҳаммад барқарор кард. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ Темур дар Мовароуннаҳр барои Пирмуҳаммад тӯйю сури бошукӯҳе баргузор кард ва арӯсро ба Ҳирот фиристод. Малик Ғиёсуддин низ якчанд рӯз дар Ҳирот ҷашни пурдабдабае барпо кард [4, с.519-520; 70, С.35; 193, С.755-756].

Дере нагузашта дар охири санаи самон ва сабъин ва сабъумиа 778/март-апрели 1377) бо фаро расидани фасли баҳор Темур юриши Хуросонро ба ҷониби Эрон шурӯъ кард.

Тавре ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд Темурланг писари худ-Мироншоҳро дар синни чаҳордаҳсолагӣ ҳокими Хуросон таъйин мекунад. Роҷеъ ба ин таъийнот Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо», дар фасли «Зикри иршод намудани ҳазрати соҳибқиронӣ амир Ҳоҷӣ Сайфиддинро ба талаби Малик Ғиёсиддин волии Ҳирот ва таъалил намудани малик ва таваҷҷуҳ намудани амирзода Мироншоҳ бар ҳасби фармон» чунин зикр менамояд:

Мирхонд менигорад, ки дере нагузашта Темур аз мавзеи Занҷир пеши малик Ғиёсуддини Муизиддин Ҳусайни Курт элчӣ фиристод, то ки бо фаро расидани фасли баҳор дар баробари дигар сипаҳсолорон ба қурултой ҳозир шавад. Малик Ғиёсуддин Алӣ фиристодаи ӯро ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо оварда, аммо аз рафтан ба қурултой худдорӣ кард. Ва аз қосид хоҳиш кард, амир Ҳоҷӣ Сайфуддин ба наздаш биёяд ҳарду як ҷо ба қурултой хоҳем рафт. Амир Ҳоҷӣ Сайфуддин дар санаи иҳди ва сабъин ва сабъимия ба муҷиби фармон мутаваҷҷеҳи Ҳирот шуд. Малик Ғиёсиддин дар эъзозу эҳтиром ғояти муболиға ба ҷо оварда, аммо аз рафтан ба ҷониби Мовароуннаҳр худдорӣ кард ва малик ба шаҳрбанде, ки ду фарсанг тул дошт, дар атрофи Ҳирот бунёд кард. Малик Ғиёсиддин Ҳоҷи Сайфуддинро бо худ бо ҳар роҳу восита банд медошт. Малик Ғиёсиддин аз булукоти гирду атроф ғаллаи бисёр ба шаҳр меовард. Амир Ҳоҷӣ Сайфуддин эҳсос кард, ки Малик Ғиёсиддин хоҳони рафтан ба Мовароуннаҳр надорад. Ҳоҷӣ Сайфуддин баъди бозгашт ҳар он чизе ки дид ба Темур маълумот дод.

Мирхонд дар «Равзат-ус-сафо» менависад, ки Темурланг пеш аз ҳуҷум ба хуросон лашкари фаровонро ба он ҷо фиристад, то тарсу ҳарос дар дили мардуми Ҳирот ҷой гирад. Фармони Темурланг нуфоз ёфт, ки амир Ҷаҳонгир барлос, амир Ҳоҷӣ Сайфиддин, Оқбуқо баҳодур, амир Айёс баҳодур, амир Муҳаммад Султоншоҳ ва Қамори бародари Тамука, Қавчини Тобон, Урус буғо ва дигар умароро мутаваҷҷеҳи Хуросон сохт.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки Мирхонд санаи ба Хуросон фиристодани Мироншоҳро бо умарои Темурланг нишон надодааст.

Шарафуддини Алии Яздӣ роҷеъ ба ин ҳаводис муфассалтар маълумот додааст. Аз ҷумла, чунин менигорад:«...Мувофиқи санаи иснайн ва самонин ва сабъамоиа 782 ҳ.қ./1380-81 фарзанди арҷманд амирзода Мироншоҳро бо он ки ҳанӯз дар синни чаҳордаҳсолагӣ буд, ба ҳукумати Хуросон номзад фармуд...ва дигар умаро бо панҷоҳ қушуни

савор…мулозими маркаби ҳумоюн гардонида, ҳамаро хонакӯч ба савби Хуросон равон сохт» [109, С.225; 71, С.306; 90, С.979; 70, С.36; 64, С.119]. Сарчашмаҳо иттилоъ аз он медиҳанд, ки Мироншоҳро Темурланг вақте мефиристад, ки Хуросон дар дасти хонадони оли Курт қарор дошт. Мироншоҳ аз Ҷайҳун гузашта тирамоҳу зимистон дар Балху Шибурғон қарор гирифт, сипас, охири зимистон мулки Бодғисро талаву тороҷ карда, вориди Андхуду Мурғоб шуд. асир гирифта, сипас ба қатл хоҳад расонид.

Дар авохири соли 1381 Темурланг аз нав рӯ ба ҷониби Хуросон овард. Ва амир Алибек ибн Арғуншоҳ назди Темурланг ҳозир шуда, бо ҳам машварат намуда, роҷеъ ба лашкар кашидан, дар фасли баҳор ба самти Ҳирот мувофиқа намуданд. Ҳамин тариқ, бо фаро расидани фасли баҳор Темурланг бо лашкариёни худ рӯди Омуро паси сар кард. Дар ин вақт, малик Муҳаммад бародари малик Ғиёсуддин Пиралӣ, ки ҳокими Сарахс буд, назди Темурланг омад ва бо ӯ созиш кард. Темурланг қосиде ба ҷониби Алибек ибни Арғушоҳ равон кард. Бояд зикр кард, ки амир Алибек ибни Арғушоҳ аз ҳамкори кардан бо Темурланг даст кашид ва намояндаи ӯро бошад, зиндонӣ кард. Темурланг вақте ки аз Алибек ноумед шуд, рӯ ба ҷониби Тойиобод овард.

Бояд зикр сохт, ки мулоқоти ин шайхи бузургро бо Темурланг дар сарчашмаҳои таърихӣ гуногун шарҳу эзоҳ додаанд. Аз муаррихони аҳди Темуриён маълумоти Исфизорӣ, нисбат ба вохӯрии Темурланг бо Мавлоно Зайнуддини Абубакр возеҳу равшантар мебошад. Исфизорӣ иттилоъ медиҳад, ки Темурланг «шахсеро ба назди вай фиристода то бигӯяд, ки Темурланг дар ин ҷост ва шуморо ба дидани ӯ мебояд, Мавлоно фармуданд, ки фақиро бо амир ҳеҷ муҳим нест. Сипас, Темур ба зиёрати Мавлоно рафт. Ва дар назди Мавлоно шикоят аз малик кард, ки чаро ӯро насиҳат намекунед, ки хамр мехӯрад. Мавлоно дар ҷавоб гуфтанд, ки ӯро гуфтам, нашунид, Ҳақтаъоло шуморо бар вай гумошт,

шумо ҳам агар нашнавед дигареро бар шумо гуморад» [70, С.37; 90, С.979].

Иддае аз муаррихин бар ин назаранд, ки мулоқоти Темурланг бо Мавлоно Зайнуддини Абубакр барои осон ба даст овардани ҳокимият дар ин мавзеъ бо истифода аз обру ва эътибори ин шахсияти руҳони буд. Муаррих Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ роҷеъ ба ҳиллаву найранги Темур нисбати ин шахсияти бузург ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад: «Дуруст аст, ки ин нузули Темурро ба Тойибод сарчашмаҳо на лашкаркашӣ, балки ҳамчун дидорбинии Амир бо …Мавлоно Зайнуддини Абубакр баррасӣ намудаанд, аммо дар ҳар сурат бо чунин лашкари гарон танҳо ба хотири мулоқот омадан аз мантиқ дур аст. Хулоса, амир бо баҳонаи «мулоқот» навоҳии мазкурро низ аз роҳи осоишта тасарруф намуд» [505, С.158].

Муаллиф «Равзат-ус-сафо равиши минбаъдаи ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад, ки Темурланг аз вохӯрӣ бо ин Мавлонои бузург дар замони ҳукумати худ бо ҳар касе аз гӯшанишинон мулоқот кардаам, ӯ аз ман тарсид ва ман аз Мавлоно тарсидам. Темурланг пас аз вохӯрии Мавлоно дар қасабаи Фушанҷ азиамат ба ҷониби дорусалтанаи Ҳирот тофт. Муқовимати шадиде ки тайи як ҳафта идома кард, пас аз талафоти зиёд Темур бо душвори, қалъаро ба зери тасарруфи худ даровард. Сипас, қалъа бо дастури Темур вайрону валангор карда шуд ва ҳар он чизе, ки дар қалъа буд, талаву тороҷ кардаанд. Темур аз он ҷо рӯ ба Ҳирот овард. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ, ки Ҳирот ба осонӣ ба тобеияти Темур надаромад. Темур Ҳиротро ба муҳосираи тулонӣ гирифт, дар дохили қалъа ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваст. Ҳиротиён низ бар зидди лашкариёни Темур то охири набард, истодагарӣ карданд. Тибқи шаҳодати Мирхонд лашкариёни Темур «тиру санги мухолифинро ба сипар, балки ба дӯшу сар гирифта, қадам пеш ниҳоданд» [55, С.118; 102, С.526].

Темур пас аз задухӯрдҳои шадид сипоҳиён вориди шаҳр шудаанд. Муаллиф менигорад, ки Темуриён зиёда аз ду ҳазор ҳиравиёнро асир гирифта, мардуми шаҳрро фирефта ба онҳо хилъат тақдим карда, бо ваъдаҳои дурӯғ, ки хоси табиати ин золим буд, раҳо дод ва фармуд, ки ба мардуми Ҳирот хабар расонанд, ки аз малик дар ҷанг дастгирӣ накунанд ва дар натиҷа ин ҳилаю найранги Темур сабаб шуд, ки мардум аз ҷанг худдорӣ намоянд. Муинуддини Натанзӣ шумораи асирафтодагонро даҳ ҳазор нишон додааст [66, С.306-310]. Ба ақидаи инҷониб ин рақам шубҳаомез менамояд, чунки кулли сарчашмаҳо асиронро ду ҳазор нишон додаанд. Бо вуҷуди ин, Муинуддини Натанзӣ дар асараш аз мулоқоти Темур бо Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр чизе намегӯяд. Бояд гуфт, ки Мирхонд аз шумораи асиршудагон ягон итиллоот надодааст.

Ғиёсуддини Пиралӣ саъю талоши зиёд кард, ки пеши роҳи мардуми фирориро гирад, то ки бар зидди Темур биҷангананд, аммо дер шуда буд, дигар касе ба ӯ итоат намекард. Амир Искандар ба малик пешниҳод кард, ки «чанд касеро дар сари маҳаллаҳо сиёсат мебояд кард, то мардум битарсанд ва шаҳрро нигоҳ доранд. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» равиши минбаъдаи ҳодисаро чунин шарҳ медиҳанд: «Ман хуни ноҳақ чун кунам». Гуфт: «Пас шаҳр нигоҳ наметавон дошт» [46, с.118]. Сипас, Темур ба ҷониби малик одам мефиристад, то ӯро ба таслим шудан водор созад. Малик Ғиёсуддин Пиралӣ ночор ба хотири кушта нашудани мардуми бегуноҳ ба пешниҳод розӣ мешавад. Малик аввал писари худро ба назди Темур мефиристад ва баъд худаш дар Боғи Зоғони Ҳирот бо Темур дидор анҷом дода худро таслими ӯ мекунад.

Мирхонд қайд мекунад, ки бо фармони Темур тамоми биноҳои истеҳкомӣ харобу валангор карда шуданд. Дарвозаҳои шаҳр, ки оҳанкӯб буданд, бо алқоби мулуки Ғӯр зебу зинат дода шуда буд, бо дусад кадхудои номӣ ба Шаҳрисабз интиқол дод. Сипас, Темур бо лашкариёни худ тамоми хазоину дафоини чандинсолаи оли Куртро талаву тороҷ

карданд. Ба ғайр аз ин, аз мардум дар товони ҷангро дар муддати се рӯз ситониданд. Мирхонд дар «Равзату-сафо» ҷамъоварии маблағро се рӯз нишон додаанд [46, с.120]. Тибқи ахбори Мирхонд Темур моҳҳои март-апрели соли 1381 ба пуррагӣ шаҳри Ҳирот ва гирду атрофи онро ба итоати худ даровард. Ҳамчунин намояндагони Оли Курт-Ғиёсуддини Пиралиро бо тамоми аҳли хонадонаш Темур ба Самарқанд оварда зиндонӣ карданд.

Тавре ки Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки: «Темур дастур дод, ки ҳисори ҷадид ва қадими Ҳиротро бо замин мусовӣ сохтанд…мавлоно Қутбуддин ибни мавлоно Низомуддинро, ки муқтадои уламои Хуросон дар он замон ӯ буд, бо дувист кадхудои муътабар…аз шаҳру вилоят кӯчонида ба хиттаи Кеш расониданд. Ва чун бурҷу бораро хароб карданд, дарвозаҳои шаҳрро, ки муғаррақ ба оҳан буд ва асомиву алқоби мулуки Ғӯр бар он сабт намуда буданд, бар ҳасаби фармуда ба Шаҳрисабз расониданд» [46, с.119; 109, с.237; 70, с.41].

Мирхонд менигорад, ки Темур пас аз забти Хуросон рӯ ба ҷониби Мовароуннаҳр овард. Пас аз бозгашти Темур ба Мовароуннаҳр элчии Хоҷа Алии Муайид расид, иттилоъ дод, ки Алибеки Ҷавони Қурбонӣ ва амир Валӣ бо якдигар иттифоқ намуда озими Сабзаворанд. Темур Ҷайҳунро убур карда рӯ ба ҳаволии қалъаи Калот равон шуд ва тамоми молу амволи Ҷавони Қурбониро талаву тороҷ кард ва амирзода Мироншоҳ, аз омадани Темур огоҳ шуда аз Сарахс омада бо лашкари ӯ ҳамроҳ шуд. Бояд зикр кард, ки дар як вақт, мардуми Хуросон нисбат ба намояндагони Темур муқобилият нишон додаанд. Муҳаммад Ғӯрӣ ба муқобили намояндагони Темур дар Ҳирот бархостанд. Вақте ки ба Темур ин ҳодисаро огаҳ мекунанд, дар ғазаб афтода намояндагони Ғуро, ки дар зиндонҳои гуногун аз ҷониби Темурланг зиндонӣ шуда буданд, аз байн бурд.

Бояд гуфт, ки пас аз чунин ҳолат мардуми Исфизор, зери роҳбарии Шайх Довуд ба зидди Темурланг бархостанд. Темурланг маҷбур гардид, дубора озими Хуросон гардад. Пас аз ворид шудан ба Хуросон Темурланг аз худ ваҳшониятҳои зиёде боқӣ гузошт. Дар тақвияти ахбори «Равзат-ус-сафо»дигар манбаҳои таърихӣ хабар медиҳанд ки: «…ду ҳазор касро аз қалъа берун оварда, бар болои як дигар ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад» [55, С.133; 71, С.91; 110, С.263; 95, С.435; 270, С.461].

Пас аз ҳуҷуми ду бораи худ Темурланг Ҳиротро аз нав ба зери тобеияти худ даровварда ва яке аз наздикони Ғиёсуддини Пиралӣ Муҳаммадро, мулки Ҳиротро вогузор мекунад. Муҳаммад ба амсоли аҷдодони худ нисбат ба аҷнабиёни муғул нафрат дошт ва аз зулму истибдоди онҳо ба дод омада, аз мавзеи Ғӯр ба шаҳри Ҳирот равон шуда, одамони Темурлангро аз дами теғ мегузаронад.

Дар чунин вазъият писари Темурланг-Мироншоҳ, дар мавзеи Сарахс истироҳат мекард ва аз вазъият огаҳ шуд рӯ ба Ҳирот овард. Бояд гуфт, ки Мироншоҳ, исёни ғӯриёнро бераҳмона пахш ва шаҳрро вайрону валангор кард, мардумони зиёдеро аз дами теғ гузаронид. Баъдан, бо дастури Амироншоҳ аз сари кушташудагон дар Ҳирот калламанора бунёд карданд. Муаллифи «Равзат-ус-сафо» ва «Зафарнома» куштору қатли оми Мироншоҳро чунин тавсиф мекунанд: «Шикаст ба ғӯриён афтода, ҷамъе касир аз он тоифа ба қатл омаданд…Ва барои эътибор аз руус (сарҳо)-и куштагон чанд манора бароварданд» [46, с.131; 109, с.259; 73, с.434].

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» равиши минбаъдаи ҳодисаро чунин шарҳ медиҳад, ки чун хабари ин воқеа дар Самарқанд ба Темур расид фармон дод то малик Ғиёсиддин ва малик Пирмуҳаммад, ки дар Самарқанд маҳбус буданд ва амири Ғурӣ ва Алибек Ҷуни Қурбониро

амирзода Умаршайх дар Андикон мазбут сохта маҳкам карда буд, ба қатл расониданд. [46, с.131].

Дар тақвияти ахбори Мирхонд дигар манбаъҳои таърихӣ хабар медиҳанд, ки Амироншоҳ, бо ҳамроҳии Оқбуқо баҳодур ва Ҳоҷӣ Сайфиддин, ки дар канори рӯдхонаи Мурғоб қарор доштанд, мутаваҷҷеҳи Ҳирот шуда, онро пахш мекунанд [66, с.319]. Бояд иброз дошт, ки маълумоти Муъинуддини Натанзӣ роҷеъ ба ин масъала чандон саҳеҳ наменамояд, зеро кулли сарчашмаҳо дар пахш кардани ин ошӯб Мироншоҳро ном бурдаанд. Пас аз ин ҳодиса Темурланг фармон дод, ки «малик Ғиёсуддин Пиралиро, ки дар арки Самарқанд маҳбус дошт ва писараш амири ғӯриро, ки дар Узганд буд, фармуд ҳалок карданд» [46, с.171; 57, с.44]. Бо чунин ваҳшонияти Темурланг тавонист, дар як муддати кӯтоҳ, намояндагони охирин хонадони оли Куртро ба нестӣ расонад.

Тибқи ахбори манбаъҳои таърихӣ Темурланг дар аввали рамазон рӯ ба Ҳирот овард ва мардуми зиёди бегуноҳро ба қатл расонид. Пас аз куштори мардумони Ҳирот рӯ ба самти Сиҷистону Исфизор кард. Дар ин шаҳрҳо низ Темур мардуми зиёдеро ба қатл расоонид. Мирхонд низ дар баробари дигар муаррихони асримиёнагӣ дар асари худ қатлу ғорат ва куштори даҳшатноки Темурро чунин баён менамояд: «Дар билоди Хуросон, хусусан дар Ҳирот ва Исфизор аз қатлу ғорат, азобу шиканҷа, асорат ва вайронии мавозеъ ва парешонии халоиқ дар ҳеҷ замон ва макон аломошола-вуқуъ наёфта бошад. Ва баъд аз ҳудуси ин воқеа то муддате дар гавиҳову бозорҳо мурдаву кушта бар якдигар афтода мунтан гашта буд, ки ҳеҷ касро ёрои он набуд, ки таҷҳизу такфини эшон кунад» [46, с.133-134; 57, с.44-45]. Бояд зикр сохт, ки роҷеъ ба аз байн рафтани давлати Оли Курт, муаррихи афғонистонӣ Муҳаммад Ғубор чунин изҳори таассуф мехӯрад: «ба ин сурат, охирин шамъи ларзони якунимқарнаи ҳукумати Курт дар Афғонистон хомӯш гардид» [159, с.423].

Тибқи иттилоъи Исфизорӣ, Темурланг пас аз чанд вақт мулки Хуросонро ба писари худ Шоҳрух вогузор мекунад: «Дар санаи тасеъ ва тисъин ва сабумоя Шоҳрух…мамолики Хуросонро…аз ақсои Мозандарон то ҳудуди Ҳиндустон ба вай арзонӣ фармуд» [57, с.46; 4, с.731].

Бояд қайд кард, ки дере нагузашта аҳолии Тӯс, ки аз зулму истибдоди одамони Темурланг ба дод омада буданд, бо роҳбарии Юсуфхоҷа ва Ҳоҷибек аз нав сар бардоштанд. Сипас, Темурланг барои пахш кардани ин исён худ ба самти Тӯс раҳсипор мегардад ва мардуми зиёдеро ба тариқи ваҳшиёна аз дами теғ мегузаронад.

Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки Темурланг, баъд куштори бераҳмонаи мардуми Хуросон фармон медиҳад, ки сар куштаҳо ҷамъ карда шавад: Аз ҷумла, чунин менигорад: «…Лашкариёнро фармуд то ҳар як саре биёварданд. Филҳол дар қариб ним соат аз он мақтулон ва маҷруҳон қариб чаҳорсад-панҷсад сар ҷамъ шуд ва касоне, ки сар наёфтанд дар ақиби пиёдагон рафтанд ва эшонро гирифта, сар боз карда оварданд ва аз он сарҳо манораи азим дар он мавзеъ баровopen ва аз он сарҳо чанде ба Тӯс назди Амир Оқбуқо ва чанде ба Ҳирот назди Хонзода ва чанде ба ҷониби Самарқанд равон карданд, то бар фатҳи мамолики Хуросон шодмонӣ бинамоянд» [46, с.173-174].

Пас аз тасхири Хуросон Темурланг, дар он ҷо амир Шайхро ба ҳайси мутасаддии Исфизор вогузор намуд [71, с.91].

Умуман, бояд гуфт, ки лашкаркашиҳои Темурланг ба самти Хуросон ва куштору қатли ом, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот дар манбаъҳои таърихии асримиёнагӣ возеҳу равшан инъикос гардидааст. Аз ҷумла, дар осори муаррихи араб Ибни Арабшоҳ ва сафири испанӣ Р.Д.Клавихо ваҳшониятҳои Темурланг ва намояндагони ин хонадон дар муқоиса ба дигар сарчашмаҳои таърихӣ воқеъбинонатар инъикос гардидаанд. Ҳамчунин дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ

низ он даҳшату ваҳшате, ки Темурланг дар мавзеҳои гуногуни Хуросон зоҳир сохт, гарчанде ки аз ӯ пуштибонӣ карда бошад, лекин бояд иқрор шуд, ки дар баъзе ҳолатҳо пардапӯшона онро баён кардааст.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки пас аз фавти Улуғбек ҳокимияти Хуросон насиби мирзо Абулқосим Бобур гардид. Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба тахти Хуросон соҳиб шудани чунин иттилоъ медиҳад. Абулқосим Бобур ҳангоми ҳокими Астаробод будан ба айшу ишрат машғул буд. Ӯ амире бо номи Ҳиндука дошт. Рӯзе ӯ ба Абулқосим Бобур чунин пешниҳод мекунад:

«Эй султони олам, бародарон ва амакзодагони ту дар ҳар мамлакат мустақиланд, ганҷу сипоҳ доранд, агар маслиҳати манро гӯш кунӣ, эҳтимол мулк ба дасти ту гузарад. Абулқосим Бобур мепурсад: -Кадом аст он маслиҳат? Гуфт: Аввал он, ки мардуми дун ва бадаслро тарбият кун, чунки бузургзодагон ба ту сар дарнаёваранд, дуюм он, ки бахшандагӣ ба ифрот пеш гир, то ба овозаи ҷуди (ҷавонмардии Ҳ.Ҳ.) ту мардум ба ту руҷӯъ кунанд, сеюм он, ки ясоқ (Ҳ.Ҳ.) сахт макун ва мардумро изо марасон, то аз ту эман бошанд, чаҳорум он, ки лашкарро аз ғорат ва дастандозӣ манъ макун, то ҷиҳати тамаъи шуми худ кори туро пеш баранд ва чун кори ту пеш равад ва мулк ба ту мусаллам шавад, зинҳор ва ҳазор зинҳор, ки ин корҳои мазмумро тарк кунӣ ва хилофи ин қоидаҳои нописандида намоӣ, ки инҳо ҳама ҷиҳати зарурат аст» [24, с.573].

Бино ба иттилоъи манбаъҳои таърихӣ давраи ҳукмронии Абусаид дар таърихи мардуми Мовароуннаҳру Хуросон, дар ҳақиқат яке аз давраҳои мудҳиш ва ноором ба ҳисоб меравад. Дар Мовароуннаҳру Хуросон аз ин кашмакашиҳои сиёсӣ ва задухӯрдҳои дохилӣ на танҳо вазъи сиёсӣ, балки адабӣ низ рӯ ба таназзул ниҳод. Аз тарафи дигар Хуросон ба муқобили қаройқуюнлуҳо дучор гашт.

Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, пас аз вафоти амир Шоҳрух то як давраи кутоҳ барои соҳиб шудани мулки Хуросон байни шоҳзодагони Темуриён задухӯрдҳои тулонӣ ба амал омад, ки оқибат бо машаққати зиёд қудрат ба дасти амир Улуғбек гузашт. Бояд гуфт, ки бо ба даст овардани ҳокимият Улуғбек аз уҳдаи давлатдорӣ баромада натавонист. Бино ба шаҳодати манобеи таърихӣ, Улуғбек ба тариқи хеле бераҳмона аз тарафи Абдулатиф ба қатл расид, ҳокимияти Мовароуннаҳр ба дасти Абдулатиф гузашт. Абдулатиф 8 майи соли 1450 аз ҷониби мухолифонаш паронда шуд. Дар муддати кутоҳе аввал мирзо Абдуллоҳ сипас мирзо Абусаид 21 июни соли 1451 ба тахти Самарқанд нишастанд.

Бояд қайд кард, ки дере нагузашта, амир Абулқосим Бобур бародари худ султон Муҳаммадро ба қатл расонида ба ҳокимияти Хуросонро ба зери тасарруфи худ даровард. Мирзо Абулқосим Бобур (1452-1457) писари Бойсунқар набераи Шоҳрух бошад, дар қаламрави Хуросон ҳукмронӣ мекард.

Мирзо Абулқосим Бобур пас аз марги Шоҳрух бар Ҷурҷон даст ёфт ва пас аз тасарруфи Ҳирот дар соли 853 бар тахт нишаст. Ӯ дар соли 855 дар минтақаи Чанорон бо бародари худ султон Муҳаммад ҷангид ва ӯро асир гирифта ба қатл расонид. Султон Муҳаммад ба фармони Шоҳрух ҳукумати Ироқро дар даст дошт. Пас аз марги Шоҳрух Исфаҳон ва Форсро ба зери тасарруфи худ даровард ва бо Ҷаҳоншоҳи Қароқуюнлу вориди ҷанг шудааст, ки бо бастани сулҳ ба анҷом расид.

Ба ҳангоми марги Улуғбек ҳокими Хуросон буд ва пас аз чанде барои ҳифзи қаламрави худ маҷбур шуд бо Муҳаммад мирзо ва Алоудавла вориди ҷанг шуд ва Ҳиротро аз қаламрави ӯ ҷудо кард. Алоудавла ҳангоми ҳуҷум ба Самарқанд ва тасхири он буд, аз чунин фурсат мирзо Бобур истифода бурда Ҳиротро ба зери тасарруфи худ даровард. Сипас ба таъқиби рақиби худ Алоудавла пардохт ва дар

наздикии Самарқанд ӯро дастгир кард ва Балху Толиқонро гирифт ва саранҷом дар қалъаи Гозаргоҳ дар иморати Искандарбек зиндонияш кард.

Тибқи иттилоъи сарчашмаҳо мирзо Бобур зимистони соли 855/1451-ро дар Астаробод ва Бастом паси сар кард. Муҳаммад мирзо, ки дар Форс қарор дошт, мехост бо як ҳамлаи густурда Хуросонро ба зери тасарруфи худ дарорад. Мирзо Бобур аз нақшаи бародари худ огоҳ шуда бо миёнҷигарии Шайхулислом Хоҷа Мирзо ба гуфтушунид шуруъ кард дар натиҷа як қисми заминҳои Хуросонро ба бародари худ бахшид. Аз ин гузаштҳо фурсате нагузашта, Муҳаммад аҳдшиканӣ карда, Хуросонро то Исфароин ишғол кард. Мирзо Бобур аз ин вазъ огаҳ шуда, аз Мозандарон баргашта, бо бародари худ дар ҳаволии Хабурон набарди сахт ва хунине анҷом дод. Дар ин набард Муҳаммад шикаст хӯрда ва асир афтод. Мирзо Абулқосим Бобур бо ситеза бо Муҳаммад гуфт, эй бародар аз ҷониби мо чи воқеа шуд, ки бо чунин кирдор даст задӣ ва хуни мусулмонон бирехтӣ. Муҳаммад дар ҷавоб чунин гуфт: «Ки эй бародар дар умури мулкгирӣ амсоли ин қазоё рӯй менамояд» [46, с.781, 118, с.105].

Мирзо Бобур дастур дод, то ки бародари худро ҳамагӣ сиву чаҳор сол дошт, ба қатл расонданд ва наъши ӯро ба дорусалтанати Ҳирот бурданд ва дар гунбади мадрасаи Гавҳаршод, ки марқади падараш мирзо Бойсунғар дар он ҷо буд, ба хок супориданд. Мирзо Бобур пас аз куштани Муҳаммад дастури кӯр кардани бародари дигари худ Алоудавларо дод. Аз мили оҳани тафсон чашмони Алоудавла осеб надид. Мирзо Бобур пас аз байн бурдани бародарони худ, хотирҷамъ гашта, азми Ироқу Форс кард, ба он хотир ки мирзо султон Муҳаммад аз ҳамин минтақа вориди Ҳирот шуда буд. Мирзо Бобур бо қароре омад, ки ба қалъаи Туршез рафта аз роҳи Язд мутаваҷҷеҳи мамлакати Ироқ шавад. Вақте ки мирзо Бобур ба мавзеи Тун расид, ғалла дар он диёр

камёб буд. Мирзо Бобур фармуд ҳар ҷое ки ғалла бошад ба даст биёранд ва лашкариёнаш ба талаву тороҷи молу амволи мардум даст заданд. Ҳангоми дар Шероз қарор доштани мирзо Бобур қосиде расида иттилоъ дод, ки мирзо Алоудавла худро аз осеби мил нигоҳ дошта, ва бо кумаки Ёдгоршоҳи арлот ба Балх лашкар кашида, ва аз он ҷо ҷониби Хуросон майл дорад. Мирзо Бобур чун аз қазияи Хуросон огаҳ шуд, таваққуф карданро дар мамлакати Ироқ ба худ муносиб надид. Рӯзи панҷшанбеи шонздаҳуми раҷаб рӯ ба Ҳирот овард. Ҳамзамон, Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки мирзо Абулқосим Бобур ҳангоми бозгашт ба Ҳирот дар Язд бо муаррихи аҳди Темуриён муаллифи «Зафарнома» Шарафиддин Алии Яздӣ вохӯрда, аз суҳбати ӯ бархӯрдор шудааст. Бояд қайд кард, ки пас аз ҳаштод соли аз даст рафтани мулки Ироқу Форс ба тобеияти туркманон онро боз аз нав ба давлати Темуриён ҳамроҳ намуд.

Соли 1454 вақте ки мирзо Абулқосим Бобур дар Астаробод қарор дошт, султон Абӯсаид ҳокими Мовароуннаҳр ба ҷониби Балх лашкар кашида, қисмати зиёди шаҳру деҳотро ба дасти худ дароварда, лашкариёни ӯро шикаст дода, яке аз амиронаш Дарвеш Муҳаммадро ба ҳалокат мерасонад.

Мирхонд роҷеъ ба лашкаркашии мирзо Абулқосим Бобур дар соли 858/1454 ба Мовароуннаҳр бар зидди султон Абусаид иттилоъ медиҳад, ки мирзо Абулқосим Бобур ба амир Хоҷа Ваҷеҳиддин Исмоил Симнонӣ фармон дод, ки бо як идда умарои аъзом аз аҳолӣ хироҷи «забти лашкар» ва «зари лашкар» ҷамъоварӣ кунанд. Абулқосим Бобур пас аз ситонидани андозҳои зарурӣ тамоми маблағҳои ҷамъшударо ба умаро ва лашкариён тақсим карда, рӯ ба Мовароуннаҳр овард [4, с.755, 157, с.87].

Барои убур аз Амударё фақат як қаиқ вуҷуд дошт, ки танҳо мирзо Бобурро ба ин самт расонду халос. Сипоҳинаш ҳангоми убур аз дарё ғарқ шуданд ва қисми зиёдаш аз норасоии ғизо фавтиданд.

Абусаид ҳеҷ бовар надошт, ки мирзо Бобур ба ин зудӣ вориди қаламрави ӯ мешавад. Абулқосим Бобур рӯди Омуро убур карда вориди Самарқанд гардид. Вақте ки наздики Самарқанд шуд дар посухи тақозои сулҳ ва ҳадяҳои ирсолӣ Абусаид чунин гуфт: «Беш аз он роҳ омадааст, то ба ин зудӣ бозгардад. Ҳатто ба пешниҳоди марди муҳтараме чун Абунасри Порсои Балхи низ вақъи нагузошт, ки ба ӯ гӯшзад кард аз ин ҷанги хунин даргузарад» [118, с.106].

Ҳамчунин Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки султон Абусаид ба мирзо Бобур мегӯяд, ки «Ман ин вилоятро (Мовароуннаҳрро Ҳ.Ҳ.) ба ҷанг гирифтаам, осон-осон аз даст нахоҳам дод» [46, с.790-791]. Бояд гуфт, ки мирзо Абулқосим Бобур бо теъдоди сад ҳазор лашкар ба Мовароуннаҳр меояд.

Тибқи ахбори Мирхонд султон Абӯсаид пас аз убури Ҷайҳун лашкариёнашро иҷозат дод то ба хонаҳои худ раванд [46, с.791]. Лашкариёни султон Абусаид аз минтақаҳои гуногуни Ҳирот чизу чораи мардумро талаву тороҷ карда буданд, бо омадани лашкари Хуросон рӯ ба гурез ниҳоданд. Дар чунин вазъият Абулқосим Бобур бошад бе душворӣ дар наздикии Самарқанд пайдо шуд. Бояд гуфт, ки дар чунин вазъияти ногувор султон Абӯсаид мехост, ки аз мубориза даст кашида бошад, бо навкарони худ ба самти Туркистон фирор кунад. Дар чунин вазъияти ҳасос мардуми таҳҷоии Самарқанд, таҳти ҳимояи шахсиятҳои руҳонӣ, аз қабили Хоҷа Аҳрори Валӣ, бар зидди сипоҳиёни Ҳирот сар бардоштанд. Дар натиҷаи муборизаи шадид, хуросониёни зиёд кушта шуданд. Тибқи шаҳодати Мирхонд дар ин набард чорвоёни зиёд, аз ҷумла, қариб сад ҳазор уштур ба дами ҳалокат расид. Ин факту далелҳо аз шаҳодат медиҳад, ки шумораи лашкариёни Хуросон ҳангоми ҳуҷум ба Мовароуннаҳр зиёд будааст. Ё худ дар ҷойи дигар муаллиф қайд мекунад ки:«...эшонро мекуштанд ва дар бораи баъзе иноят карда гӯш ва бини бурида...» [46, с.794, 1, с.744, 57, с.178].

Рафти ҷараёни ҷанги мирзо Абулқосим Бобур ва Абусаидро дар Самарқанд Мирхонд чунин тасвир мекунад: «Миёни ҳар ду гурӯҳ ҷанги азиме иттифоқ афтод ва ҳавли рӯзи машҳар зоҳир гашт ва муддати аёми муҳосира чиҳил рӯз имтидод ёфт ва ҳар ду гурӯҳ аз ҷангу ҷидол ва ҳарбу қитол ба сутуҳ омаданд» [46, с.795].

Бояд гуфт, ки онҳо ҳарчанд шаҳрро ба муҳосира гирифта, кӯшиши зиёде барои ишғоли он ба харҷ дода бошанд ҳам, аммо онҳоро ишғоли шаҳр муяссар нагашт.

Баъд аз ин воқеаи мудҳиш мирзо Абулқосим Бобур бо фаро расидани фасли сармо маҷбур шуд, ки ба сулҳ бастан розӣ шавад. Мутобиқи аҳдномаи сулҳ султон Абӯсаид мебоист бо мамлакати Мовароуннаҳр қаноат карда, ба қаламрави Хуросон дахолат намекард [73, с.52-53, 101, с.115, 254, с.36-44, 138, с.383, 148, с.58] 25 декабри соли 1454 Абулқосим Бобур тарки Самарқанд карда, ба Ҳирот баргашт.

Ховаршиноси рус В.В. Бартолд роҷеъ ба мудофиаи Самарқандиён ва шикасти Бобур дар асари худ «Мир-Али-Шер и политическая жизнь» чунин менависад: «Бобур дар соли 1454 барои забт кардани Самарқанд кӯшишаш барор нагирифт ва пас аз бастани сулҳ бо Абӯсаид, 25 декабри ҳамон сол ба Ҳирот баргашт» [101, с.115]. Тибқи ахбори муаррихи шуравӣ А.Ю. Якубовский Бобур Самарқандро забт кардани буд, вале юриши ӯ дар соли 1454 бебарор анҷом ёфт. [138, с.383]

Бино ба нигоштаи Мирхонд Абулқосим Бобур дар авоили зулҳиҷа 858 ҳ.қ. декабри соли 1454 бо лашкариёни худ дарёи Амуро убур карда, вориди Ҳирот шуд. Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ мирзо Абулқосим Бобур барои таскини лашкариёни худ як қатор минтақаҳоро ба амирони наздики худ аз қабили Балх, ба расми суюрғол ба амир Шайх Ҳоҷӣ, вилояти Баёну Ҷорикро бо амири Форс, диёри Андхудро бо амир Шайх Заволнун ва бародараш амир Аҳмад, қасабаи Шибурғонро бо амир Кукалтош тақдим кард [46, с.795].

Бояд зикр кард, ки ҳангоми мирзо Абулқосим Бобур машғули ҷанг дар Самарқанд будан, волии Систон Шоҳҳусайн даъвии истиқлолиятхоҳӣ дошт. Баъди бозгашт аз Самарқанд Абулқосим Бобур маҷбур шуд, ки амир Халилро бо лашкариёни зиёд барои ҳокимиятро аз дасти Шоҳҳусайн гирифтан ба Систон фиристод. Дар натиҷаи задухӯрди шадид Шоҳҳусайн дучори шикаст гардида, ба вилояти Зиреҳ фирор кард ва мардуми зиёд ба қатл расид. Пас аз чанд вақт Шоҳҳусайн аз ҷониби амир Халил дастгир ва ба қатл расид.

Тибқи ахбори маъхазҳои хаттӣ Абулқосим Бобур бештари вақти худро ба сархушию маишат мегузаронид ва ба корҳои давлатӣ таваҷҷуҳ надошт ва ҳатто рӯзи маргаш низ дар шанбеи 25 рабеъулсонии соли 861ҳ.қ./марти соли 1457 аз нӯшидани шароб худорӣ накард [1, с.873, 57, с.188, 73, с.57].Ҷасади ӯро аз Машҳад ба Ҳирот оварда дар гунбази мадрасаи Шоҳрух дафн карданд.

Бояд гуфт, ки муддати ҳукмронии Абулқосим Бобур дар тамоми Хуросон, Мозандарон, Симнон, Домғон то вилояти Бадахшон ва аз соҳили Ҷайҳун, Марв ва Мохон то ҳудуди мамлакати Систон ва Зобулистон даҳ сол буд. Ва мамолики Ироқу Форсро низ ба зери тасарруфи худ оварда буд.

Дар соли 1453 тамоми ноҳияҳои Ғарбии Эронро намояндаи туркманҳои қарақуйюнлу-Ҷаҳоншоҳ ба зери тасарруфи худ даровարданд. Ҳамчунин маҳз дар ҳамин сол минтақаҳои Ироқу Форс аз вилояти Озарбойҷон то соҳилҳои рӯди Уммон ба тобеияти туркмонҳо даромаданд.

Ҳамзамон, пас аз чунин даргириҳо дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон байни шоҳзодагону амирон, аз як даст ба дасти дигар гузаштани ҳокимият дар байни онҳо, боиси вайрону валангор гаштани шаҳру деҳот ва қаҳтию гурӯснагиро ба амал овард. Вазъи муташанниҷи соли 1456-и Хуросонро аксари таърихнигорони асрҳои

миёна, аз ҷумла муаррих Мирхонд дар асари худ «Равзат-ус-сафо»чунин тасвир мекунад: «...қавофили балоё дар вилояти Хуросон боз кушод ва харaҷу марaҷ бо аҳолии мамлакат роҳ ёфт» [46, с.807, 1, с.821, 57, с.190].

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ пас аз вафоти мирзо Абулқосим Бобур ҳокимони алоҳида аз аҳолии Ҳирот ва навоҳии гирду атрофи он ба зулму истибдоди мардуми бечора даст заданд, ки ҳамаи ин ба сар задани низоҳо дар минтақа оварда расонид. Муаллифи «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот», Замчии Исфизорӣ роҷеъ ба яке аз лашкариёни мирзо Абулқосим Бобур амир шайх Абусаид аз Сарахс менависад, ки ӯ рӯ ба Ҳирот оварда, за сабаби хурдсол будани мирзо Шоҳмаҳмуд, ки ҳамагӣ ёздаҳ сол дошт, ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ овард ва ба сари аҳолии Ҳирот андози «саршумор» бор карда, ки давоми 2-3 рӯз бо пул ситонид. Исфизорӣ иттилоъ медиҳад, ки дар ин сол се мол ва се шукрона аз раоё ситониданд, аввал: Шоҳмаҳмуд мирзо, дуввум: султон Иброҳим мирзо, савум: мирзо Абӯсаид [57, с.203, 1, с.810]. Бо ба сари қудрат омадани Абусаид андози «саршумор» як баробар зиёд карда шуд, ки ин ҳолат боиси исён бар зидди бедодгариҳои ҳукуматдорон гардид.

Бо таъйин шудани Хоҷа Кулол ва Хоҷа Алӣ Амирхоҷа ба ҳайси вазирони Шоҳмаҳмуд, онҳо нисбат ба мардум ҷабру ситамро муносиб диданд. Бо супориш Абусаид, ин ду вазир маротибаи дуюм аз аҳолии шаҳр андозӣ саршумор ҷамъоварӣ мекунанд, ки дар мадди аввал бори гароне барои мардуми бумӣ гардид.

Бояд гуфт, ки қисми зиёди мардум, имконияти супоридани андозҳоро надоштанд, ки боиси азобу шиканҷаи ҳукуматдорон шуданд. Як идда мардум барои кам кардани андоз назди амир шайх Абусаид рафтанд, аммо ин золим ҳеҷ сабукие ба мазлумон накард. Баъдтар яке аз фармондеҳи амир Абулқосим Бобур бо номи амир Шерхоҷа бо ҳамроҳи шоҳзода мирзо Шоҳмаҳмуд, ба шаҳр дохил шуда, ҳукматро ба зери

тобеияти худ даровард. Ӯ аз мардум хоҳиш кард, ки дигар ҳеҷ кас андоз насупорад. Мардум аз амир Шерхоҷа ҷонибдорӣ карданд. Сипас, мардуми дар қаҳру ғазаб гардида, шайх Абусаидро дар кӯҳи Мухтор дастгир карда, ба қатл расонданиданд ва сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба дарвозаи Малик овехтанд [46, с.807-808, 1, с.795, 57, с.192-19]. Бино ба ахбори манобеъи таърихӣ, пас аз марги Абусаид муборизаҳои байниҳамдигарӣ ва худсариҳои амирон шиддат гирифт, ки дар натиҷа вазъи мардуми Ҳирот, махсусан тоҷикон вазнин гардид.

Бояд гуфт, ки тибқи иттилоъи сарчашмаҳои таърихӣ вазъи сиёсии Хуросон махсусан пас аз вафоти мирзо Абулқосим Бобур хеле тезутунд гашт. Чунин вазъияти нооромии сиёсӣ, боиси ҷангҳои дохилӣ гардид. Аз чунин фурсати муносиб ҳокими Мовароуннаҳр султон Абусаид вориди Хуросон гашта, онро бе ҳеҷ муқовимат ба даст гирифт. Ҳамин тариқ, соли 1457 мулки Хуросон бо Мовароуннаҳр аз нав як ҷо шуданд. Бино ба иттилоъи манбаъҳои асримиёнагӣ, султон Абӯсаид аз дер боз дар сар орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани тахти Ҳирот ва Хуросонро мепарварид [1, с.805; 18, с.201].

Дар замони ҳукумронии султон Абусаид-Хоҷа Аҳрор яке аз чеҳраҳои бонуфузу дарбор ба ҳисоб мерафт. Ҳамчунин бояд гуфт, ки султон Абусаид ҳангоми исёну ошубҳои дохилӣ аз обрӯ ва эътибори ин шахсияти рӯҳони хеле зиёд истифода кардааст. Гарчанде ки иддае аз муаррихин Хоҷа Аҳрорро дар фазои рушду нумуи илму фарҳанг, хусусан кушта шудани Улуғбек гунаҳгор медонанд, ҳеҷ як асоси воқеӣ надорад. Бояд гуфт, ки маҳз Хоҷа Аҳрор буд, ки муҳосираи тӯлонии Шоҳрухияро, ки писари Абдулатиф Муҳаммад Ҷӯкӣ, ки бар зидди Абусаид шӯриш бардошта буд, бо роҳи гуфтушунид ҳаллу фасл кард.

Бино ба иттилоъи Исфизорӣ соли 865/1461 ба султон Абусаид хабар медиҳанд, ки: Амир Нури Саид сар аз рабқаи тоат берун бурда, савдои саркашӣ ва истиқлол дар димоғ оварда ва дар навоҳии

Самарқанду Бухоро даст ба зулму бедод ва ғорату тороҷ дароз карда, дами мухолифат ва инод мезанад. Султон Саид савобиқи хадамоти ӯро мулҳуз дошта, мултафити он суханон нашуд [1, с.805; 16, с.201]. Бояд таъкид кард, ки ин ҳама исёну ошӯбҳо бар зиёни мардуми минтақа буд.

Бино ба ахбори маобеи таърихӣ хусусан «Равзат-ус-сафо» ва «Ҳабибу-с-сияр» Хоҷа Аҳрор борҳо ба ҷангу ҷидолҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон ва амирзодагон дахолат намуда, онҳоро аз хунрезӣ ва ғоратгарӣ боздоштааст. Аз ҷумла, дар оштӣ додани бародарон ҳокими Самарқанд султон Аҳмад ва ҳокими Ҳисор султон Маҳмуд чандин маротиб ба мушоҳида расидааст. Нақши бузурги Хоҷа Аҳрорро махсусан дар таъмини сулҳи байни султон Аҳмад, мирзо Умаршайх ва Маҳмуд, ки дар наздикии Оққурғони музофоти Шоҳрухия ба амал омада буд, қайд кардан ба маврид аст. Дар ин муҳориба сад ҳазор сарбоз бар зидди якдигар қарор гирифта, аз куштори беҳуда даст кашиданд.

Бояд тазаккур дод, ки як қатор муаррихон дар кушта шудани Улуғбек Хоҷа Аҳроро гунаҳкор мекунанд. Вале ин гуфтаҳо асоси воқеи надорад, зеро ҳангоми кушта шудани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф Хоҷа Аҳрор дар Тошканд зиндагӣ мекард. Абдулатиф баъди ба даст овардани ҳокимияти Самарқанд нисбат ба Абусаид низ кинаю адоват дошт ва пайваста душманӣ меварзид. Дар ин бора гуфтаҳои Мирхонд шаҳодат медиҳанд: «Мирзо Абдулатиф баъд аз қатли падар ӯро (султон Абусаидро Г.Ҳ.) маҳбус сохт. Бинобар ғафлати ҳорисон аз ҳабс гурехта, худро ба Бухоро андохт. Баъд аз қатли Абдулатиф, дар он ҷо хуруҷ кард ва дар Турону Туркистон истиқлоли тамом ёфт.» [46, с.150]. Дар ҳолате ки Алишер Навоӣ дар асари худ «Маҷолис-ун-нафоис» роҷеъ ба кушандаи Улуғбек возеҳу равшан баён медорад: «Абдулатиф мирзо аз барои маслиҳати дунёӣ падари пири донишманди худро кушт» [12, с.126].

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ, соли 1462 султон Абусаид маҷбур шуд, ки бори дигар рӯ ба Мовароуннаҳр биёрад, зеро ҳанӯз

муҳосираи дижи Шоҳрухия ба анҷом нарасида буд. Дар чунин вазъият султон Абусаид маҷбур гардид, ки аз Самарқанд ду маротиб барои музокира ба назди шуришчиён равад, аммо ба чизе муваффақ нашуд. Ин дафъа низ султон Абусаид пайҳам се маротиб Хоҷа Аҳрорро барои гуфтушунид, ба назди шуришиён равон кард. Дафъаи сеюм миёни шуришиён ва Хоҷа Аҳрор созиш ба миён омад. Тибқи созиши шуришгарон ва султон Абусаид, тамоми шуришгаронро мебоист раҳо мешуд, ба ғайр аз Муҳаммад Ҷӯкӣ, ӯро бо худ ба Ҳирот овард. Моҳи январи соли 1464 дар қалъаи Ихтиёриддин дар зиндоне, ки ба сурати манора дар миёни ҳисор сохта буданд ҳабс шуд ва дар ҳамон сол вафот кард [46, с.847-848; 4, с.926].

Ҳатто баъди истилои Хуросон аз ҷониби Абусаид фаъолияти Хоҷа Аҳрор бо Мовароуннаҳр маҳдуд нашуд. Соли 1460 Абусаид воқиф шуд, ки амир Нур-Саид, ки дар кӯҳсори назди деҳаи Нури Бухоро зиндагӣ мекард, дар атрофи Самарқанд ва Бухоро ҳуҷум мекунад. Ба назди ӯ шахси боваринок фиристода шуд, то ӯро ба итоат дарорад, дар сурати барор нагирифтани ин кӯшиш ба Абусаид лозим омад, ки ба Хоҷа Аҳрор муроҷиат намояд. Оқибат Нур аз Самарқанд пеш карда шуда, дере нагузашта ба шуришиёни Муҳаммад Ҷӯкӣ ҳамроҳ шуд. Баъд аз ин ҳодиса Хоҷа Аҳрор ба Ҳирот рафта, аз 23 сафар 865/8 декабр то 11 рабеъулаввал 25 декабри 1461 дар он ҷо зиндагӣ мекард. Абусаид бо хоҳиши ӯ ба барҳам додани тамғои Самарқанду Бухоро розӣ шуда, ваъда дод, ки дар оянда тамғо ва ҳамаи он чи ки дар тамоми молу мулк мамнӯъ аст, бекор карда мешавад [70, С.250; 274, С.13-19].

Соли 1464 бори дуюм Ҳусайн Бойқаро ба Хуросон лашкар мекашад. Дар мавзеи Туршиз байни султон Абусаид ва Ҳусайн Бойқаро задухӯрд ба амал меояд, ки боиси шикасти дуюмин мегардад.

Вақте ки султон Абусаид ба ҷониби Озарбойҷон равон гардид, Ҳусайн Бойқаро аз Хоразм ба самти Ҳирот лашкар кашид. Ҳокими

Самарқанд султон Аҳмад, ки писари Абусаид буд, бо 5 ҳазор сипоҳ бар зидди Ҳусайн Бойқаро раҳсипор шуд, аммо дар Андхӯ аз марги падари худ огаҳ шуд. Дар чунин ҳолат бародари ӯ султон Маҳмуд, ки боқимондаи сипоҳи падарашро роҳбаладӣ мекард, бо ӯ якҷо шуда 2 рамазони 873/10 марти 1469 ба Ҳирот зада даромаданд. Хутба ба номи ҳар ду бародар хонда шуд. Вале аҳолии Ҳирот ба онҳо итоат накарда, онҳоро аз шаҳри худ пеш карданд. Бародарон ночор рӯ ба Мовароуннаҳр оварданд. 10 рамазони 873/24 марти 1469 Ҳусайн Бойқаро мулки Хуросонро соҳиб шуд. Мовароуннаҳр ба дасти фарзандони Абусаид-султон Аҳмад (1469-1493) ва султон Маҳмуд гузашт. Устод Садриддин Айнӣ давраи зимомдории Ҳусайн Бойқароро «хонаравшанкунии» давлати Темуриён номидааст. Аз ҷумла, чунин қайд мекунад, ки «37-сола айёми салтанати Ҳусайни Бойқаро, баъд аз 22-сола қатлу тороҷ, ки пас аз вафоти Шоҳрух рӯй дода буд, гуфтан мумкин аст, ки нисбатан замони осудагӣ буд. Дуруст аст, ки дар айёми салтанати Ҳусайн Бойқаро аҳолӣ аз зулму тороҷ осуда набуданд, дар ин давра ҳам ҷангҳои байнихудӣ бисёр шуданд, хусусан дар охирҳои умри Ҳусайни Бойқаро писаронаш ба ӯ исён карда мардумро хело поймол карданд» [93, с.17].

Султон Аҳмад, ки бузургтарин фарзанди султон Абусаид буд, пас аз марги падар ҷонишини ӯ шуд ва ба қасди тасарруфи Хуросон озими он диёр гардид чун ба Андхуд расид иттилоъ ёфт, ки султон Ҳусайн Бойқаро Ҳиротро ба зери тасарруфи худ даровардааст. Сипас, султон Аҳмад рӯ ба ҷониби Самарқанд овард ва то дами маргаш соли 899/1494 дар Самарқанду Бухоро дар сари қудрат буд.

Мирхонд ду бахши калони асари худро зери унвони «Гуфтор дар озим шудани хоқони мансур ба ҷониби Ҳисори Шодмон ба тасхири мулки султон Маҳмуд ва аз он ҷо мурочиат ба савби Қундуз намудан» ва «Гуфтор вафоти султон Аҳмад мирзо дар Самарқанд ва азимат намудани

хоқони мансур ба савби Балх ва аз он ҷо ба ҷониби Ҳисори Шодмон» бахшидааст. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки султон Аҳмад мирзо, ки писари бузурги султон саид Мирзо буд, дар билоди Самарқанд салтанат менамуд, дар ғурраи зулқайда санаи 899 вафот кард. Писари ӯ мирзо султон Маҳмуд аз ин ҳодиса огаҳ шуда аз Ҳисор рӯ ба Самарқанд овард. Бояд зикр кард, ки Самарқандро бе муқовимат ба зери тасарруфи худ даровард. Дере нагузашта султон Маҳмуд низ вафот кард. Ба ҷойи ӯ писараш мирзо Бойсунғур дар Самарқанд ба сари қудрат омад. Бояд зикр кард, ки бо ба сари қударати Самарқанд бародари дигари ӯ мирзо султон Алӣ бо ӯ дар мухолифат қарор гирифт. Бойсунғур ӯро дастгир ва ба чашмонаш мил кашиданд, лекин ба чашмонаш осебе нарасид. Сипас, писари калонии султон Алӣ султон Маҳмуд, ки дар Ҳисори Шодмон қоиммақоми падар буд, вақте ки аз фавти падараш огаҳ мешавад, дар мулки худ сикка ва хутба ба номи худ зад [47, с.132134].

Пас аз чунин ҳолат амир Хусравшоҳ, ки яке аз амирони наздики Ҳусайн Бойқаро буд ва аз ӯ итоат мекард ва мулки Қундузу Бақлон ба ӯ вогузор шуда буд, сар мебардорад. Аз ин вазъият Ҳусайн Бойқаро огаҳ шуда озими тасхири он вилоят шуд. Бо ҷамъ намудани сипоҳи бешумор дар таърихи авоили санаи иҳди ва тисмия инони азимат ба ҷониби Балх кард ва қосиде ба самти Астаробод ба назди султон Бадеуззамон фиристод ва пайғом фармуд, ки бо сипоҳи Ҷурҷон мутаваҷҷеҳи оби Омуя гашта бо лашкари ӯ ҳамроҳ шавад. Бадеъузамон зимоми умури вилояти Ҷурҷонро дар қабзаи иқтидори шоҳзода Муҳаммад Муъмин мирзо ниҳод, худ бо лашкари падараш дар балх ҳамроҳ шуд. Рӯзи чаҳоршанбе бисту сеюми ҷумодиулохир озими вилояти Ҳисори Шодмон шуданд. Пас аз задухӯрди шадид Ҳисорро ба зери тобеияти худ даровард[47, с.135-136].

Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки муносибати Ҳусайн Бойқаро бо писари худ Бадеуззамон барои ҳокимияти Астаробод сард мегардад.

Байни падару писар дар мавзеи Дараи Пулчароғ задухӯрди шадид ба амал омад, ки «аз хуни куштагон ранги ёқут румонӣ гирифт, сафҳаи ханҷари алмос асар аз ҳалқ афтод конгуна лаъли Бадахшон пазируфт» [47, с.145].

Ҳамин тавр, дар асари «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд рафти лашкаркашиҳои Темур ва Амироншоҳро ба Хуросон, вазъи сиёсии Хуросон дар арафаи ҳуҷуми Темур, задухӯрдҳои шадиди аҳолии Ҳирот бо Темур, махсусан кушта шудани намояндагони Темур дар Ҳирот аз ҷониби Муҳаммади Ғурӣ ба таври хеле муфассал тасвир ёфтааст. Ҳамзамон, Мирхонд роҷеъ ба кушторҳо, қатли ом, бунёди калламанораҳо, талаву тороҷ кардани аҳолии осоишта, вайрону валангор кардани Хуросон низ бештар диққат додааст.

# БОБИ 3. АВЗОИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ХУРОСОНИ БУЗУРГ ДАР АСРИ XV БАР МАБНОИ АХБОРИ «РАВЗАТ-УС-САФО»

## 3.1.Вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ

Тохтутозҳои пайдарпаи дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳаёти иҷтимоии мамлакат зарбаи сахт расонда, аҳволи оммаи мардуми меҳнатӣ ва илму адабро ниҳоят бад кард. Гуруснагӣ ва қаҳтӣ саросари Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифт, ки ҳатто ба қавли муаллифи «Равзат-ус-сафо» ҳодисаҳои тарк кардани мардум Хуросонро дар ин давр пеш омада будааст. Пас аз марги мирзо Бобур дар дохили мамлакат вазъият боз ҳам вазнинтар гардидааст.

Дар байни намояндагони Темуриён зиддиятҳои тоҷутахтталаби хеле шиддат пайдо карда, ба ҳадди охири худ расида буд.

Дар натиҷаи задухӯрдҳои пай дар пай, ки ҳар кадом аз ҳокимон саъю талош мекард, ки минтақаеро ба зери тасарруфи худ дарорад, ки ҳамаи ин боиси вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот ва гурӯснагӣ мегардид. Авзои сиёсии соли 861/1456-и Хуросонро аксари таърихнигорони асрҳои миёна, аз ҷумла муаррих Мирхонд дар асари худ «Равзат-ус-сафо»чунин тасвир мекунад: «...қавофили балоё дар вилояти Хуросон боз кушод чу он мамлакат аз подшоҳи зу шавкат нофузи фармон фармон холӣ монд ва хараҷу мараҷ бо аҳолии мамлакат роҳ ёфт» [17, с.807, 1, с.821, 18, с.190].

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» менависад, ки «...дар чаҳоруми ҷимодулохир ба дорусалтанати Ҳирот нузул фармуд (Шоҳрух Ҳ.Ҳ.) ва дар он айём дар билоди Хуросон умуман дар шаҳри Ҳирот хусусан қаҳтӣ ва асрате рӯй намуд, ки ҳаргиз қариб бад-он воқеъ нашуда, чунончи баҳои як ман ғалла ба вазни шаръ ба се динор капак расид ва

аксар халоиқ ба дидани қурси моҳ ва хуршед қаноат менамуданд... « [46, с.536].

Бояд зикр сохт, ки маҳз лашкаркашиҳои пайдарпайи Шоҳрух ва дигар амирони ин хонадон дар ин ё минтақа боиси қаҳтию гуруснагӣ оммаи халқ мегардид.

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ пас аз вафоти Абулқосим Бобур аз аҳолии Ҳирот ва навоҳии гирду атрофи он андозҳои барзиёд ҷамъ намуданд, ки ин боиси сар задани ошӯбҳо гардид. Муаллифи «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот», Замчии Исфизорӣ роҷеъ ба яке аз лашкариёни мирзо Абулқосим Бобур амир шайх Абусаид аз Сарахс рӯ ба Ҳирот оварда, за сабаби хурдсол будани мирзо Шоҳмаҳмуд, ки ҳамагӣ ёздаҳсол дошт, ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ даровард ва ба сари аҳолии Ҳирот андози «саршумор» бор кард, ки давоми 2-3 рӯз бо пул ситонид нисбат ба дигар манобеи таърихӣ тавзеҳи бештаре додааст. Исфизорӣ иттилоъ медиҳад, ки дар ин сол се мол ва се шукрона аз раоё ситониданд, аввал: Шоҳмаҳмуд мирзо, дуввум: султон Иброҳим мирзо, саввум: мирзо Абӯсаид [18, с.203, 1, с.810]. Бояд зикр намуд, ки бо дастури амир шайх Абӯсаид андози саршумор чанд маротиб боло бардошта шуд, ки ин ҳолат боиси исён бар зидди бедодгариҳои ҳукуматдорон гардид.

Азбаски аҳолӣ имкони пардохти маблағи заруриро надошт, бисёриҳо мавриди шиканҷа қарор гирифтанд, ки аз он бисёр одамон ҳалок шуданд, як ҳайати амирон борҳо бо хоҳиши кам кардани андоз ба назди амир шайх Абусаид, ки он замон берун аз шаҳр буд, рафтанд, вале ӯ ба ҳеҷ гузаште розӣ нашуд. Сипас фармондеҳи Бобур амир Шер Хоҷа

ҳамроҳи шоҳзода мирзо Шоҳмаҳмуд, ки он вақт дар Боғи Зоғон, қарор дошт, вориди шаҳр гардида, ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ даровварда аз аҳолӣ даъват ба амал овард, ки ҳеҷ кас андоз насупорад ва он чизе ки супориданд бозпас гиранд. Дар ин зимн мардум аз ин кирдори золимонаи шайх Абусаид изҳорӣ норозигӣ намуда, аз амир Шер Хоҷа дастгирӣ карданд. Мардуми ба ғазаб омада шайх Абусаидро дар куҳи Мухтор дастгир ва ба қатл расонданиданд ва сари ӯро аз тан ҷудо карда ба дарвозаи Малик овехтанд [1, с.795, 18, с.192-193, 17, с.807-808, 24, с.63-64, 14, с.358, 3, с.36]. Сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки пас аз марги Абусаид муборизаҳои байниҳамдигарӣ ва худсариҳои амирон шиддат гирифт, ки дар натиҷа вазъи мардуми Ҳирот, махсусан тоҷикон вазнин гардид.

Маълум аст, ки дар ибтидои моҳи июли соли 1470 дар Ҳирот шуриши сокинон оғоз ёфт, ки дар натиҷаи суйистеъмоли андоз ба амал омадааст. Дар ин вақт ба Ёдгор мирзо муяссар шуд, ки аз шуриши халқ истифода бурда, Ҳиротро ишғол намояд [5, с.1037; 56, с.54; 96, с.146; 147, с.230]. Аммо, дере нагузашта Ёдгор мирзо асир гардида аз ҷониби Ҳусейн Бойқаро ба қатл расонда шуд. Пас аз ин ҳодиса султон Ҳусайн амр дод, ки аҳолиро аз андозҳои иловагӣ ва хароҷоти нигоҳдории лашкар дар давоми ду сол озод кунанд.

Бино ба ахбори манобеи таърихӣ солҳои 70-уми асри XV ҳукумати султон Ҳусайн Бойқарор бухрони шадиди молиявӣ фаро мегирад. Омили асоси ин буҳрони молияви харҷҳои беҳуда, аз ҷониби дигар пайваста ба айшу нуши султон Ҳусайн Бойқаро ва фарзандонаш боиси тиҳӣ гардидани хазинаи давлат шуд. Аз ҷониби дигар вазъи иқтисодии мардуми кишвари ин минтақа дар натиҷаи афзоиши андозҳо ва худсарии мансабдорон торафт бо

вазнин шудани зиндагии мардум оварда мерасонад вазнинтар мешавад, ки дар натиҷа норозигии оммаи халқро ба вуҷуд меоварад.

Ҳусайн Бойқаро барои мустаҳкам кардани иқтидори давлатиаш, ки доимо аз ҷониби туркманҳо таҳдид мешуд, баъзе чорабиниҳо андешид, задухӯрд ва норозигии умарои саркаш ва наздикони худро, аз байн бурд. Хуросонро аз ҳуҷуми беруна эмин сохт.

Аз солҳои 1469-1470 сар карда, дар баъзе қисматҳои Хуросон нисбатан осудагӣ барқарор гардид.

Бино ба ахбори Мирхонд аз ҷониби намояндагони амир Ҳусейн Бойқаро аз аҳолӣ, андозҳои вазнин ва иловагӣ ситонида мешуд, ки ин ҳолат боиси сар задани исёнҳо дар ин ё он минтақа мегардид. Амир Ҳусайн Бойқаро ба хотири ором гардидани вазъи Хуросон баъди ба сари қудрат расидан фармоне ба тасвиб мерасонад, ки дигар аз ситонидани як қатор андозҳо ба муддати ду сол аҳолиро озод намояд [45, с.1048; 56, с.62; 96].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо Шоҳрух низ ба монанди Темур бо мақсади ба ҷониби худ моил сохтани амирон, лашкар ва фарзандонаш вилоятҳои Ҳисори Шодмон, Дамғон, Сарахс, Андхуй ва Хоразмро ҳамчун суюрғол инъом кард. Аз ҷумла, ба фармоиши ӯ вилоятҳои Кобул, Ғазна ва Қандаҳорро ба яке аз писаронаш Суюрғатмишхон ҳамчун суюрғол ҳадя карда шуд.

Ҳамчунин пас аз вафоти Темур яке аз занони ӯро бо номи Тумоноғо Шайх Нуриддин ба занӣ мегирад ва баъд аз кушта шудани Шайх Нуриддин аз тарафи Харқадоқ ин зан низ аз Шоҳрух мулки Куҳсояро ҳамчун суюрғол талаб мекунад. Тавре ки Мирхонд иттилоъ медиҳад: «...дар доруссалтанаи Ҳирот нузул фармуд ва баъд аз чанд рӯз маҳдиулё Тумоноғо расид, он ҳазрат шароити эҳтиром ба ҷой овард ва қасаби Куҳсояро, ки аз Ҳирот то он ҷо қариб понздаҳ фарсах аст, ба садоқи ӯ арзонӣ дошт» [46, с.605].

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ ва беруна дар нимаи дуюми асри XV Хуросонро қаҳтию гуруснагӣ таҳдид кард. Тибқи ахбори Мирхонд аз асари гуруснагӣ «…ҳар рӯз ҳафтод-ҳаштод кас аз гурӯснагӣ ҷон медоданд» [46, с.826].

Дар тақвияти суханони худ Мирхонд, иттилоъ медиҳад, ки соли 1459 ба султон Абусаид хабар медиҳанд, ки дарвозабонони шаҳр аз ҳар деҳқононе, ки ғалла ва мева ба шаҳр ворид мекунанд, маблағи муайяне аз онҳо ғайриқонунӣ мегиранд. Султон Абусаид дастур медиҳад, ки аз ин рӯз пас дарвозабон аз ҳеҷ кас маблағ наситонанд дар ҳолати такрор шудан ба ҷазо ё сиёсат кашида хоҳанд шуд [46, с.606].

Бино ба ахбори муаррихони дарборӣ Исфизорӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ ва Хондамир январи соли 1462 дар Ҳирот Хоҷа Муизуддини Шерозӣ ва Шайх Аҳмад Саррофро ба тамаҷҷӯйи гунаҳгор донистанд ва бо фармони Абусаид шайх Аҳмадро дар назди «Дарвозаи малик» пӯсташро аз танаш ҷудо карда, бо азобу машаққати зиёд ба қатлаш оварданд. Бо ҳамин минвол як рӯз пас Хоҷа Муъизуддинро дар деги оби ҷӯшон партофтанд, сӯхта ба ҳалокат расид [46, с.843; 70, с.260].

Баъд аз чунин ҳолат амир Абусаид дастур дод, ки дигар аз мардум андози «зари лашкар» ва «номбардор» гирифта нашавад. Ҳамчунин, фармоне интишор сохт, ки дигар аз мардум ситониданӣ андози «зари лашкар» ва «номбардор» манъ аст. Ин фармонро дар рӯйи санге навишта карда ва дар назди масҷиди ҷомеъ васл карданд, то ҳамагон аз он бохабар бошанд.

Чунин иқдоми амир Абусаидро муаррихон Мирхонд, Абдураззоқи Самарқандиро Исфизорӣ ва Хондамир низ тасдиқ мекунанд [46, с.843; 70, с.261; 96, с.81].

Бино ба ахбори Мирхонд дар аҳди зимоми амир султон Ҳусейн Бойқаро, вақфҳои Хуросон бениҳоят зиёд шуд, дар чунин ҳолат, як садр аз уҳдаи ҷамъоварии онҳоро надошт. Сипас, амир Ҳусейн Бойқаро маҷбур гардид, ки ду садри дигар дар Хуросон таъйин намояд [46, с.488].

Бояд иқрор шуд, ки тақсимоти суюрғол на танҳо дар аҳди Темурланг равнақу ривоҷ ёфта буд, балки амир Шоҳрух низ аз ин иқдоми падари худ даст накашид. Аз ҷумла, амир Шоҳрух дар замони зимоми худ чунин мавзеъҳоро ба амсоли Ҳисори Шодмонро ба мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир, Узгандро ба Мираки Аҳмад, Қандаҳору Кобул, Ғазнаро то Синд, ба амир Кайду, Балх, Тахористонро то Бадахшон ба писари худ Иброҳим султон бахшид [4, с. 104-108-109-110].

Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки Шоҳрух пас аз ба даст овардани Мовароуннаҳр рӯ ба ҷониби Марв овард. Бояд гуфт, ки ин шаҳри тоҷикнишин дар замони Чингизхон бо оташи қаҳри писараш Тулӣ сӯхта буд ва ба ҷуз хоку хокистар аз абния ва иморати он асаре намонда буд. Дар «Равзат-ус-сафо» омадааст, ки :»...бо мазоин азимати фармони қазо ҷараёни нуфоз ёфт, ки аз маҷмӯи билоди Хуросон аз дуру наздик ва турку тозик рӯй бад-он муҳим оварданд ва халоиқ бар ҳасби фармон корбанд шуданд ва бо эҳтимоми амир Алика Кукалтош, амир Мусо ва амир Шақоқӣ вилояте бо он харобӣ ва вайронӣ дар андак замоне ба камолӣ маъмурӣ ва ободонӣ расид» [46, с.596].

Тавре ки сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ҳар як шоҳзода саъю талош мекард, ки дар ба даст овардани суюрғол мулкҳои калон ва сернуфузро ба даст биёрад. Аз ҷумла, ҳангоми тақсимоти Шоҳрух чунин шаҳрҳои бонуфуз ба монанди Тӯс, Машҳад, Симнон, Домғон, Нисо, Хабушон, Абеверд, Эрони ғарбӣ ва Ироқ насиби шоҳзода Бойсунқар гардид [4, с.208; 360, с.17].

Соли 1413 байни Шоҳрух ва Искандар ҷанг сар зад, ки бо шикасти дуюмин ба анҷом расид. Бояд гуфт, ки соли 1416 бо кушта гардидани Искандар аз ҷониби Шоҳрух муттаҳидкунии давлати Темуриён анҷом ёфт.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар натиҷаи ҳуҷуми аҷнабиёни муғул на танҳо авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон, балки вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Сипоҳиёни муғул дар баробари куштору қатли ом, инчунин ба вайрону валангор кардани шаҳру деҳот, талаву тороҷи аҳолӣ даст заданд, ки ҳамаи ин ба вазъи хоҷагии қишлоқ таъсири зиёд расонд. Аз ҷумла, онҳо заминҳои зиёди киштро ба чарогоҳҳо мубаддал сохтанд ва мардуми бумӣ, маҷбур шуданд, рӯ ба кӯҳистон биёранд.

Бояд гуфт, ки оид ба вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳди Темуриён муаррихон маълумоти бештар надодаанд. Лашкаркашиҳои пай дар пай барои пахши исёнҳо ва саркӯбии исёнгарон харҷи зиёдро талаб мекард. Аз ин рӯ, дар солҳои охири ҳукумати амир Ҳусайн Бойқаро давлат ба мушкилоти молӣ дучор шуд. Ҳамзамон, дар аҳди Темуриён, касалиҳои зиёди сироятӣ пайдо шуд, ки ин хоҳ-нохоҳ ба фавти мардумон ва холӣ гардидани шаҳру деҳот аз аҳолӣ мегардид. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ касалиҳои сирояткунанда ба монанди вабо ва тоун дар ин давра зуд-зуд сар мезад. Аз ҷумла, шадидтарини он касалии тоун, ки соли 1435 дар Ҳирот пайдо шуд,.ки дар натиҷа мардум барои аз марг раҳо ёфтан макони зисти худро тарк менамуданд. Ҳамчунин аз ин бемори мардуми зиёд ба ҳалокат расиданд.

Яке аз фаслҳои асари Мирхонд «Зикри садри хоқони мағфур» ном дошта дар он аз ҷумла, омадааст, ки дар аҳди ҳукумронии Ҳусайн Бойқаро билоди Хуросон ба мартабае расида буд, ки як кас аз уҳдаи забти он берун наметавонист ва ӯ ду касро ба ин мансаб таъйин мекард. Мирхонд дар асари худ номи 14 нафар садрҳоро, ки дар ин

мансаб кор кардаанд, аз ҷумла, Сайид Ҷалолиддин Ҳамзаи Андхудӣ, Мавлоно Қутбиддини Хавофӣ, Хоҷа Камолиддин Ҳусайн ибни Хоҷа Ҷалолиддини Бармакӣ, Ҳофиз Муиниддин, Муҳаммади Андиҷонӣ, Хоҷа Ғиёсиддини Одилшоҳ, Мирак Ҷалолиддини Қосим, Қозӣ Бурҳониддин, Саид Ғиёсиддини Муҳаммад, Мавлоно Ғиёсиддини Ҷамшед ва дигарон возеҳу равшан маълумот додааст. [47, с.250-259].

Аз ҷумла, муаллиф роҷеъ ба Мавлоно Қутбиддини Хавофӣ чунин овардааст: «...дар бисту савуми муҳаррам алҳаром санаи арбаъ ва тисъин ва самонмоя ба сабаби афсоди аҳли фасод мувахазу муқайяд гашт ва дар ҳабдаҳ рӯз маблағи яксаду панҷоҳ ҳазор динор капак фармуд оварданд ва дар ошири сафар навбати дигар тарбиятёфта хилъати садорат пӯшид» [47, с.250-259].

Тибқи гуфтаи Хондамир шаклҳои гуногуни тархондиҳӣ ва вақф басеривоҷу равнақ ёфта буд. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки бештар гардидани даромади вақфро чунин дарк кардан мумкин аст, ки аз вақфҳои мазори Шайх Луқмони Парранда соле саду панҷоҳ ҳазор динор даромад ба даст меомадааст [47, с.250].

Роҷеъ ба зулму истибдоди ин давраи таърихӣ нисбат ба мардум адабиётшиноси тоҷик Афсаҳзод хеле воқеъбинона инъикос кардааст. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки «Зулми феодалӣ бо ҷангу ғорат, қатли ом, кушторҳои бардавом, бесарӣ, андозситониҳои даҳшатовар, маҷбуран бемузд кор фармудани деҳқонону ҳунармандон (бегор) ва маҳрум гардидани аҳли заҳмат аз замину об маҳдуд намешуд» [98, с.20].

Ҳамин тариқ, дар аҳди Темуриён авзои иҷтимоӣ, иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV хело

даҳшатбор буд. Тибқи иттилоъи муаллиф, дар натиҷаи ҷангҳои пай дар пай, вайрону валангор кардани шаҳру деҳот, корношоям гардидани заминҳои кишт, пайдоиши касалиҳои сироятӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ аз мардум ҳамаи ин боису хонабардуш гардидани аҳолӣ дар минтақа гардид.

### 3.2.Ҳаёти фарҳангӣ

Роҷеъ ба авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи таҳқиқшаванда, бояд иброз дошт, ки асару мақолаҳои зиёде аз ҷониби муаррихон ва адабиётшиносон ба тасвиб расидааст. Муаллифони асримиёнагӣ ва муосир аз диди худ нисбат ба ин давраи таърихӣ хулосабарорӣ кардаанд. Мирхонд низ дар асари худ «Равзат-ус-сафо» ба бисёр паҳлуҳои илмию адабии ин давраи таърихӣ равшанӣ андохтааст. Як ҷиҳати хоси асари Мирхонд он аст, ки муаллиф на танҳо дар хусуси муаррихону шоирони аҳди худ ва ҳаёти адабию илмӣ-мадании давраи онҳо, балки роҷеъ ба касбу кори онҳо дар замони Мирхонд, инчунин ба эҷодиёти муаррихони пешин низ маълумоти ҷолибе медиҳад.

Бино ба ахбори Мирхонд дар асрҳои XIV-XV донишҳои таърихӣ хеле рушду нумӯ кардааст.

Аз рӯи маълумоти манбаъҳои таърихию адабӣ ва осори хаттии то имрӯз боқимонда чунин бар меояд, ки дар давраи мавриди таҳқиқ як қатор ҳокимону амирони Мовароуннаҳру Хуросон ба адабиёт хусусан ба шеъру шоири майлу рағбат доштанд. Адабиётшиноси тоҷик Аълохон Афсаҳзод вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XV-ро мавриди омӯзиш қарор дода чунин қайд мекунанд: «Аз охири солҳои 40 то ибтидои солҳои 60-уми асри 15 ҳаёти адабии кишварҳои форсизабон нисбатан суст ҷараён ёфта, махсусан

доираҳои адабии Ҳирот ва Самарқанд басе заиф мегарданд. Вале аз миёнаҳои солҳои 60-ум бо сарпарастии Ҷомӣ дар Ҳирот ҳаёти адабӣ оҳиста-оҳиста ҷон мегирад» [98, с.20].

Бино ба ахбори манобеи таърихӣ, солҳои нахустини давлатдории амир Ҳусайни Бойқаро, ки дар паҳлӯяш Алишери Навоӣ қарор дошт, вазъии минтақа ба эътидол омада буд. Маҳз ҳамин вазъи ороми кишвар, сабаби рушду нуму ва тараққи кардани соҳаҳои мухталиф дар Хуросон гардид.

Бино ба ахбори муаллифи «Равзат-ус-сафо», ҳаёти илмӣ-маданӣ дар дуюми асри XV дар Мовароуннаҳру Хуросон ривоҷу равнақ гирифт. Аз ҷумла, Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки хусусан илмҳои таърих, нуҷум, тиб, риёзиёт, адабиётшиносӣ, санъати рассомӣ, наққошӣ, меъморӣ рушду нумӯ кардаанд. Ҳамзамон муаллиф дар асари худ роҷеъ ба ному лақаб, ҷойи таваллуду зиндагӣ, касбу кор, тӯли умру таърих ва маҳалли вафот, мавзеи оромгоҳ, воқеаҳои муҳимтарини зиндагии муаррихон ва замони ӯ маълумот ва ба эҷодиёти онҳо баҳо дода, аз осори онҳо намунаҳо меорад.

Муаллифи «Равзат-ус-сафо» як бахши калони асари худро зери унвони «Дар зикри нақбои гиромӣ ва уламои аъзом ва табақаи фузало ва зарфаи аҳли ҳунар ва тоифаи шуаро ва мардуми донишвар, ки дар билоди Ҳирот ва соири вилоёт дар замони хоқони мансур мағфур будаанд» ба ин давра бахшидаанд. [46, с.259-304]. Аз ҷумла, муаррих шарҳи ҳол ва осори муаррихони ин давраи таърихӣ ба амсоли Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаи баҳрайн» (1466-1480), Муиниддини Исфазорӣ «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинат-ул- Ҳирот» (1491-1494), шоирон Абдураҳмони Ҷомӣ, Мавлоно Юсуфӣ, Хоҷа Масъуди Қумӣ, Мавлоно Муҳаммад ибни Ҳисомиддин, Мавлон Биноӣ, Мавлоно

Низомиддини Астарободӣ, Мавлоно Муҳаммад Бадахшӣ, Мавлоно Нуриддин Муҳаммад, Мавлоно Риёзӣ, Мавлоно Ҳасаншоҳ, Мавлоно Ҳотифӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, ва рассомон Мавлоно Ҳоҷӣ Муҳаммад, Хоҷа Мирак Наққош, Камолиддини Беҳзод, маълумот додааст. Зимнан бояд қайд кард, ки муаррих дар баробари муаррихон, шоирону рассомон як қатор шахсиятҳои диниро низ дар асари худ ҷой додаанд.

Дар «Равзат-ус-сафо» муаллиф роҷеъ ба муаррихони аҳди Темуриён Абдураззоқи Самарқандӣ ва Ҳофизи Абрӯ чунин менигорад: «Мавлоно Камолиддин Абдураззоқ дар ин мақом татабуъи Ҳофизи Абрӯ карда мегӯяд, ки умаро хостанд, ки....» [46, с.42].

«Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд махсусан барои омӯхтани таърих ва адабиёти асри XV арзиши баланди илмӣ доранд. Муаллиф дар ҷилди 7-уми асари худ дар бораи як қатор шахсиятҳои бузурги динӣ низ маълумот медиҳад.

Муинуддини Исфизорӣ оид ба бузургии Абдураҳмони Ҷомӣ бори дигар шаҳодат хоҳад дод: «Соҳибдавлате, ки гарданкашони ақолими илму ирфон аз ақсои билоди Ҳинд то интиҳои мамолики Руму Фаластин ва сарҳади Хитой ва Чину Мочин то навоҳии Булғору Сақсин сар бар хати иродаташ ниҳодаанд ва дар тамоми ақсоми улуми ҳақоиқ ва ҷамеи қавонину одобу фазоил ва асолиби маорифу авориф ҳазраташро имому пешво ва муқаддаму муқтадо медонанд ва медоранд» [56, с.26-27]. Сарчашмаҳои таърихӣ аз он далолат мекунанд, ки ин суханон, нисбат ба шоири бузург, воқеан худситоӣ набуда, балки ҳақиқати маҳз мебошад. Бояд иброз дошт,

Абдураҳмони Ҷомӣ, на танҳо дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон, балки берун аз он ба худ шуҳрати хосса дошт.

Бояд гуфт, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар шеърҳои худ пайваста зулму истибдоди шоҳонро нисбат ба мардуми оддӣ инъикос мекард. Масалан, дар мақолаи сездаҳуми «Туҳфат-ул-аҳрор» вайрону валангор кардани шаҳрҳо ва боғҳоро аз ҷониби Темур чунин тасвир мекунад:

Зулми туро бех чу маҳкам шавад,
Зулми ту зулми ҳама олам шавад.
Хоҷа ба хона чу бувад дафсарой,
Аҳли сарояш ҳама кӯбанд пой.
Шаҳре аз осеби ту ғорат шавад,
То-т яке хона иморат шавад.
Кош кунӣ тарки иморатгарӣ,
То накашад кор ба ғоратгарӣ.
Боғе аз осеби ту гардад талаф,
Тот-дарояд таҳи себе ба каф.
Беҳ, ки аз ин себ шикебат барат,
Варна ба ҳар себ ҳасибат барад.
Меваю мурғи сари хонат муқим,
Аз ҳарами беваю боғи ятим.
Матбахият ҳима зи хӯи дурушт,
Мекашад аз пуштаи ҳар кӯзпушт.
Бози туро миршикорон ба фан,
Тӯъмадеҳ аз кӯжаи ҳар пиразан.
Борагии хоси туро ҳар пасин,

Коҳу ҷав аз тӯбрае хӯшачин.

Гӯши канизони туро дода баҳр,

Аз зари дарюза гадоёни шаҳр [99, с.344].

Шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс низ роҷеъ ба ваҳшониятҳои Темуриён аз диди А.Ҷомӣ чунин менигорад: «Ҷомӣ аз ҳақиқат чашмпӯшӣ намекунад. Ӯ мебинад, ки сохтмонҳои муҳташами темуриён, ки ҳанӯз ҳам мо аз ёдгориҳои он ба ҳаяҷон меоем, дар натиҷаи истисмори мудҳиштарин ба вуҷуд омада, боигарии ҳокимон бо роҳи хароб гардондани вилоятҳои тамом ҷамъ оварда шудааст. Амирон ҳатто парвое ҳам надоранд, ки барои қонеъ гардондани ҳавасҳои онҳо охирин бурдаи нони бенавоён ситонида мешавад» [111, с.259].

Ҳамчунин Абдураҳмони Ҷомӣ дар мақолаи чаҳордаҳуми «Туҳфат-ул-Аҳрор», ки онро «Дар ишорат ба ҳоли вазирон ва дабирон, ки рақами адолат ва зулм бар сафаҳоти айём ва рашаҳоти ақломи эшон аст» ном бурдааст, роҷеъ ба вазифаҳои амирон дар назди мардум маълумот додааст. Аз ҷумла, оид ба вазири Ҳусайн Бойқаро Маҷиддин аз хараҷу мараҷи беҳуда хазинаи давлатро тиҳӣ кард.

Мирхонд дар баёни вазирони худ фасле бо номи «Дар баён ва зикри ҷамъе ки дар айёми давлати хоқони ҷаннатмаконӣ ба мансаби вазорат расиданд» дорад ва дар ин ҷо аз фаъолияти вазирон ба монанди Хоҷа Қутбиддин Товуси Симнонӣ, Хоҷа Шамсиддини Марворид, Хоҷа Сайфиддин Музаффари Шабонкора, Хоҷа Аминиддин Муҳаммад, Хоҷа Алоуддин Алии Майкоил, Хоҷа

Неъматуллои Сурх, Саидзайнулобиддини Алӣ, Хоҷа Муизиддини Ҳусейн маълумот додааст.

Ҳамчунин муаллиф дар асари худ роҷеъ ба шарҳи ҳоли як қатор, шоирону адибон, таърихшиносон ва осори онҳо маълумот додааст. Аз ҷумла, оид ба муаррих Мавлоно Муиниддини Исфизорӣ чунин қайд мекунад: «Умдаи мутарсилони худ буд ва ба назму ашъор низ машғул менамуд. Ва аз ҳусни хатти таъаллуқ баҳраи тамом дошт ва аксар авқот ҳимат бар таълими қавоиди он мегошт аз ҷумла муаллифоташ таърихи билоди Ҳирот ва тарасули муштамал бар маншооти маноширу мактубот, ки дар миёни мардум машҳур аст ва аз ашъораш ин матлаъ...» [47, с.280-281].

Байт

На сурма аст, он ки мебинӣ ба чашми ҳар пари пайкар,

Ки аз ғавғои чашмаш мекунад хок сияҳ бар сар.»

Бояд иқрор шуд, ки маҳз дар нимаи дуюми асри XV хусусан дар Хуросон санъати тасвирӣ ривоҷу равнақ ёфта буд. Яке аз симоҳои саршиносӣ санъати наққоши Камолиддини Беҳзод ба ҳисоб мерафт. Аз ҷумла, Мирхонд санъати баланди Беҳзодро бо байте чунин инъикос кардааст.

Байт:

Мӯйи қаламаш зи устодӣ,

Ҷон дода ба сурати ҷомодӣ.

Бояд қайд кард, ки асарҳои офаридаи рассом Камолиддини Беҳзод то имрӯз на танҳо дар байни рассомон, балки доираи васеи хонандагон арзишӣ баланди илмӣ доранд.

Бино ба ахбори сарчашмаҳои таърихӣ воқеаи пурғавғое, ки дар солҳои зимомдории Ҳусайн Бойқаро ба вуқуъ пайваст, ин нуфузи тасаввуф ба ҳисоб мерафт. Соли 1480 дар наздикии Балх қабри Алӣ ибни Абетолиб-чаҳорумин ёр ё халифаи Муҳаммад пайғамбар гӯё дарёфт шуд. Аслан бояд қайд кард, ки пайдоиши қабри Алӣ дар Хуросон ривояте беш нест. Аҳли хурофот дар Мовароуннаҳру Хуросон мардумро ба гумроҳи бурда бо ҳар роҳу восита пул меситониданд. Ҳусайни Бойқаро дар мадрасаи Гавҳаршодоғо оид ба дурустии ин ақида бо Ҷомӣ баҳсу талош кард. Бояд зикр кард, ки А.Ҷомӣ ва тарафдорони ӯ аз мавҷудияти қабри Алӣ дар Балх худдорӣ карданд. Ба ҳамаи талошҳои Ҷомӣ нигоҳ накарда Ҳусайн Бойқаро кашфи мақбараи Алиро қабул карда, шахсан ба Балх меравад. Баъд аз бозгашт бо дастури Ҳусайн Бойқаро дар болои он қабр иморат сохта мешавад ва то имрӯз ин қабрро мардумони зиёд зиёрат мекунанд.

Мирхонд дар ин фасли асари худ на танҳо лаҳзаҳои асосии тарҷумаи ҳол ва касбу пешаи шоиронро муайян кардааст, балки аз хусуси камолоти маънавии онҳо низ хабар додааст. Маълум мешавад, ки аксари шоирони машҳур бо камолоти дигари илмию маънавӣ ҳам ороста буданд. Аксари онҳо хусусан дар илми иншо ва санъати хаттотӣ, киба табъу завқи аҳли шеър қаробати наздик дорад, маҳорати хосса доштаанд. Баъзеашон дар дигар илму фанни замон донише ба ҳам расонидаанд.

Ба ин тариқа, Мирхонд ҳангоми баёни тарҷумаи ҳоли шоирон ба як қатор масоили сиёсӣ ва иҷтимоию динии замонааш ҳам эътибор додааст. Илова бар ин вай дар қисмати баёни тарҷумаи ҳоли шоирон ба касбу пешаи онҳо, ки аз рӯи он касби маош мекардаанд, аҳамият медиҳад.

Ҳамин тавр, дар осори «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, роҷеъ ба вазъи илму адабиёти нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, осори муҳаққиқону адабиётшиносон, хаттотӣ, санъати меъморӣ, наққошиву кошикорӣ, мадраса, мадрасаҳои Ҷомӣ, Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ, Работи Сари Хиёбон, намояндагони аҳли ҳунар дар адабиёт маълумот додааст.

# ХУЛОСА

Аз натиҷаҳои омӯзиш ва таҳқиқи воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар Мовароуннаҳру Хуросон дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд, таҳлилу баррасии ахбори дигар сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмӣ чунин хулоса метавон бардошт.

Муҳаммад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд маъруф ба Мирхонд, муаррихи форс-тоҷики давраи Темуриён ба шумор рафта, шоҳиди бевоситаи ҳама гуна ҳаводиси таърихӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мебошад ва онро беибо дар рисолааш возеҳу равшан баён доштааст.

Мирхонд бо хоҳиши Алишер Навоӣ асари таърихиашро таҳти унвони «Равзат-ус-сафо фи сирати-л-анбиё ва-л-мулук ва-л-хулафо» навишт. «Равзат-ус-сафо» фарогири матолиби аз бунёди олам то ислом, роҷеъ ба Муҳаммад ва чаҳор халифаи аввал, дар бораи дувоздаҳ имоми аҳли ташайюъ, хилофати Умавиён, Аббосиён, ҳамчунин сулолаҳои муғулҳо ва Темуриён то соли 1469 мебошад.

Бояд қайд кард, ки бо вуҷуди дар чунин сатҳ навишта шудани асар «Равзат-ус-сафо» бо чандин далелҳо арзиш ва қиммати илмии худро, ҳамчун манобеи таърихии аҳди Темуриён, аз даст надодааст:

1. Мирхонд вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро аз воқеаҳои пайдарпайи ҳуҷумҳои хонҳои муғул ба Мовароуннаҳру Хуросон шуруъ мекунад, ки дар ин давра дар Мовароуннаҳр парокандагии сиёсӣ қарор дошта ҳар як амир саъю талош мекард, ки мулки мустақили худро дошта бошад. Тибқи ақидаи муаллифи асар дар нимаи дуюми асри XIV империяи Чағатоиён ба шикастҳои пайдарпай дучор шуд ва дар қаламрави Мовароуннахр зиёда аз 30 мулкҳои ҷудогона ба вуҷуд омад, ки ҳеҷ кадоми онҳо иқтидори бо душманони беруна муқовимат кардан надоштанд. Ҳамлаҳои пайдарпайи хонҳои муғул хусусан ба Мовароуннахр, боиси бухрони шадиди иқтисодӣ ва қашшоқӣ дар

минтақа гардид. Аз чунин вазъияти ба амал омада, аъёну ашрофи қабилаҳои муғул мавқеи худро дар доираҳои ҳукмрон пурзӯр намуданд. Мирхонд алалхусус ба амир Ҳусайн ва Темур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро дар мубориза бар зидди хонҳои муғул ва аз байн бурдани онҳо дар Мовароуннаҳр нишон додааст [3 – М].

2. Мирхонд дар асари худ роҷеъ ба муборизаи амир Ҳусайн ва Темур бар зидди хонҳои муғул Туғлуқтемур, Илёсхоҷа ва дар Ҷанги лой шикасти шармандавори онҳо, роҳи фирорро интихоб кардани онҳо, сар даровардани муғулҳо ба Самарқанд ва шикасти муғулҳо аз ҷониби сарбадорони Самарқанд, бо ҳиллаю найранг аз дасти роҳбарони сарбадорон гирифтани ҳокимият, ҳамчунин ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонидани роҳбарони шӯриш, мухолифат ва ихтилофот байни амир Ҳусайн ва Темур, исёни амир Кайхусрав дар Хатлон бар зидди амир Ҳусайн ва пахш кардани ин исён аз ҷониби амир Ҳусайн ва Темур маълумоти муфассал медиҳад. Зимнан бояд гуфт, ки Мирхонд низ дар баробари дигар муаррихони аҳди Темуриён дар баёни ҳодисоти ин давраи таърихӣ бештар ба таърифу тавсифи ин ду золим пардохтааст. Ҳамчунин дар бораи ҳуҷуми Темур ба Балх ва аз байн бурдани амир Ҳусайн ва фарзандони ӯ назари мусбат дошта, онҳоро душманони Темур тасвир мекунад. Пас аз ба қатл расонидани амир Ҳусайн қалъаи Ҳиндувонро вайрону валангор карда боигарӣ ва сарвату занони ӯро дар байни лашкариёнаш тақсим кард. Сипас рӯ ба Самарқанд оварда ин шаҳрро ба пойтахти давлати худ табдил дода ва нақшаҳои ғоратгаронаи худро алалхусус ба самти Хоразм омода кард. Темур панҷ маротиб пайҳам ба Хоразм ҳуҷум карда шаҳрро вайрону валангор кард ва аҳолии онро ба Самарқанд кӯчонида дар ҷойи он ҷав корид. Ба назари ин муаррих, ваҳшониятҳои содиркардаи Темур дар Хоразм бо айби худи ҳокимони он сар задааст. Бояд гуфт, ки дар мубориза бар зидди Темур

ҳокими Хатлон Кайхусрав низ ҳамроҳ гардид ва дере нагузашта аз ҷониби наздикони Темур дастгир ва ба қатл расонида шуд.

3. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки муаррих ба баъзе паҳлуҳои норавшани ин давраи таърихӣ, хусусан бо кадом роҳу восита зимоми ҳокимият ба дасти Темурланг ва чигуна давлатдорӣ кардани ӯ дар Мовароуннаҳру Хуросон, ибрози назар кардааст.

4. Аз навиштаҳои Мирхонд бармеояд, ки тамоми лашкаркашиҳои Темур дар минтақаҳои Мовароуннаҳру Хуросон, хусусан Хоразм, Андхуд, Сарахс, Пушанг, Ҳирот, Исфароин, Сабзавор ва Систон характери ғоратгарона доштанд. Темур пас аз тасарруфи Хоразм барои ба даст овардани Хуросон талош кард, дар мадди аввал хост онро бе ҷанг ба даст дарорад, аммо ба муқобилияти мардуми Ҳирот дучор гардид [1 – М].

5. Мирхонд аз ба қатл расонидани намояндагони Темур аз тарафи Муҳаммади Ғурӣ ва боиси қаҳру ғазаби ӯ нисбат ба мардуми Ҳирот ва аз Амударё ба ҷониби Хуросон лашкар кашидан, ваҳшониятҳои Темур ва Мироншоҳро нисбат ба мардуми Ҳирот, бунёди калламанора, қатли ом, вайрону валангор кардани шаҳр, талаву тороҷи аҳолӣ, ки ҳамагӣ тоҷикон буданд, зикр мекунад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ кам ба назар мерасад.

6.Муаллиф лашкаркашиҳои Темур ва ваҳшониятҳои ӯро дар минтақаҳои гуногун ҷонибдорӣ намуда, мардуме, ки аз ҷабру ситами Темуриён даст ба исён мезаданд, онҳоро ба зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Мирхонд ин ваҳшониятҳоро то андозае баён кардааст, лекин ҷангҳои пайдарпайи Темур ва Темуриён, хусусан дар минтақаҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон гуногун аз ноадолатона будани онҳо далолат мекунад.

7.Мирхонд иттилоъ медиҳад, ки Темур пас аз ба даст даровардани Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон орзуи ба даст овардани Хитойро

мепарварид ва ноябри соли 1404 ба қасди Хитой Самарқандро тарк карда рӯ ба ҷониби Утрор овард. Дар ин вақт дар Утрор зимистони қаҳратун ҳукмфармо буд, қисми зиёди лашкар ва чорпоёни онҳо аз хунукӣ фавтиданд. Темур бошад аз сардии ҳаво ҳамарӯза ба нӯшидани шароб майл дошт. Аз истеъмоли зиёди шароб фавтид.

8.Зимни инъикоси вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Темур муаллиф асосан ба талошҳои намояндагони хонадони Темуриён, хусусан Халил султон, Пирмуҳаммад ва Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннахр таваҷҷуҳ мекунад. Дар ин ҷо маълумотҳои ҷолиб роҷеъ ба сари қудрат омадани Халил султон задухӯрдҳои Халил султон бо Пирмуҳаммад, лашкаркашиҳои пайдарпайи Шоҳрух, Улуғбек ва Пирмуҳаммад ба Мовароуннаҳр роҷеъ ба ҳарчи зудтар аз сари қудрат дур кардани Халил султон, инчунин хазинаи падари худ Темурлангро ба даст овардан, асир шудани Халил султон аз тарафи Худойдод ва раҳо сохтани Халил султон аз асирӣ, ҳокимияти Мовароуннаҳрро вогузор кардани Шоҳрух ба Улуғбек ба тафсил меорад. Мирхонд зимни тасвир намудани ин задухӯрдҳо ва ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр бо ҳар восита аз Шоҳрух ҷонибдорӣ намудааст [4 – М].

9.Дар асар вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз ба сари қудрат омадани Улуғбек, лашкаркашии ӯ ба Дашти Қипчоқ ва талаву тороҷ кардани ин минтақа аз ҷониби ӯ, вазъи сиёсии нооромии Хуросон ва пахши бераҳмонаи ин исёну ошубҳо аз ҷониби Шоҳрух, Систонро ба харобазор табдил додан. Муаллиф авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро баъди ба сари қудрат омадани Улуғбек ва ҳар сари вақт ташриф овардани ӯ ба назди Шоҳрух ба Ҳирот, хеле муфассал тасвир кардааст. Муаррихони аҳди Темуриён Ҳофизи Абрӣ ва Абдураззоқи Самарқандӣ қайд мекунанд, ки маҳз дар ҳамин давраи таърихӣ муқовимати шадиди Шоҳрух бо фарзандони худ пеш аз ҳама Искандар

идома меёфт. Ҳанӯз кори Искандарро ба анҷом нарасонда дар Мозандарон зидди Шоҳрух исён сар зад ва ӯ маҷбур гардид як идда лашкариёни худро ба ин минтақа фиристад.

Тибқи шаҳодати муаллиф Искандар ҳангоми набарди шадид ба зидди Шоҳрух шикаст хӯрда ба дасти лашкариёни ӯ афтид ва ба дасти бародараш Рустам супорида шуда ба чашмонаш мил кашида мешавад ва бо азобу шиканҷаи зиёд ба қатл расонида мешавад.

10.Дар асар роҷеъ ба сар бардоштани мардуми Бадахшон нисбати намояндагони Шоҳрух Шоҳбаҳоуддин ва ташрифи ӯ ба Ҳирот ва таъйин намудани фарзанди худ Суюрғутамиш ва бо фавҷе аз лашкариён равонаи Бадахшон сохтан маълумот дода шудааст. Дере нагузашта аз ҷониби Бадахшон ба Шоҳрух иттилоъ расид, ки шоҳони он ҷо дам аз исён мезананд. Муаллиф қайд мекунад, ки Шоҳрух барои ба эътидол овардани вазъ яке аз амирони худ Саид Аҳмадро ба расми рисолат ба назди шоҳони Бадахшон мефиристад вале аз уҳдаи ором сохтани онҳо набаромад. Шоҳрух пас аз чунин ҳолат тасмим гирифт, ки як қатор амирон аз қабили амир Шайх Луқмон барлос, амир Иброҳим ва амир Ҷаҳоншоҳ ва дигар сардорони лашкарҳои Қундуз, Бақлон ва Арҳанг ҷамъ оварда дар рикоби мирзо Суюрғутамиш азимати Бадахшон намуд. Ҳанӯз ба Балх нарасида шоҳи Бадахшон Баҳоуддин роҳи созишро пеша кард. Дар баробари лашкари фиристодаи Шоҳрух-Улуғбек низ панҷ ҳазор лашкар барои мадади лашкари падари худ фиристод ва ҳар ду лашкар дар мавзеи Кишм ҳамроҳ шуданд. Дар чунин вазъият Шоҳ Баҳоуддин бо писараш маҷбур шуданд, ки ҳукумати Бадахшон ба тобеияти Темуриён қарор гирад. Шоҳрух баъди аз нав ба тасарруфи худ даровардани Бадахшон дучори исёни писари Пирмуҳаммад Ҷаҳонгир мирзо Қайду дар Балх гардид. Бино ба ахбори манобеи таърихӣ пас аз ба қатл расидани Пирмуҳаммад аз ҷониби Пиралии тоз ҳокимияти Балхро Шоҳрух ба писари ӯ мирзо Қайду дод. Мирзо Қайду бар зидди Шоҳрух

